
5. Совершенствование судебной практики. Для повышения доверия к туристической отрасли необходимо совершенствовать судебную практику. Опыт Китая и ЕС показывает, что оперативное рассмотрение жалоб потребителей и строгая ответственность за нарушения способствуют улучшению качества услуг. В Таджикистане можно создать специализированные судебные органы для рассмотрения споров в сфере туризма, а также разработать четкие механизмы компенсации для пострадавших туристов.

6. Международное сотрудничество. Развитие международного сотрудничества в сфере туризма может способствовать обмену опытом и улучшению стандартов. Таджикистан может активно участвовать в международных организациях, таких как Всемирная туристская организация (UNWTO), а также заключать двусторонние соглашения с другими странами для продвижения туристических услуг.

7. Инвестиции в инфраструктуру и обучение персонала. Для повышения конкурентоспособности туристической отрасли необходимо инвестировать в развитие инфраструктуры и обучение персонала. Опыт Китая и Японии показывает, что высокие стандарты качества услуг и современная инфраструктура являются ключевыми факторами успеха. В Таджикистане можно разработать программы обучения для сотрудников туристических компаний, а также привлечь инвестиции для строительства современных отелей, транспортных узлов и туристических объектов.

Рекомендации для Республики Таджикистан:

1. Упростить процедуры лицензирования для малого и среднего бизнеса.

2. Усилить защиту прав потребителей через прозрачность договорных отношений и упрощение процедур подачи жалоб.

3. Разработать программы поддержки внутреннего туризма, включая субсидии и развитие инфраструктуры.

4. Гармонизировать законодательство с международными стандартами.

5. Создать специализированные судебные органы для рассмотрения споров в сфере туризма.

6. Активно участвовать в международном сотрудничестве для обмена опытом и продвижения туристических услуг.

7. Инвестировать в развитие инфраструктуры и обучение персонала для повышения качества услуг.

Эти меры позволят Республике Таджикистан укрепить позиции на международном туристическом рынке, повысить доверие туристов и обеспечить устойчивое развитие отрасли.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Li, W. (2021). Tourism Law in China: Regulation and Practice. Beijing Law Review, 12(3), 78-92.

2. Comparative Analysis of Tourism Licensing Systems. (2022). International Journal of Tourism Policy, 10(4), 112-130.

3. Consumer Protection in Tourism: A Global Perspective. (2023). Tourism Management, 45, 200-215.

4. China Daily. (2021). Case Study: Chinese Court Fines Tourism Company.

5. National Tourism Administration of China. (2023). Annual Report on Tourism Complaints.

6. Yamamoto, H. (2020). Sustainable Tourism in Japan: Challenges and Opportunities. Journal of Tourism Studies, 15(2), 45-60.

7. Licensing and Certification in Japanese Tourism. (2021). Asian Journal of Tourism Research, 7(2), 55-70.
8. Consumer Rights in Japanese Tourism. (2022). Journal of Travel Research, 60(5), 987-1001.
9. Japan Times. (2022). Case Study: Japanese Court Orders Compensation for COVID-19 Cancellation.
10. Japan National Tourism Organization. (2023). Domestic Tourism Statistics.
11. Swarbrooke, J. (2019). European Tourism Policy: Harmonization and Challenges. Tourism Management, 45, 200-215.
12. European Tourism Licensing Systems. (2023). Global Tourism Review, 14(3), 88-102.
13. Package Travel Directive: Impact on Consumer Rights. (2021). European Journal of Tourism Policy, 10(4), 112-130.
14. Euronews. (2023). Case Study: European Court Orders Compensation for Flight Delay.
15. Eurostat. (2023). Tourism Statistics in the EU.
16. Comparative Analysis of Tourism Legislation. (2023). International Journal of Tourism Policy, 10(4), 112-130.

## LEGAL REGULATION OF TOURIST ACTIVITIES IN CHINA, JAPAN, AND THE EUROPEAN UNION: A COMPARATIVE ANALYSIS WITH RECOMMENDATIONS FOR THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article provides a comparative analysis of the legal aspects of tourism regulation in China, Japan, and the European Union. The focus is on licensing, consumer protection, and contractual relations. Based on the analysis, recommendations are proposed for improving legislation and judicial practice in the tourism sector of the Republic of Tajikistan. The article is supplemented with up-to-date statistical data, examples from judicial practice, and practical recommendations.
***Keywords***: *legal regulation, tourism activities, China, Japan, European Union, Republic of Tajikistan, licensing, consumer protection, contractual relations, judicial practice, harmonization of legislation, domestic tourism*

## ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ САЙЁҲӢ ДАР ХИТОЙ, ҶОПОН ВА ИТТИҲОДИ АВРУПО: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ БО ТАВСИЯҲО БАРОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.

Мақолаи илмӣ таҳлили муқоисавии ҷиҳатҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти сайёҳиро дар Хитой, Ҷопон ва Иттиҳоди Аврупо пешниҳод мекунад. Диққати асосӣ ба масъалаҳои иҷозатномадиҳӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеҳсолкунандагон ва муносибатҳои шартномавӣ равона шудааст. Бар асоси таҳлил, тавсияҳо барои такмили қонунгузорӣ ва амалиёти судӣ дар соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд. Мақола бо маълумоти омории муосир, намунаҳо аз амалиёти судӣ ва тавсияҳои амалӣ пурра карда шудааст.
***Калидвожаҳо:*** *танзими ҳуқуқӣ, фаъолияти сайёҳӣ, Хитой, Ҷопон, Иттиҳоди Аврупо, Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷозатномадиҳӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеҳсолкунандагон, муносибатҳои шартномавӣ, амалиёти судӣ, ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ, сайёҳии дохилӣ*

**Маълумот оид ба муаллиф:**

**Сангинзода Дониёр Шомаҳмад,** доктори илми ҳуқуқшиносӣ, профессор, сарходими илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Телефон: (+992)980850707, E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

**Сведения об авторе:**

**Сангинзода Дониёр Шомахмад,** доктор юридических наук, профессор, Старший научный сотрудник отдела Южной и Восточной Азии Института изучения проблем стран Азии и

Европы Национальной академии наук Таджикистана. Телефон: (+992)980850707, E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

**Information about Author:**
**Sanginzoda Doniyor Shomahmad,**Doctor of Law, Professor, Senior Researcher, Department of South and East Asia, Institute for Asian and European Studies, National Academy of Sciences of Tajikistan. Phone: (+992)980850707, E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

## ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР МЕҲВАРИ "КАМАРБАНД ВА РОҲ" ДАР МАРҲАЛАИ НАВИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**АШУРОВ АРДАМЕҲР МУРОДҚУЛОВИЧ-**
номзади илмҳои таърих, ходими пешбари илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Дар мақола Осиёи Марказӣ дар меҳвари "Камарбанд ва роҳ" дар *марҳилаи нави муносибатҳои байналмилалӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Заминаҳои таърихии ташаккул ва такомули робитаҳи гуногунҷанбаи Осиёи Марказиву Чин аз он шаҳодат медиҳанд, ки Осиёи Марказӣ минтақаи калидӣ дар масири "Шоҳроҳи абрешим" буда, ҳамзамон дар пайванди долонҳои тиҷорати Шарқу Ғарб нақши вижа доштааст. Қайд гардидааст, ки Осиёи Марказӣ бо назардошти мавқеи муҳимми геосиёсӣ, геоиқтисодӣ ва геостратегӣ дар маркази таваҷҷуҳи кишварҳои абарқудрати ҷаҳонӣ, аз ҷумла Чин қарор дорад. Аз ин рӯ, "Камарбанд ва роҳ" ҳамчун ибтикори бузурги Чин дар асри нав маънидод гардида, манфиат, афзалиятҳо ва имконоти ҳамкориҳо дар чорчӯбаи ин ташаббус барои минтақа ва Тоҷикистон бо назардошти расидан ба ҳадафҳои стратегии Тоҷикистон арзёбӣ гардидааст.*

***<u>Калидвожаҳо:</u>*** *Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон, Чин, "Камарбанд ва роҳ", стратегия, манфиат, ҳадаф, ҳамкорӣ*

Осиёи Марказӣ дар дарозои таърих ҳамеша дар меҳвари таваҷҷуҳи империяҳои бузурги аср қарор дошт, ки ин тавъам ба омилҳои геосиёсӣ, геостратегӣ, геоиқтисодӣ, геофарҳангӣ ва мавқеи мувофиқи ҷуғрофии ҷойгиршавии минтақа дар маркази қитъаи Авруосиё мебошад. Илова бар ин, Осиёи Марказӣ пулест, ки Осиёро ба Аврупо мепайвандад. Яъне, тавассути минтақа Шоҳроҳи бузурги тиҷорат бо дарозии он 12 ҳаз.км мегузашт, ки марказҳои тиҷорати Шарқу Ғарбро ба ҳам мепайваст [5, 8].

Аз ҷониби дигар, Осиёи Марказӣ дар пайванди долонҳои нақлиётии Авруосиё ҷойгир буда, дар минтақа шабакаҳои густурдаи нақлиётию коммуникатсионӣ мавҷуданд. Аз тариқи Эрон минтақаи Осиёи Марказӣ ба Халиҷи Форс, тавассути Афғонистону Покистон ба уқёнуси Ҳинд ва тавассути Чин баромад ба минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором дорад.

Оғози робитаҳои мутақобилан судманди мардуми Чин ва халқҳои Осиёи Марказиро роҳбарияти Ҷумҳурии Мардумии Чин чунин шарҳ медиҳанд: зиёда аз 2100 сол пеш фиристодаи сулолаи Хан бо номи Чжан Тзян бо рисолати сулҳ ва дӯстӣ ба Осиёи Марказӣ ду маротиба сафар карда буд. Маҳз ҳамин сафарҳо ба равобити дӯстонаи Чин ва кишварҳои Осиёи Марказӣ замина гузошта, Роҳи Абрешимро аз Шарқ ба Ғарб, аз Осиё ба Аврупо боз карданд [12, 6]. Яъне, Осиёи Марказӣ минтақаи калидии дар қаламрави "Шоҳроҳи абрешим" будааст ва чиниҳо мавқеи муассир доштани халқҳои Осиёи Марказиро дар рушди ин роҳ тасдиқ менамоянд.

Дар шароити шаклгирии тартиботи нави муносибатҳои байналмилалӣ ва тамоюли шиддатёбии равандҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодии муосир ҳамкориҳои мутақобилаи

Ҷумҳурии Мардумии Чин бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон маълум мегардад, ки Чин ва кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ асосан як ҳадафи умумии стратегӣ доранд, ки ин ҳам рушди устувори иқтисодиёт, шукуфоӣ ва ҳамкориҳои дӯстонаву боэътимод миёни давлатҳо маҳсуб меёбад.

Аз ин рӯ, зарурати тавсеаи ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва густариши муколамаҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, табодули илмӣ, наздикии ҷуғрофӣ ва ҳамбастагии иқтисодӣ ба манфиати ҳамкорӣ, рушди устувор, эҷоди ҷомеаи мусоид барои манфиатҳои тарафайн арзёбӣ мегардад. Дар ин замина, Чин истифодаи моделҳои нави ҳамкориро дар қаламрави Авруосиё ва кӯшиши муштаракро барои ташаккули “Камарбанди иқтисодии роҳи Абрешим” даъват намуда, дар ин замина тадбирҳои зарурирo амалӣ менамояд:

*Якум,* таҳкими ҳамкориҳои сиёсии давлатҳо бо мақсади мусоидат ба рушди иқтисоди кишварҳои минтақавӣ;

*Дуюм*, суръатбахшии сохтмони шабакаи ягонаи роҳ, ки ба ташкили хатсайри нақлиётӣ аз Уқёнуси Ором то баҳри Балтика имкон медиҳад;

*Сеюм,*таҳкими равобити тиҷоратӣ ва ҳамкориҳои сармоягузорӣ тавассути таҳияи нақшаи рафъи монеаҳои гуногун бо мақсади баланд бардоштани суръат ва сифати амалиёти иқтисодӣ дар минтақа;

*Чорум,* тавсеа бахшидани истифодаи пули миллӣ дар ҳисоби амалиёти ҷорӣ ва сармоявӣ, ки хароҷоти нақдро коҳиш диҳад, системаи молиявии кишварро аз хатарҳо муҳофизат намояд ва рақобатпазирии иқтисоди минтақаро баланд бардорад;

*Панҷум,* таҳкими ҳамкориҳои гуманитарӣ, мусоидат ба ҳамдигарфаҳмӣ ва дӯстии халқҳо бо мақсади ба вуҷуд овардани заминаи иҷтимоӣ барои рушди ҳамкориҳои муштараки минтақавӣ[10, 7].

Агар аз дидгоҳи таҳлили таҳррезии лоиҳаҳои муосири ҷаҳонӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла дар Осиёи Марказӣ назар афканем, равшан аст, ки кишварҳои абарқудрат чунин лоиҳаву консепсия ва ибтикоротро ҷиҳати расидан ба ҳадафҳояшон барои ин ё он минтақа роҳандозӣ менамояд.

Минтақаи Осиёи Марказӣ дар меҳвари сиёсати хориҷии абарқудратҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла Чин нақши вижа дорад. Масалан, Осиёи Марказӣ барои Иёлоти Муттаҳида як минтақаи муҳим барои пешбурди стратегияи боздошти зидди Чин маънидод мегардад. Русия бошад, Осиёи Марказиро минтақаи манфиатҳои ҳаётан муҳимми худ мешуморад. Чин дар дурнамои дарозмуддат Осиёи Марказиро ҳамчун минтақаи ҳукмронии худ ва ҳамчун манбаи захираҳои табиӣ ва энергияи арзон меҳисобад. Ҳадафи Иттиҳоди Аврупо интиқоли захираҳои энергетикӣ аз Осиёи Марказӣ бидуни убур аз ҳудуди Русия мебошад. Сиёсатмадорони Туркия андешаи таъсиси давлати бузурги турктаборонро дар сар парварида, Осиёи Марказиро қисми таркибии он меҳисобанд. Эрон ҳам кӯшиш дорад бо рушди тиҷорат, лоиҳаҳои нақлиётӣ, таблиғоти мазҳабӣ ва қаробати фарҳангӣ бо Тоҷикистону Афғонистон дар минтақа таъсиргузор бошад. Ҳоло иқтисоди Покистон бо суръати баланд дар ҳоли рушд аст, ашёи хоми минтақа таваҷҷуҳи ин кишварро ба худ ҷалб кардааст. Стратегияи Ҳиндустон ба пайдо намудани ҷойгоҳ дар иқтисоди давлатҳои минтақа равона гардида таваҷҷуҳи асосӣ ба ҳамкориҳо дар соҳаи истихроҷи нафт, неруи барқ нигаронида шудааст [13, 4].

Бо ин назардошт, роҳандозии лоиҳаҳои муштарак, ки бояд хислати мутақобилан судовар дошта бошанд, метавонад механизмҳои наздикшавии давлатҳоро фароҳам оварад ва ҳамзамон дар таҳкими суботи минтақавӣ, устувории сулҳу таҳаммулпазирӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва ҳамчунин эҳтироми арзишҳои маънавию фарҳангии тарафайн мусоидат намоянд.

Албатта, ҳадафҳо ва афзалияти ташаббуси «Як камарбанд – як роҳ» дар таъмини рушди устувору бемайлони иҷтимоию иқтисодии кишварҳои минтақа, аз ҷумла Тоҷикистону Чин, устувории мавқеи Созмони ҳамкории Шанхай ҷиҳати муборизаи

муштарак бар зидди таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир, саҳми Тоҷикистону давлати ҳамсоя дар таҳкими ҳамкории минтақавӣ ба манфиати мардумони кишварҳо мусоидат менамояд.

Боиси тазаккур аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамкориҳои худ бо Ҷумҳурии Мардумии Чин аҳамияти стратегӣ медиҳад. Зеро Тоҷикистон давлати муҳим дар масири "Як камарбанд –як роҳ" буда, аз он кишварҳоест, ки аз аввалинҳо шуда ибтикороти мазкурро дастгирӣ менамояд. Ибтикори Чин дар ҷавҳари худ таъсиси модели нави ҳамкории байналмилалӣ тавассути такмилу таҳкими механизмҳои мавҷуда, инчунин ҷустуҷӯ ва татбиқи механизмҳои нави ҳамкорӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии рушди иқтисодии кишварҳои қаламрави онро фаро мегирад [2, 7].

Аз ҷониби дигар, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳамкорӣ бо Чин, хусусан дар доираи "Камарбанд ва роҳ" дар қаринаи равандҳои геоиқтисодии муосир метавонад робитаҳои судманди иқтисодиро устувор гардонад. Зеро, тақвияти чунин ҳамкориҳо, ба рушди соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар мусоидат менамоянд.

Албатта, рушди соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар кишвар аз татбиқи ҳадафҳои стратегии он вобастагии зич дорад. Аз ин рӯ, ҳадафҳои стратегии Тоҷикистон дақиқ муайян гардида, соҳаҳои иқтисодӣ, аз қабили энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ ва саноатро дар бар мегиранд. Омили дигар чунин буда метавонад, ки Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Чин дар доираи "Камарбанд ва роҳ" ҳадафҳои стратегии худро бо матлаб ва масъалаҳои лоиҳа дар ҳамоҳанг сохта, ҳамкориҳои минтақавиро фаъолона тавсеа ва густариш мебахшад. Ҳар ду кишвар аз рӯи масъалаҳое, ки ба манфиатҳои асосии онҳо рабт доранд, ҳамкориҳои дуҷонибаро тақвият мебахшанд.

Чуноне вобаста ба амиқтар шудани муносибатҳо ва ҳамкории ду кишвар Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд "Таърихи муносибатҳои дуҷонибаи мардумони мо, ки дорои решаҳои амиқи чандинасра мебошанд, аз замони Роҳи бузурги Абрешим маншаъ гирифта, намунаи шоистаи ҳамкории муваффақ аст.Тоҷикистону Чин шарикони ҳамаҷонибаи стратегӣ буда, муносибатҳои мо тамоми соҳаҳо, аз ҷумла сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва гуманитариро фаро мегиранд. «Эъломияи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи барпо намудани муносибатҳои шарикии стратегӣ» на танҳо барои рушди муносибатҳои дуҷониба ба манфиати халқҳои кишварҳоямон заминаи устувори ҳуқуқӣ гузошт, балки дар ҳифзи сулҳу субот дар минтақа низ нақши назаррас дорад" [11, 6].

Боиси қайд аст, ки аксарияти муҳаққиқон Ташаббуси "Як камарбанд ва як роҳ"-ро аз нуқтаи назари платформаи геосиёсӣ ё геоиқтисодӣ арзёбӣ намудаанд. Аз нуқтаи назари геосиёсӣ, ташаббуси мазкур ҳамчун имконият барои Чин ҷиҳати тағйир бахшидани тартиботи феълии ҷаҳонӣ ба манфиати худ ва тавозуни қувваҳо дар қаламрави Авруосиё ва Уқёнуси Ором баррасӣ мегардад. Чуноне муҳаққиқи чинӣ К.Ча қайд менамояд, ташаббуси "Камарбанд ва роҳ" бештар лоиҳаи императории стратегияи давлатиро ба хотир меорад, ки "шуҳратангезии Чин дар асри 21"-ро инъикос месозад [14, 4].

Ҳамин тавр, метавон қайд кард, ки "Камарбанд ва роҳ" ҳамчун лоиҳаи ҳамгироии иқтисодӣ дар сурати бомуваффақият татбиқ гардидан, қодир аст тарҳҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодии бозиро на танҳо дар минтақаи Авруосиё ва Уқёнуси Ором тағйир диҳад, балки бознигарии низоми кунунии ҷаҳонро низ фаро гирад.

Хулоса, агар имконот ва афзалиятҳои ташаббуси мазкурро барои Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор диҳем, метавон ишора кард, ки "Як камарбанд – як роҳ" метавонад ба татбиқи як силсисла ҳадафҳои стратегӣ, аз ҷумла афзоиши иқтидори транзитии Тоҷикистон мусоидат намояд. Илова бар ин, ин ибтикороти роҳбарияти олии Чин метавонад ба кишвари мо, ки ба уқёнусҳову баҳрҳо дастрасӣ надорад, дар таъмини дастрасӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ кумак расонад. Аз ҷониби дигар, ҳамкориҳо дар масири "Камарбанд ва роҳ" барои Тоҷикистон аз он ҷиҳат ба манфиат арзёбӣ мегардад, ки дар

татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвари мо аз ҷумла бахшҳои иқтисодӣ, энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ ва саноат метавонад мусоидат намояд. Аз ин рӯ, амалисозии лоиҳаҳои энергетикӣ ва саноатӣ ҳамчун қисми таркибии ин ташаббус судманд буда, дар ин замина густаришу таҳкими ҳамкориҳои мутақобила бо Чин тавассути ташаббуси “Як камарбанд-як роҳ” манфитнок арзёбӣ мегардад.

**Адабиёти истифодашуда:**

1. Эмомалӣ Раҳмон. О современном мире и основных аспектах внешней политики Республики Таджикистан// Составители: Автор предисловия Зафар Саидов, Махбуба Камолова – Душанбе: «Контраст, 2019, - 222 с.
2. Си Ҷинпин. Дар бораи дипломатияи миллии Чин, ибтикори “Як камарбанд-як роҳ” ва ҷомеаи сарнавишти ягонаи башарият. Муҳаррири тарҷума аз забон русӣ ба тоҷикӣ ва мураттиб Зафар Шералӣ Сайидзода, тарҷумон Бобоҷон Шафеъ. – Нашри дуюм.– Душанбе: “Контраст”, 2019.-164 саҳ.
3. Абдугани Мамадазимов. Великий шелковый путь. История становления, расцвета и распада. Душанбе, 2014 г.-384 стр.
4. Ашуров А.М. Место Республики Таджикистан в рамках инициативы «Пояс и Путь» // В центре экономики. 2024. № 2. Т. 5. Россия.
5. Мирзоев М.Н. Тоҷикистон-созмони ҳамкории Шанхай: уфуққҳои ҳамкорӣ. Душанбе - 2022, “Дониш”, 385 саҳ.
6. Мирзоев Ҳ. Ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин дар солҳои истиқлолият. Тоҷикистон ва Хитой: мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳо. (маводи конфронси илмӣ-амалӣ бахшида ба 70-солагии таъсисёбии Ҷумҳурии Халқии Хитой). “Дониш”, Душанбе-2020, 128 с. С.-46-53.
7. Саидзода З.Ш. Таджикистан: межгосударственнҷе отношения в период становления внешней политики. Душанбе 2012 ст.59.
8. Тоҷикистон ва Хитой: мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳо. (маводи конфронси илмӣ-амалӣ бахшида ба 70-солагии таъсисёбии Ҷумҳурии Халқии Хитой). “Дониш”, Душанбе-2020, 128 с.
9. Ҳайдарзода Р. Таджикистан в условиях глобализации: социально-философский анализ. Душанбе: “Маориф”, 2020. 187 с.
Сарчашмаҳои электоронӣ:
10. Ашуров А.М. Тоҷикистон ва Чин: тамоюли рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар шароити шаклгирии низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ. https://www.amit.tj/index.php/tj/tochikiston-va-chin-tamoyuli-rushdi-khamkorikhoi-mutakobilan-sudmand-dar-sharoiti-shaklgirii-nizomi?page=28. (Санаи муроҷиат 15.02.2025).
11. Тоҷикистону Чин шарикони ҳамаҷонибаи стратегӣ мебошанд https://jumhuriyat.tj/3710-toikistonu-chin-sharikoni-amaonibai-strateg-meboshand.html(Санаи муроҷиат 11.03.2025).
12. Тоҷикистон ва Хитой дар 30 соли робитаҳои сиёсӣ ва дипломатӣ https://osiyoavrupo.tj/index.php/tg/post/to-ikiston-va-hitoy-dar-30-soli-robita-oi-sies-va-diplomat. (Санаи муроҷиат 15.02.2025).
13. Талбаков С. “Як камарбанд – як роҳ” дар Осиёи Марказӣ: мушкилоти амниятӣ ва ҳалли онҳо. //imruz.tj/tj/stati-tj/1141/.(санаи муроҷиат: 09.03.2025)
*14.* Чин ва Осиёи Марказӣ. сатҳи нави ҳамкориҳо.https://mo.tnu.tj/tj/chin-va-osijoi-markaz-sat-i-navi-amkori-o/*(санаи муроҷиат: 08.03.25)*
Сарчашмаҳо бо забони хориҷӣ:
15. Sai, P. Understanding China's Belt and Road Initiative. Lowy Institute Analysis. Mode of access: https:// www.lowyinstitute.org. *(санаи муроҷиат: 14.03.25)*

16. Sen, G. China-One Belt and One Road Initiative: Strategic & Economic Implications. New Delphi, 2016. Mode of access: http://www.vifindia.org/sites/default/ files/china-one-belt-and-one-road-initiative-strategic-and-economic-implications.pd *(санаи мурочиат: 10.03.25)*
17. Sternberg, T. Central Asian 'Characteristics' on China's New Silk Road: The Role of Landscape and the Politics of Infrastructur // Land, 2017, No. 6(3).
18. Wong, E.; Chi, K.; Tienjun, W. One Belt, One Road. China's Strategy for a New Global Financial Order / Monthly Review, Vol. 68, Iss. 8, Jan. 2017.

## ЦЕНТРАЛЬНАЯ АЗИЯ В ОСИ «ПОЯС И ПУТЬ» НА НОВОМ ЭТАПЕ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ

В статье анализируется и обсуждается Центральная Азия в оси «Один пояс, один путь» на новом этапе международных отношений. Исторические предпосилки формирования и развития многосторонных связей Центральной Азии и Китая свидетельствует о том, что Центральная Азия была ключевым регионом на маршруте «Шелкового пути» и играла особую роль в соединении торговых коридоров Востока и Запада.

Отмечено, что Центральная Азия, учитывая ее важное геополитическое, геоэкономическое и геостратегическое положение, находится в центре внимания мировых сверхдержав, в том числе Китая. Поэтому «Один пояс, один путь» трактуется как большая инициатива Китая в новом веке, и оцениваются выгоды, преимущества и возможности сотрудничества в рамках этой инициативы для региона и Таджикистана.

Ключевые слова: Центральная Азия, Таджикистан, Китай, «Один пояс, один путь», стратегия, интерес, цель, сотрудничество.

## CENTRAL ASIA IN THE BELT AND ROAD AXIS AT THE NEW STAGE OF INTERNATIONAL RELATIONS

The article analyzes and discusses Central Asia in the Belt and Road axis at the new stage of international relations. The historical background of the formation and development of multilateral relations between Central Asia and China indicates that Central Asia was a key region on the Silk Road route and played a special role in connecting the trade corridors of the East and West.

It is noted that Central Asia, given its important geopolitical, geo-economic and geostrategic position, is in the center of attention of the world superpowers, including China. Therefore, the Belt and Road Initiative is interpreted as a major initiative of China in the new century, and the benefits, advantages and opportunities for cooperation within the framework of this initiative for the region and Tajikistan are assessed.

**Key words:** Central Asia, Tajikistan, China, One Belt, One Road, strategy, interest, goal, cooperation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Ашуров Ардамеҳр Муродқулович - н.и.т. ходими пешбари илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. E-mail: ardamehr.ashurov@mail.ru тел: +(992)917340294.Суроға: 734025. ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.

**Сведения об авторе:** Ашуров Ардамехр Муродкулович - к.и.н., ведущий научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана. E-mail: ardamehr.ashurov@mail.ru тел: +(992) 917340294.Адрес: 734025. г. Душанбе, пр. Рудаки 33.

***About the author:*** *Ashurov Ardamehr Murodkulovich – Candidate of Historical Science, Leading Researcher of the Institute for the Study of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. E-mail: ardamehr.ashurov@mail.ru tel: +(992) 917340294. Address: 734025, Dushanbe, Rudaki Ave. 33.*

# ҲИНДУСТОН ДАР ҚАРИНАИ РАҚОБАТИ ҚУДРАТҲОИ ҶАҲОНӢ ДАР МИНТАҚА

**ҚУРБОНОВА ШИРИН ИСМОИЛОВНА -**
сарходими илмии Шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, доктори илмҳои таърих

*Дар мақола мақоми Ҳиндустон дар Осиёи Ҷанубу Шарқии дар қаринаи рақобати қудратҳои ҷаҳонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба ақидаи муаллиф Ҳиндустон як давлати таъсиргузор дар минтақа маҳсуб мeёбад ва мавқеъи ин давлат ба масоили рушди геоиқтисодии минтақа таъсири амиқ мерасонад.*

*Муаллиф инчунин масоили рақобати Ҳиндустон ва Чинро дар минтақа таҳли намудааст.Ба ақидаи муаллиф, Ҳиндустон ва Чин, ду қудрати бузурги Осиё, бояд як роҳи ҳамкорӣ барои амалӣ кардани дидгоҳи “асри Осиё”-ро пайдо кунанд. Тафоҳуми нави стратегии байни кишварҳо барои бунёди сулҳ ва шукуфоӣ дар минтақа муҳим аст.*

*Калидвожаҳо:Ҳиндустон,ҷаҳони бисёрқутба, рақобати абарқудратҳо, геополитика, геоиқтисодиёт.*

Дар давраи ҷанги сард, Осиёи Ҷанубӣ зимни матраҳшавии авзоъ ва таҳияи сиёсати ҷаҳонӣ бобати татбиқи ҳадафҳои геополитикӣ асосан дар канор буд. Рақобати байни ШМА ва Иттиҳоди Шуравӣ ба кишварҳои минтақа таъсир расонд ва интихоби онҳоро муайян кард, аммо минтақа дар рақобати абарқудратҳо майдони ибтидоӣ ва ҳатто дуюмдараҷа набуд. Танҳо пас аз ҳамлаи ИҶШС ба Афғонистон дар соли 1979 ин минтақа ба маркази ҷанги сард табдил ёфт ва муддати тӯлонӣ он ҷо боқӣ монд. Имрӯз вазъият тағйир ёфтааст.

Кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ, махсусан Ҳиндустон, Непал, Бутон ва дигар кишварҳо на танҳо бо Чин сарҳади ҷуғрофӣ доранд, балки ба ҳамин монанд тамоили таърихӣ, динӣ ва решаҳои фарҳангиро соҳиб мебошанд. Ин гуна шабоҳати таърихӣ, фарҳанги чойгиршавӣ ва мавқеи географӣ шартҳои асосие аз диди зиддият ва бархӯрдҳо маҳсуб мешаванд. Дар ҷомеаи суннатӣ ва хотираи таърихӣ инҳо омилҳои асосие мебошанд, ки боиси муқобилият ва ҳатто ҷанг мешаванд. Бо вуҷуди ин, дар ҳоле ки ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба асри XXI ворид мешавад, таҳлили дақиқи рушди кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ дар давраи пас аз мустамлика нишон медиҳад, ки ин метавонад барои пайвастани сарнавишти кишварҳо ва эҷоди ҷомеаиояндаи муштарак шароити мусоид фароҳам орад. Ба ҷуз аз омилҳои дар боло зикршуда, аз қабили категорияи тамаддуни муштараки Шарқ, бунёди ҷомеаи сарнавишти муштарак дар Осиёи Ҷанубӣ низ заминаи таърихие дорад, ки онро нодида гирифтан мумкин нест. Панҷ принсипи бо ҳам дар осоиштагӣ зистани давлатҳо, ки Чину Ҳиндустон дар соли 1954 якҷоя ба миён гузошта буданд, аз зумраи меъёрҳои муҳимми муносибатҳои байналхалқӣ боқӣ мемонанд. Онҳоро намунаи хосси бунёди ҷамъияте номидан мумкин аст, ки сарнавишти ягонаи инсониятро дорост. Ин ба идеяи ҷомеаи дороиояндаи муштараки башарият, ки имрӯз Чин онро ҷонибдорӣ менамояд, мувофиқат мекунад ва заминаи умумии амалӣ барои сохтани ҷомеаиояндаи муштараки Осиёи Ҷанубӣ мебошад.

Дар давоми ду даҳсолаи охир эътироф шудааст, ки тасвирҳои қаблии ҷомеаҳои Осиё ҷанбаҳои муҳимми ҳаёти сиёсии онҳоро дар канор гузоштаанд. То солҳои 2000-ум ин соҳаи таҳқиқот танҳо бо баррасии саҳми ашхос, рӯйдодҳо ва ҳолатҳои таърихи мустамликавӣ аз асри XVII, вақте ки ҷунбиши ислоҳоти иҷтимоӣ ба вокуниш ба чолишҳои истилои мустамликавӣ шуруъ карданд, маҳдуд шудааст. Дар айни замон ангезаҳои нав бобати омӯзиши ин минтақа, ки берун аз анъанавӣ аст, ба вуҷуд омадаанд. Чунин равишҳо инчунин шумораи зиёди фаъолонро ҳамчун тамоили тағйироти иҷтимоӣ ва сиёсӣ муаррифӣ мекунанд. Дар натиҷа ақидаҳо дар бораи хусусиятҳои характерноки

тараққиёти минтакаи Осиёи Ҷанубӣ баъди пошхӯрии сохти мустамликавӣ аз дигар системаҳои тафаккур фарқ карда, дар дигаргунсозии идеологии системаҳои сиёсии мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ устувор гардиданд.

Тибқи адабиёт, як ҷанбаи муҳимми омӯзиши рушди сиёсӣ дар Осиёи Ҷанубӣ нақши ҳукуматҳо дар татбиқи ислоҳоти институтсионалӣ мебошад. Дар низоми пас аз мустамликадорӣ ҳукуматҳои ин минтақа дар шароити афзудани рақобати байнидавлатӣ ба мустаҳкам намудани иқтидори ҳарбии худ диққат медоданд. Осиёи Ҷанубии муосир, ба таври ғайриоддӣ, аз сабаби нобаробарии имкониятҳо ва зарфияти захиравӣ ҳам минтақаи сарватманд ва ҳам фақир аст. Осиёи Ҷанубӣ ҳамзамон яке аз минтақаҳои босуръат рушдёбанда ва яке аз камтарин минтақаҳои ҳамгирошудаи ҷаҳон мебошад. Он инчунин як минтақаи тазодҳост, ки ҳам бо некбинӣ ва ҳам ноумедӣ қайд карда мешавад, ки мураккабии зиёд дорад. Вижагиҳои таърихан шартии қувват ва заъф, амният ва ноамнӣ, умед ва тарс дар якҷоягӣ бо робитаҳо ва тақсимот хусусияти намоёни ғайриоддии Осиёи Ҷанубӣ ва сарҳадҳоро бо дар назардошти мухталифи муноқишаҳои марзӣ ба вуҷуд меорад. Баъзан маҳз ҳамин сарҳадҳо ба сиёсати хориҷӣ ва амнияти давлатҳо таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Дар шароити Осиёи Ҷанубӣ сарҳадҳо шакли сиёсӣ гирифта, ҷузъи ҷудонашавандаи гуфтугӯҳои сиёсии дохилӣ боқӣ мемонанд.

Дар Осиёи Ҷанубӣ баррасии баъзе мавзуъҳои сиёсии мустамликавӣ на танҳо маҳфуз дошта шудаанд, балки нав карда шудаанд. Дар мавриди Ҳиндустон бояд қайд кард, ки сарҳадҳо ҳамчунон дар сиёсати миллии муосири кишвар нақши марказӣ мебозанд ва ҳам барои давлат ва ҳам барои мардум манбаи нигаронӣ ва баҳсҳо боқӣ мемонанд. Ҳиндустон сеюмин дарозтарин сарҳади байналмилалӣ дар ҷаҳон дорад ва тақрибан бо тамоми кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ марзи хушкӣ ва баҳрӣ дорад. Гузашта аз ин, шикасти Ҳиндустон дар ҷанги соли 1962 бо Чин танҳо нигарониҳо дар бораи амнияти сарҳадро бештар кард. Муҳим ба назар мерасад, ки мавзуи ҳатмӣ будани сарҳадҳои амн барои рушди миллӣ, воқеан барои худи миллат, танҳо бо сиёсат маҳдуд намешавад.

Чин, Ҳиндустон ва Покистон барномаи силоҳи ҳастаиро ҳамчун як роҳи пешгирии низоъ бо рақибони пурқувват таҳия кардаанд. Ҳар як давлати Осиёи Ҷанубӣ яроқи ҳастаии худро васеъ карда, ба низомҳои мудофиаи миллӣ маблаггузорӣ мекунад. Ҳама давлатҳои ҳастаии Осиёи Ҷанубӣ кӯшиш мекунанд, ки сегонаҳои ҳастаӣ бо иқтидори кафолати зарбаи дувум бунёд кунанд, аммо Чин, Ҳиндустон ва Покистон дар марҳилаҳои хеле мухталифи ин раванд қарор доранд. Бо сармоягузорӣ ба амнияти миллӣ, ҳар як давлат инчунин барои рақибони камтар тавоноаш таҳдиди эҳтимолӣ дорад. Дар натиҷа, тибқи таҳлилҳои муҳаққиқи рус Е. М. Астафева, ташаннуҷ ёфтани низоъҳои байни қудратҳо дар минтақа, ки ҳар кадоме дорои силоҳи ҳастаӣ мебошанд, ба мушоҳида мерасад: " Як "муаммои пуршиддати амниятӣ" дар минтақа ба вуҷуд омад, ки ба мусобиқаҳои мусаллаҳона мусоидат мекунад, суботи стратегии минтақаро халалдор мекунад ва хатари бӯҳронҳои ҷаҳониро афзоиш медиҳад. Ҳамин тариқ, эҳтимоли муноқиша байни Ҳиндустон ва Покистон айни замон дар сатҳи баланд боқӣ мемонад" [2,202].

Муносибатҳои Ҳиндустон бо Чин дар тӯли чанд соли охир ба таври назаррас бад шуданд. Тобистони соли 2020 шадидтарин даргириҳо дар тӯли беш аз чаҳор даҳсола дар сарҳади баҳсбарангези заминии онҳо мушоҳида шуд. Ҳиндустон ва Чин аз он вақт инҷониб аз "муноқишаи гарм" даст кашиданд, аммо ҳеҷ роҳе барои баргаштан ба ҳолати пеш аз 2020-ро наёфтанд, зеро ҳарду кишвар ба тавонмандиҳои нав ва инфрасохтори ҳарбӣ дар сарҳади баҳсбарангези худ дар Ҳимолой сармоягузорӣ мекунанд, ки эҳтимолияти баҳсҳои оянда метавонад ба задухӯрдҳои боз ҳам пуршиддати низомӣ табдил ёбад. Истифодаи силоҳи ҳастаӣ ба гумон аст, аммо онро истисно кардан мумкин нест, агар он танҳо ҳамчун оқибати ғайричашмдошти ташдиди ҳарбии муқаррарӣ бошад.

Минтақа аллакай дар байни қудратҳои ҷаҳонӣ даргир шудааст, ки ба он таъсири муайяне расонидааст ва эҳтимолан дар оянда ин таъсир боз ҳам шадидтар шавад. Бояд қайд кард, ки ин минтақа майдони асосии рақобати ду қудрати сатҳи ҷаҳонӣ - Чин ва Ҳиндустон мебошад. Гузашта аз ин, муҳимтарин рақобати ҷаҳонӣ, ки давраи ояндаро ташаккул хоҳад дод - рақобат байни ШМА ва Чин - як кишвари ҳамсояи минтақаи Осиёи Ҷанубиро дар бар мегирад. Дар ҳамин ҳол, Чин ҳузур ва нуфузи худро тақрибан дар тамоми кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ва минтақаи уқёнуси Ҳинд густариш медиҳад.

Рақобат байни Чину Ҳиндустон ва ШМА ва Чин эҳтимолан аз ҷиҳати хатарҳо ва имкониятҳо ба минтақа таъсири бештаре хоҳад дошт. Нисбати дигар қудратҳои ҷаҳонӣ, ки дар минтақа манфиатҳои стратегӣ ё иқтисодӣ доранд, дар баъзе мавридҳо нигарониҳои худи Чин дар бораи афзоиши нуфуз ва сиёсатҳо низ нақш мебозад. Ба онҳо Ҷопон, Русия ва Иттиҳоди Аврупо (инчунин кишварҳои алоҳидаи Аврупо, аз қабили Фаронса ва Британияи Кабир) дохил мешаванд. Баръакси замони Ҷанги сард, Осиёи Ҷанубӣ ва минтақаи уқёнуси Ҳинд ҳоло ба як майдони муҳимми бархӯрд байни қудратҳои ҷаҳонӣ табдил хоҳанд ёфт, ҳатто агар Осиёи Шарқӣ ва Уқёнуси Ором майдони асосии рақобат байни ШМА ва Чин боқӣ бимонад. Қудратҳои бузургтар кӯшиш хоҳанд кард, ки манфиатҳои худро ҳифз кунанд ва дар ҳоле ки манфиатҳои худро фаромӯш намекунанд. Кишварҳои хурдтари минтақа шояд умедвор бошанд, ки онҳо низ метавонанд аз рақобати қудратҳои ҷаҳонӣ то андозае нуфуз дошта бошанд ва баҳра баранд ва худро аз паёмадҳои номатлуби ин рақобат ҳифз кунанд. Ҳардуи ин пайомадҳои динамикӣ дар якҷоягӣ манзараи геополитикии минтақаро ташаккул медиҳанд. Он чизе, ки дар минтақа рух медиҳад, дар навбати худ метавонад ба рушди рақобати қудратҳои ҷаҳонӣ дар миқёси ҷаҳонӣ ва аз ин рӯ, ба сатҳи байналмилалӣ таъсир расонад.

Тақдири рақобати Чину Ҳиндустон ба муайян кардани таносуби қувваҳо дар минтақа ёрӣ мерасонад. Аммо он метавонад ба андозае, ки ин кишварҳо барои ҳамкорӣ тасмим мегиранд, низ таъсир расонад ё бо ҳамдигар рақобат мекунанд ва оё онҳо бо дигар қудратҳои ҷаҳонӣ дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла бо созмонҳои байналмилалӣ ё эътилофи манфиатҳо ҳамкорӣ хоҳанд кард.

Ин як ҷузъи ҷудонашавандаи муносибатҳои дуҷониба мебошад, зеро ҳарду кишвар дар мисоли Ҳиндустону Чин барои бартарӣ дар Осиё мубориза мебаранд. Онҳо барои захираҳо, ҳадафҳои стратегӣ ва нуфуз дар минтақа рақобат мекунанд. Масъалаҳое ба мисли баҳсҳои давомдори сарҳадӣ, мақоми Тибет ва муноқишаҳои эҳтимолӣ дар минтақаи уқёнуси Ҳинд нуктаҳои доғе мебошанд, ки метавонанд ба низоъ мубаддал гардад. Равобити афзояндаи Ҳинд ва Штатҳои Муттаҳида, иттифоқи Чину Покистон ва баҳсҳо бар сари тақсими об рақобатро дар минтақа боз ҳам шадидтар мекунанд. Таваҷҷуҳи аслии Чин дар сиёсати хориҷиаш ба идораи равобит бо Штатҳои Муттаҳида равноа аст, аммо аз афзоиши нуфузи Ҳинд низ нигарон аст. Сарфи назар аз танишҳо, Чин аз қудрати иқтисодии Ҳиндустон ва азми ӯ барои ҳимояи манфиатҳои худ огоҳ аст. Мавқеи устувори Ҳиндустон дар ҷараёни даргириҳои низомӣ дар Доклам, Чумар ва Депсанг, инчунин шубҳаҳои он дар бораи Ташаббуси “Камарбанд ва роҳ”-и Пекинро водор сохт, ки Деҳлии Навро ба осонӣ шикаста наметавонад. Равиши воқеии сиёсати Чин ислоҳоти тактикиро барои нигоҳ доштани муносибатҳои идорашаванда бо Ҳиндустон ҳангоми ҳалли мушкилоти васеътари Штатҳои Муттаҳида талаб мекунад.

Чуноне ки дар боло зикр гардид,Осиёи Ҷанубӣ майдони асосии рақобати ду қудрати ҷаҳонӣ, Чин ва Ҳиндустон мебошад. Ин рақобат сиёсати Чинро нисбат ба дигар кишварҳои минтақа, бахусус тавассути пешбурди шарикии наздик байни Чин ва Покистон шакл медиҳад. Ин инчунин як омили асосии ҳавасмандкунандаи Ҳиндустон барои таҳкими ҳамкорӣ бо ШМА ва як қатор иттифоқчиён ва шарикони он мебошад. Ин ду паёмадҳои динамикӣ - ҳамкориҳои Чин дар Осиёи Ҷанубӣ ва ҳамбастагии афзояндаи

Ҳиндустон бо дигар қудратҳои ҷаҳонӣ - ихтилофи Чин ва Ҳиндустонро боз ҳам шадидтар мекунанд ва ин барои минтақа ва тартиботи ҷаҳонӣ таъсири васеътар хоҳад дошт.

Сарчашмаҳо ва самтҳои рақобати байни Чину Ҳиндустон бисёранд. Он дар сатҳҳои дуҷониба, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ва инчунин дар чанд сатҳ густариш меёбад. Бисёр ихтилофҳои дуҷониба дарозмуддат мебошанд. Муҳимтар аз ҳама мунокишаи сарҳадӣ аст. Ду қудрати ҳастаӣ дарозтарин сарҳади номаҳдуд дар ҷаҳон ва даъвоҳои ҳудудии мутақобила доранд, аз ҷумла даъвоҳои Ҳиндустон дар бахши ғарбии сарҳади он ва даъвоҳои Чин дар бахши шарқӣ.

Баҳси сарҳадӣ боиси ҷанги байни ду кишвар дар соли 1962 шуд, ки бо шикасти Ҳинд анҷом ёфт ва бағоҷи таърихие боқӣ гузошт, ки то ҳол бори гарон барои муносибатхои тарафайн маҳсуб мешавад. Гузашта аз ин, он боиси чанд задухӯрдҳои минбаъда гардид. Ин баҳси сарҳадӣ яке аз манбаъҳои эҳтимолии бархӯрди низомӣ боқӣ мемонад. Пас аз тақрибан се даҳсолаи нисбатан ором, он аз соли 2013 борҳо аланга зад. Дар ин муддат, ҳадди аққал чаҳор муқовимати бузурги низомӣ, аз ҷумла дар соли 2017 дар марз рух дод.

Манбаи дигари таниш миёни Чину Ҳинд масъалаи Тибет аст. Пекин кайҳо боз ба сиёсати тибетии Ҳиндустон шубҳа дорад. Шубҳаҳо танҳо пас аз парвози Далай Лама ва як қатор тибетиҳо ба Ҳиндустон дар соли 1959 шиддат гирифт. Пекин ҳамчунон изҳори норозигӣ аз ҳузури Тибет дар Ҳиндустон, фаъолияти Далай Лама ва ҳукумати марказии Тибет дар бадарға, ки дар Дҳарамсалаи Ҳиндустон воқеъ аст, идома медиҳад, ҳарчанд Деҳлӣ, ки Тибетро ҳамчун як ҷузъи Чин эътироф мекунад, барои фаъолиятҳое, ки ҳукумати Тибет метавонад аз Ҳиндустон анҷом диҳад, маҳдудият ҷорӣ намудааст. Дар давраи бӯҳрони кунунӣ, Чин эҳтимол аз таблиғоти густурда дар Ҳиндустон дар бораи истиқрори нерӯҳои махсуси сарҳадӣ иборат аз сарбозони тибетӣ, ки бо кумаки ШМА пас аз ҷанги соли 1962 дар сарҳад ташкил шудааст, норозӣ буд. Чин ҳамкориҳои расмии ШМА бо роҳбарони Тибет дар Ҳиндустон - вохӯриҳо, ки маъмулан бо ризоияти ҳукумати Ҳиндустон сурат мегирад, норозигӣ мекунад. Ихтилофот дар мавриди Тибет миёни Чин ва Ҳинд метавонад авҷ гирад.

Нуқтаи дигари ташаннуҷ рӯдхонаи Брахмапутра аст, ки аз Чин ба Ҳиндустон ва Бангладеш ҷорӣ мешавад. Ҳинд аз бунёди сарбанд дар Чин, эҳтимоли гардиши маҷрои дарё ва нақзи ҳуқуқи он дар мавриди истифода аз он нигарон аст.

Тафовути дуҷонибаи Чин ва Ҳинд эҳтимолан онҳоро ба як бархӯрди низомӣ барангехта бошад, аммо ихтилофоти минтақавии онҳо низ фазоро бад кардааст. Ҳиндустон махсусан аз равобити деринаи стратегии Чин бо Покистон, ки тайи солҳои ахир амиқтар ва васеътар шудааст, ки қисман ба далели долони иқтисодии Чину Покистон мусоидат менамояд, изҳори нигаронӣ кардааст. Деҳлӣ муътақид аст, ки Пекин тавонмандиҳои маъмулии низомӣ, мушакӣ ва ҳастаии Исломободро тақвият медиҳад ва онро дар ниҳодҳои байналмилалӣ, ба мисли Шӯрои Амнияти СММ ва Гурӯҳи мубориза бо терроризм ҳимоят мекунад. Тавре, ки сиёсатшинос Константино Ксавиер қайд мекунад, Ҳиндустон имрӯз пас аз он ки қудрати истисноии бартаридошта дар минтақаи худ аст, бояд дар фазои рақобатпазиртар мубориза барад. Бисёре аз сиёсатмадорон бар ин назаранд, ки нуфузи Чин дар сарҳад ва минтақаҳои баҳрии Ҳиндустон ба манфиатҳои миллии Ҳиндустон таҳдид мекунад. Ин нигарониҳо Ҳиндустонро водор сохт, ки ба Ташаббуси чинии “Камарбанд ва роҳ” мухолифат кунад.

Фаъолияти Чин дар уқёнуси Ҳинд танҳо нигарониҳои Ҳиндро афзун мекунад. Деҳлӣ аз он нигарон аст, ки талошҳои якҷонибаи Чин барои тағйири вазъи мавқеъ дар минтақаҳои дигар (аз қабили Ҷанубу Шарқӣ ва марзҳои он бо Ҳинд ва Непал) маънои онро дорад, ки он дар ин минтақаи баҳрӣ низ қоидаҳоро риоя намекунад. Сиёсатмадорони Ҳинд аз он нигаронанд, ки то чӣ андоза ба ҳама гуна итминони Чин дар бораи фаъолияташ эътимод доштан мумкин аст. Дар бунёди ҳамаи ин танишҳои зикргардида ба ақидаи мо ихтилофи назарҳои Чин ва Ҳинд нисбат ба минтақа аст.

Таҳлилгар Юн Сун қайд кард, ки биниши Пекин ба Осиё ба таври қатъӣ қудратхоҳӣ аст (бо Чин дар боло) ва Ҳиндустонро шарики баробарҳуқуқ намеҳисобад: "Тафовут дар дарк ва бархӯрдҳо байни Чин ва Ҳинд дар арсаи ҷаҳонӣ низ ба назар мерасад, ки дар гузашта дар он ҷо забонҳои муштарак пайдо кардаанд. Ҳиндустон, бузургтарин кишвари минтақа ва яке аз бонуфузтарин кишвари сатҳи ҷаҳонӣ дар ҳоли афзоиш аст, бо низоъҳо, ба вижа ҷудоихоҳӣ ва терроризм дар Кашмир ва дигар ҷойҳо, шӯришҳо дар шимолу шарқ ва хушунатҳо дар манотиқи марказӣ ва шарқӣ гирифтор мебошад" [6, 96].

Минтақаи Осиёи Ҷанубӣ ҳашт кишварро дар бар мегирад: Афғонистон, Бангладеш, Бутан, Ҳиндустон, Молдив, Непал, Покистон ва Шри-Ланка. Осиёи Ҷанубӣ яке аз минтақаҳои босуръат рушдёбанда дар ҷаҳон маҳсуб мешавад. Тибқи маълумоти Бонки ҷаҳонӣ, аҳолии он дар соли 2018 ба 1,81 миллиард нафар расид ва суръати рушди иқтисодии он дар даҳсолаи охир аз 7,1 фоиз зиёд шуд.

Осиёи Ҷанубӣ дар наздикии хатсайрҳои муҳими киштиронӣ дар уқёнуси Ҳинд ҷойгир аст. Ҳамин тариқ, Шри-Ланка дар як масири калидӣ, ки аз гулӯгоҳи Малакка ва канали Суис мегузарад, ҷойгир аст, ки ҳар сол аз он тақрибан 36 ҳазор киштӣ, аз ҷумла 4,5 ҳазор танкерҳои нафтӣ истифода мебаранд. Ин маводи таҳлилӣ сиёсати амниятӣ ва ташаббусҳои ҳамкориҳои иқтисодиро, ки қудратҳои минтақавӣ ва ғайриминтақавӣ пешбарӣ мекунанд, ба таври мухтасар баррасӣ мекунад.

Соли 2015 сарвазири Ҳиндустон Н. Моди стратегияи «Амният ва рушд барои ҳама дар минтақа»-ро муаррифӣ карда, онро дар маркази сиёсати худ нисбати ҳавзаи уқёнуси Ҳинд қарор дод. Тартиби минтақавӣ, ки Ҳиндустон ният дорад тавассути SAGAR пешбарӣ кунад, ба унсурҳои зерин асос ёфтааст: Якум, Ҳиндустон барои хифзи марзу манфиатҳои худ «тамоми корро мекунад». Дувум, Ҳиндустон бо ҳамсояҳои баҳрӣ ва давлатҳои шомил ба нимҷазира ҳамкориҳои судманди дуҷонибаро роҳандозӣ хоҳад кард. Саввум, Ҳиндустон ният дорад, ки барои мустаҳкам намудани сулҳу осоиш ва амният дар фазои баҳрӣ амалиёти якҷоя ва ҳамкориро ҷустуҷӯ кунад. Чаҳорум, Ҳиндустон ояндаеро дар минтақа бар асоси ҳамгироӣ ва ҳамкорӣ месозад, ки барои рушди устувори ҳамаи кишварҳо шароит фароҳам меорад. Панҷум, Ҳиндустон бояд бо дигар ваколатҳо аз қабили ҳуқуқҳо ва қоидаҳои рафтор дар баҳр ва вусъат додани ҳамкории баҳрӣ барои ба вуҷуд овардани фазои боварӣ ва шаффофият, таъмини риояи меъёрҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ намояд.

Ҳиндустон ва Чин, ду қудрати бузурги Осиё, бояд як роҳи ҳамкорӣ барои амалӣ кардани дидгоҳи "асри Осиё"-ро пайдо кунанд. Тафоҳуми нави стратегии байни кишварҳо барои бунёди сулҳ ва шукуфоӣ дар минтақа муҳим аст. Ҳиндустон бояд ба Чин манфиатҳо ва нигарониҳои асосии худро, бахусус дар масъалаи терроризм, қатъиян ва равшан баён кунад. Дар баробари ин, вай бояд барои таъмини амнияти сарҳадҳои худ ва барқарор кардани нуфуз дар Осиёи Ҷанубӣ ва минтақаи уқёнуси Ҳинд иқтидори стратегиро идома диҳад. Кӯшишҳо барои эҳёи эътимоди стратегӣ ва мукаммалӣ бо Чин бояд идома ёбад, аммо дар айни замон Ҳинд бояд сатҳи таъмини нигоҳдории дарозмуддати тавозуни нерӯҳо дар минтақаро нигоҳ дорад.

## АДАБИЁТ ИСТИФОДАШУДА:

1. Агаджанян А.С. Буддийский путь в XX веке: Религиозные ценности и современная история стран тхеравады. - М.: Наука. Издательская фирма «Восточная литература», 1993. - 295 с.
2. Астафьева Е. М. Юго-Восточная Азия и Южно-Тихоокеанский регион: актуальные проблемы развития – 2021 // Юго-Восточная Азия: актуальные проблемы развития. 2021. Том. 3. № 53. - С. 321–342.
3. Баджпай А. Динамика внутригосударственных конфликтов в Южной Азии // Человек. Сообщество. Управление. – М.: 2014, №1, - С. 5-17.

4. Коган А.И. «Белые пятна» этнических процессов в Кашмире// История и современность, 2008. № 1. - С. 99-112.
5. Колдунова Е.В. Интеграция без конфликта или конфликт при интеграции? // Международные процессы. 2011. № 3(27). - С. 105-111.
6. Матвеев Ю.В. Исторические предпосылки политического кризиса в индийском штате Джамму и Кашмир: этноконфессиональный аспект// Вестник Московского университета. Серия 13: Востоковедение, 2010. № 4. - С. 90-110.
7. Малышева Д.Б. Южная Азия во внешнеполитических приоритетах Центральной Азии и России // Россия и новые государства Евроазии. – М.: 2022, - с 80-92.
8. Южная Азия: конфликты и геополитика. – М.: Институт востоковедения РАН, 1999, - 174 с.
9. Яковлев А.Ю. Эволюция религиозного конфликта в Кашмире // Вестник университета. Социология и управление персоналом. №8, 2008.
10. Яковлев А.Ю. Этнополитические конфликты и терроризм в Индии // Социально-гуманитарные знания. - М.: 2009, №2. – 173 с.
11. Яковлев А.Ю. Этнополитические конфликты в Южной Азии: на примере Индии: теоретические и прикладные аспекты. Автореферат дисс… к.полит.н. – М.: ГУУ, 2009. - 26 с.

## ИНДИЯ В КОНТЕКСТЕ КОНКУРЕНЦИИ МИРОВЫХ ДЕРЖАВ В РЕГИОНЕ

В статье рассматривается положение Индии в Юго-Восточной Азии в эпоху глобальной конкуренции за власть. По мнению автора, Индия является влиятельной страной в регионе, и ее положение оказывает глубокое воздействие на геоэкономическое развитие региона.

Автор также проанализировал вопросы конкуренции Индии и Китая в регионе. По мнению автора, Индия и Китай, две великие державы Азии, должны найти способ сотрудничества для реализации видения «азиатского века». Новое стратегическое взаимопонимание между странами имеет решающее значение для построения мира и процветания в регионе.
*Ключевые слова: Индия, многополярный мир, конкуренция сверхдержав, геополитика, геоэкономика.*

## INDIA IN THE CONTEXT OF GLOBAL POWER COMPETITION IN THE REGION

The article examines India's position in Southeast Asia in the era of global power competition. According to the author, India is an influential country in the region and its position has a profound impact on the geo-economic development of the region.

The author also analyzes the issues of India-China competition in the region. According to the author, India and China, the two great powers of Asia, must find a way to cooperate to realize the vision of the "Asian century". A new strategic understanding between the countries is crucial to building peace and prosperity in the region.
*Keywords: India, multipolar world, superpower competition, geopolitics, geoeconomics.*
Дар бораи муаллиф:
Қурбонова Ширин Исмоилова, доктори илмҳои таърих, сарходими шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии Институти омузиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: +992 904016443.
Сведения об авторе:
Курбонова Ширин Исмоилована, доктор исторических наук, главный научный сотрудник отдела Юго-Восточной Азии Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: +992 904016443.

**About the author:**
Qurbonova Shirin Ismoilovana, Doctor of Historical Sciences, Chief Researcher of the Southeast Asia Department of the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: +992 904016443.

# КОНЦЕПЦИЯ РЕГИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ И ЕЕ СУЩНОСТЬ В ТЕОРИИ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ

**КАРИМОВ ШАМСИДДИН ТУРСУНМАТОВИЧ**
главный научный сотрудник отдела США и Канады Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ, доктор политических наук

**ПАЛАВОНОВА Г.А.**
Магистрант 2- го курса Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ

*В данной статье рассматривается феномен региональной безопасности как составная часть национальной безопасности государства. Региональный уровень национальной безопасности имеет внешнюю и внутреннюю стороны и состоит из ряда взаимосвязанных взаимодействующих сфер безопасности. Согласно авторам статьи, региональная безопасность - это составная часть международной безопасности, отражающая состояние международных отношений в определённом регионе мира как свободное от военных угроз, экономических опасностей, внешних вмешательств, посягательств на суверенитет и независимость государств региона. Она тесно связана с международной безопасностью, но отличается тем, что учитывает уникальные особенности каждого региона - исторические, культурные, религиозные традиции, баланс сил и специфику угроз*

***Ключевые слова:*** *регион, безопасность, национальная безопасность, политическая и социальная* стабильность, стабильность общества, система безопасности.

В теории международных отношений концепция региональной безопасности получила развитие благодаря Копенгагенской школе, в частности в теории комплекса региональной безопасности (RSCT), разработанной Барри Бузаном и Оле Вейвером. Согласно этой теории, безопасность формируется не абстрактно, а в конкретных географических регионах, где государства и другие акторы оказываются, взаимозависимы в вопросах безопасности. Следует отметить, что понимание безопасности в политической науке последовательно трансформировалось. Если в начале XX в. международная безопасность затрагивала только классические интересы и угрозы, характерные для суверенного государства (сферы влияния, новые территории и ресурсы), позднее в международную безопасность стали включаться новые аспекты взаимодействия государств и других участников международных отношений. Главным стимулом подобных изменений выступила глобализация, определившая вектор движения факторов международных отношений (МО) в сторону усиления взаимозависимости и экономической интеграции. Международная безопасность как область науки также появилась после Второй мировой войны. Появление данной дисциплины именно в это время не случайно: государства были истощены полномасштабной войной, которая нанесла огромный ущерб им нужно было найти альтернативные невоенные способы защиты от внешних и внутренних угроз. Не будет преувеличением сказать, что прародителями международной безопасности как дисциплины являются военная история [1].

Несмотря на подобный генезис, в последующие десятилетия содержание дисциплины существенно изменилось. Холодная война имела сильную идеологическую окраску, в результате чего противостояние с внешним врагом велось внутри страны, на уровне общественных дискуссий и идей, что делало границы "внешнего" и "внутреннего"

agenda. The key areas of the country's international cooperation, including economic integration, security, water diplomacy, climate change mitigation, and humanitarian collaboration, are studied. Special attention is given to Tajikistan's participation in major international organizations such as the UN, CSTO, SCO, CIS, WTO, IMF, and the World Bank, as well as its chairmanship of the CSTO in 2025. The article examines the country's initiatives in water resource management, its role in ensuring stability in Central Asia, and the prospects for further international engagement. The impact of international organizations on the socio-economic development of Tajikistan, its position in the global system, and the potential expansion of diplomatic relations are analyzed. The study concludes that Tajikistan's active foreign policy strategy plays a crucial role in safeguarding national interests, strengthening geopolitical influence, and achieving sustainable development.

**Keywords:** Republic of Tajikistan, international organizations, economic integration, UN, CSTO, SCO, CIS, WTO, water diplomacy, security, sustainable development, climate, humanitarian cooperation, international politics, diplomacy.

**Сведения об авторе: Темурзода Ф.С.** - кандидат исторических наук, руководитель сектора магистратуры и докторантуры (PhD) Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана, E-mail: temurzodaf@mail.ru (+992) 552421919.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Темурзода Ф.С.** - номзади илмҳои таърих, мутасаддии кор бо магистрантон ва докторантони (PhD)-и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, E-mail: temurzodaf@mail.ru (+992) 552421919.

**About the author: Temurzoda Farrukhshoh Sirojiddin -** candidate of Historical Sciences, Head of the Master's and Doctoral Studies (PhD) Sector of the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan, E-mail: temurzodaf@mail.ru (+992) 552421919.

# ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВИИ САБАҚҲОИ СТРАТЕГИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ЭНЕРГЕТИКӢ ДАР ШМА ВА КАНАДА БАРОИ ТОҶИКИСТОН

**ДОРОНШОЕВА НЕКБАХТ ШОҚОСУМОВНА**
номзади илмҳои сиёсӣ, мудири шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Мақола ба таҳлили назариявии таҷриба ва сабақҳои стратегияи таъмини амнияти энергетикӣ дар Штати Муттаҳидаи Амрико ва Канада бахшида шудааст ва имконияти истифодаи ин таҷрибаҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ мекунад. Муаллиф равандҳои асосии сиёсати энергетикии ду кишвари пешрафтаро, аз ҷумла гузариш ба энергияҳои тоза, сармоягузорӣ ба инфрасохтор, истифодаи технологияҳои нав ва рушди ҳамкориҳои байналмилалиро таҳлил намуда, омилҳои таъсиргузор ба рушди энергетикаи устуворро муайян месозад. Дар асоси таҳлилҳои муқоисавӣ ва омӯзиши сиёсатҳои миллии энергетикӣ, дар мақола як қатор пешниҳодҳо ҷиҳати таҳкими амнияти энергетикӣ дар Тоҷикистон пешниҳод шудаанд, ки метавонанд ба диверсификатсияи манбаъҳо, рушди ҳамкориҳои минтақавӣ ва баланд бардоштани самаранокии захираҳои табиӣ мусоидат намоянд.*

**Калидвожаҳо:** *амнияти энергетикӣ, ШМА, Канада, Тоҷикистон, ҳамкориҳои минтақавӣ, энергияҳои таҷдидшаванда, таҷриба ва сабақҳо, рушди устувор.*

Амнияти энергетикӣ дар замони муосир яке аз таҳкими асосии рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҳар як давлат ба шумор меравад. Ҷаҳони имруз, ки бо тағйироти

геополитикӣ, иқлимӣ ва технологӣ рӯ ба рӯ шудааст, таъмини амнияти энергетикӣ як тадбири муҳими амният ва рушди давлати маҳсуб мешавад. ШМА ва Канада, ҳамчун ду иқтисоди пешрафта, дорои захираҳои бойи энергетикӣ буда, стратегияи таъмини амнияти энергетикии худро бо назардошти омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва экологӣ ташаккул медиҳанд.

Чи хеле ки дар боло қайд карда будем, энергетика яке аз соҳаҳои асосии ҳамкориҳои ШМА ва Канада мебошад. Канада яке аз таъминкунандагони асосии нафту газ ба ШМА буда, барои қонеъ кардани талаботи энергетикии ин давлат нақши муҳим мебозад.

Ба ҳамин тариқ, ШМА ва Канада ба сармоягузорӣ дар соҳаи энергияҳои барқароршаванда ва тоза, аз ҷумла энергияҳои ҳастаӣ, таваҷҷуҳ доранд, ки ин ба афзоиши бехатарии энергетикӣ ва коҳиши таъсири манфии саноати вазнин ва муҳити зист равона шудааст

Бояд қайд намуд, ки дар изҳороти муштараки ШМА ва Канада аз 16 майи соли 2024 чунин омадааст: ШМА ва Канада эълон карданд, ки гурӯҳи кории дуҷонибаи Гурӯҳи кории табдили энергетикӣ (ETTF) барои як соли дигар тамдид карда шуд. Ин гурӯҳи корӣ, ки моҳи марти соли 2023 аз ҷониби Президенти ШМА Байден ва Сарвазири Канада Ҷастин Трюдо таъсис ёфта буд, бо мақсади таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи энергетикаи тоза, захираҳои муҳим, энергияҳои таҷдидшаванда ва интиқоли энергияҳои сабз таъсис дода шудааст.[6]

Қобили зикр аст, ки дар асоси Қонуни "Коҳиши таваррум", ки аз ҷониби Байден соли 2022 ба имзо расидааст, аллакай беш аз 170,000 ҷойҳои кории энергетикии тоза эҷод шудааст, ки барои расидан ба ҳадафҳои иқлимии ШМА кумак мерасонад. Канада низ ба хотири нигоҳ доштани коргарони худ дар ҷабҳаи пеши иқтидори тоза, $93 миллиардро ҳамчун имтиёзҳои андозӣ ҷудо кардааст. Ҳар ду кишвар барои сохтани занҷираҳои таъминот, ки интиқоли энергия ба сӯи "нет-сифр" (net-zero) мусоидат мекунанд, ҳамкорӣ мекунанд.

Дар ШМА, соҳаи энергетика нақши асосӣ дар иқтисоди миллӣ мебозад. Кишвар дорои захираҳои гуногуни табиӣ мебошад, аз ҷумла ангишт, нафт ва газ. Бо шарофати ин, ШМА яке аз бузургтарин истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони энергия дар ҷаҳон аст. Сиёсати кишвар ба таъмини амнияти энергетикӣ ва коҳиши вобастагӣ аз воридоти захираҳои энергетикӣ нигаронида шудааст. ШМА инчунин дар рушди энергетикаи барқароршаванда фаъолона кор мекунад ва сармоягузорӣ ба таҳқиқот ва таҳияи технологияҳои нав мекунад.

Аз тарафи дигар, Канада дорои захираҳои бузурги табиӣ, аз ҷумла ангишт, нафт, газ ва гидроэнергетика мебошад. Сиёсати миллии энергетикии Канада ба истифодаи захираҳои табиӣ бо дарназардошти тавозуни оптималии манфиатҳои экологӣ ва иқтисодӣ равона шудааст. Канада содиркунандаи захираҳои энергетикӣ, хусусан ба ШМА мебошад. Иқтисодиёти кишвар аз даромадҳои аз содироти захираҳои энергетикӣ ба даст овардашуда сахт вобаста аст.

Минтақаҳои муҳимтарини соҳаи энергетика дар ҳарду кишвар Алберта дар Канада ва Техас дар ШМА мебошанд. Алберта бо захираҳои бойи нафт аз қумсангҳо ва газ машҳур аст, дар ҳоле ки Техас яке аз бузургтарин истеҳсолкунандагони нафт ва гази табиӣ дар ШМА мебошад.

Бо сабаби шароити ҷуғрофӣ ва иқлимии монанд ҳарду давлат энергетикаи барқароршаванда, махсусан энергияи офтобӣ ва бодиро фаъолона инкишоф медиҳанд ва технологияҳои навро барои беҳтар кардани самаранокии энергетикӣ таҳқиқ ва татбиқ мекунанд.

Бо ин ҳол, ҳарчанд ШМА ва Канада дар сиёсати энергетикӣ ва хусусиятҳои истифодаи захираҳо фарқ доранд, ҳарду кишвар нақши муҳимро дар энергетикаи ҷаҳонӣ

мебозанд ва соҳаҳои энергетикии худро барои таъмини устуворӣ ва амнияти экологӣ инкишоф медиҳанд. [2]

Павлова И. А. дар мақолааш "Эволютсияи муносибатҳои тиҷоратии Штатҳои Муттаҳида ва Канада дар асри XXI” ба чунин хулоса омадааст, ки то соли 2017 ҳаҷми тиҷорати дуҷонибаи байни ШМА ва Канада ба беш аз 1,6 миллиард доллари ШМА дар як рӯз расида буд. Гарчанде ки Канада тӯли солҳои зиёд бузургтарин шарики тиҷоратии ШМА ба ҳисоб мерафт, дар солҳои охир Чин ва Мексика ҷои аввалро гирифтанд. Бо вуҷуди ин, Канада ҳамоно шарикии асосии ШМА дар бахши энергетика ва бозори содиротии муҳим барои зиёда аз 35 Штати ШМА мебошад. Инчунин бузургтарин таъминкунандаи хориҷии нафт, гази табиӣ ва нерӯи барқ барои ШМА мебошад. Дар соли 2014, тақрибан 40% нафти хом, ки Штатҳои Муттаҳида ворид кардааст, аз Канада харида шудааст. Натиҷаи робитаҳои наздик дар соҳаи тиҷорат, иқтисодиёти ду кишвар ба ҳам вобастагӣ доранд, зеро 20 фоизи ММД-и Канада ба содироти молҳо ба ШМА мансуб мебошад.

Павлова И. А. қайд менамояд, ки тиҷорат миёни ШМА ва Канада тӯли таърих бе мушкилӣ набуд ва баъзан ба низоъҳои тиҷоратӣ, махсусан дар давраи маъмурияти президент Трамп, рӯ ба рӯ шуд. Мушкилоти тиҷоратӣ, ба мисли маҳдудиятҳо дар соҳибкории соҳаи кишоварзӣ ва ферма, инчунин ҷорӣ кардани боҷҳо ба маҳсулоти аз пӯлод ва алюминийи Канада, равобити ду кишварро душвор кард.[1]

Дар ҳақиқат дар давраи дуюми маъмурияти президенти Доналд Трамп, муносибатҳои тиҷоратӣ миёни Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Канада боз бо мушкилот ва баҳсҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардиданд. Президенти Трамп бо пайгирии сиёсати «Аввал Амрико» (America First) ба бознигарии созишномаҳои тиҷоратии байналмилалӣ пардохт, ки яке аз онҳо Созишномаи озоди тиҷоратии Амрикои Шимолӣ (NAFTA) буд. Ба ҷои он, Созишномаи нав бо номи USMCA (United States-Mexico-Canada Agreement) пешниҳод ва қабул гардид, ки шартҳои онро бештар ба манфиати ШМА арзёбӣ менамоянд.

Дар ин давра, Трамп бо эъломи борҳои гумрукӣ ба маҳсулоти канадоӣ, аз ҷумла алюминий ва пӯлод, вокунишҳои шадиди ҳукумати Канада ва ҷомеаи тиҷоратии он кишварро ба бор овард. Илова бар ин, изҳоротҳои зиддунақиз ва баъзан таҳқиромези президенти ШМА нисбат ба роҳбарияти Канада, махсусан ба Сарвазири он Ҷастин Трюдо, ба ногуворшавии фазои сиёсӣ ва эътимод байни ду ҳамсоя кишвар мусоидат намуданд.

Гарчанде ки Канада ва ШМА таърихан муносибатҳои мустаҳкам ва наздики иқтисодӣ доранд, вале сиёсатҳои протексионистии маъмурияти Трамп боиси шакку шубҳа дар бораиояндаи ҳамкориҳои тиҷоратӣ гардид. Ин ҳолат ба сармоягузорӣ, содирот ва равобити миёни ширкатҳои ду кишвар таъсири манфӣ мерасонд.

Бояд қайд кард, ки Канада бо захираҳои табиии фаровони худ, аз ҷумла нафт, газ, ва маводҳои минералӣ, яке аз таъминкунандагони асосии ШМА мебошад. Талаботи ШМА ба манбаъҳои энергияи табиӣ, бахусус дар соҳаҳои нафт ва газ, сабаби афзоиши содироти ин молҳо аз Канада мебошад.

Ҳукуматҳои ҳар ду кишвар сиёсати мустаҳками иқтисодӣ ва тиҷоратиро ба кор бурдаанд, ки ин боиси рушди тиҷорат шудааст. Канада ва ШМА бо афзоиши сармоягузориҳо ба инфрасохтор ва ҳамкорӣ дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ба зиёд шудани тиҷорат кӯмак кардаанд.

Дар баробари ин аз ҷониби Президент Байден ва Сарвазир Трюдо дар таърихи 23 феврали соли 2021 "Роҳнамо барои шарикии навшудаи ШМА-Канада" [4] эълон карда шуд. Раҳнамо муносибатҳои ду давлатро дар як чаҳорчӯбаи муҳим нигоҳ дошта, барои таҳкими ҳамкорӣ байни ду кишвар дар якчанд соҳаҳои муҳим хизмат мекунад.

Канада ва Штатҳои Муттаҳида барои эҳёи шарикии таърихии Канада-ШМА ва густариши он ба хулосае расиданд ва як Роҳнамо барои шарикии навшудаи Канада-

ШМА тартиб доданд. Ин роҳнамо нақшаи кореро барои талошҳои бузург алайҳи пандемияи COVID-19 ва дастгирии шукуфоии муштарак равона шудааст. Роҳнамо шарикӣ оид ба мубориза бо тағйирёбии иқлим, таҳкими амнияти ҷаҳонии тандурустӣ, густариши ҳамкориҳо дар соҳаи мудофиа ва амниятро пешбинӣ мекунад ва ҳамзамон ӯҳдадории муштаракро дар бораи гуногунандешӣ, баробарӣ ва адолат таъкид мекунад. Ин соҳаҳои ҳамкорӣ шаш сутуни асосии ин роҳнамо мебошанд.

Дар як баёнияи Кохи Сафед шарҳ дода шуд, ки ин роҳнамо як нақшаи корӣ барои муносибатҳо байни ду ҳамсоя кишвар мебошад ва ӯҳдадорӣ барои ҳамкорӣ дар соҳаҳои мавриди таваҷҷӯҳи муштарак, ба монанди барқароршавӣ аз COVID-19 ва амнияти ҷаҳонии тандурустӣ, талошҳо барои мубориза бо тағйирёбии иқлим ва афзалиятҳои муштарак дар соҳаи мудофиа ва амниятро дар бар мегирад.

Ҳар ду давлат ӯҳдадор шуданд, ки барои пешгирии таҳдидҳои биологии оянда тавассути таҳкими Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ (СҶТ) ҳамкорӣ кунанд ва дар шарикии ҷаҳонӣ алайҳи паҳншавии силоҳҳо ва маводи нобудсозии оммавӣ ҳамкорӣ кунанд.

Инчунин онҳо ба тавофуқ расиданд, ки барои тақвияти амнияти занҷираи таъминот ва муқовимати он ҳамкории зич кунанд, то ШМА ва Канада дар барқарорсозии қавии иқтисодӣ пешсаф бошанд.

ШМА ва Канада ташаббусҳои муштаракро барои суръат бахшидани барқароршавии иқтисодии корхонаҳои хурд ва миёна (SMEs) эълон карданд, ки бо таваҷҷуҳи махсус ба дастгирии корхонаҳои занон ва ақаллиятҳо/мардуми бумӣ тааллуқдошта равона шудааст. Тавассути истифодаи Созишномаи ШМА-Мексика-Канада (USMCA) ва модели Маркази рушди тиҷорати хурд (SBDC) амалӣ хоҳад шуд.

Байден ҳадафи Штатҳои Муттаҳидаро барои расидан ба бахши нерӯи барқи комилан бидуни ифлосшавии карбон то соли 2035-ро тасдиқ кард, дар ҳоле ки Трюдо ҳадафи Канадаро барои расидан ба 90% нерӯи барқ, бидуни партов мебошад, то соли 2030 баён дошт.

Байден гуфт, ки акнун Штатҳои Муттаҳида ба Созишномаи иқлимии Париж баргаштааст, "мо ният дорем, ки роҳбарии худро нишон диҳем, то дигар кишварҳоро водор кунем, ки ҳадафҳои худро баланд бардоранд".

Канада ва Штатҳои Муттаҳида як Шӯрои сатҳи баланд оид ба ҳадафҳои иқлимиро ба роҳ монданд, то сиёсати ду кишварро ҳамоҳанг кунад ва то соли 2050 ба партовҳои сифр расиданро таъмин намояд.

Бо ҳадафи аз байн бурдани нажодпарастӣ ва табъиз дар ҳарду кишвар, ду тараф мувофиқа карданд, ки Форуми ҷиноятҳои фаромарзиро аз нав барқарор кунанд.

Байден ва Трюдо, ки роҳбарони кишварҳои калидии узви НАТО ҳастанд, дар бораи ҳамкориҳои худ бо ҳампаймонони аврупоӣ барои таҳкими амнияти трансатлантикӣ сӯҳбат карданд.

Бояд қайд кард, ки баъди ду бора ба сари қудрат омадани Трамп боз аз Созишномаи иқлимии Париж баромад ва чунин шарҳ дод "долларҳои андозсупорандагони амрикоӣ ба кишварҳое, ки ба кӯмаки молӣ ниёз надоранд ва ё сазовори онҳо нестанд" хотима хоҳем дод.[5] Яъне барои Амрико аз диди назари Трамп муҳим нест, аъзои Созишномаи иқлимии Париж бошад.

Фармондеҳии мудофиаи ҳавоии Америкаи Шимолӣ (NORAD) навсозӣ хоҳад шуд ва як гуфтугӯи васеъ байни ШМА ва Канада дар бораи Арктика шурӯъ мегардад, ки масоили марбут ба амнияти континенталӣ, рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва идоракунии Арктикаро дар бар мегирад. Ва дигар масъалаҳоро баррасӣ карданд. Ин мулоқот ҳамчун кӯшиши Байден барои барқарор кардани равобити ШМА бо Канада пас аз муносибатҳои душвори Трамп бо ҳамсояи либералаш арзёбӣ мешавад.[3]

Дар маҷмӯъ, новобаста аз он, ки дар давраи маъмурияти Президент Трамп мушкилиҳои зиёд ба бор меорад, лекин омилҳо дар боло дарҷшуда боиси он гардиданд, ки тиҷорати байни ШМА ва Канада дар солҳои охир босуръат рушд карда истодааст. Аз

рақамҳои боло хулоса карда мешавад, ки ҳамкориҳои иқтисодӣ байни Штатҳои Муттаҳида ва Канада на танҳо сохтори мустаҳкам доранд, балки дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла тиҷорати молӣ, хизматрасонӣ ва сармоягузорӣ низ ба таври назаррас рушд мекунанд. Бояд қайд кард, ки муносибатҳои тиҷоратии ШМА ва Канада на танҳо барои иқтисоди ҳарду кишвар, балки барои рушди умумии минтақаи Амрикои Шимоли аҳамияти муҳим доранд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор сабаққҳои муҳим дар самти рушди устувори энергетикӣ вуҷуд доранд. Гарчанде ки кишвар дорои захираҳои муҳими нафту газ нест, вале хушбахтона, яке аз кишварҳои дорои бузургтарин захираҳои гидро-энергетикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Айни замон, зиёда аз 90% нерӯи барқ дар ҷумҳурӣ тавассути нерӯгоҳҳои барқи обӣ (НБО) таъмин карда мешавад. Аз ҷумла, нерӯгоҳҳои барқи обии Норак, Сангтӯда-1, Сангтӯда-2 ва Қайроққум дар таъминоти энергетикӣ нақши калидӣ мебозанд.

Ҳамзамон, нерӯгоҳи барқи обии Роғун, ки феълан дар марҳилаи сохтмон қарор дорад, баъди ба истифода додан метавонад ба яке аз марказҳои калидии содироти нерӯи барқ дар минтақа табдил ёбад. Ин иншооти азим яке аз лоиҳаҳои муҳими стратегӣ барои амнияти энергетикии миллии кишвар маҳсуб меёбад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ҳаҷми умумии потенсиали гидроэнергетикӣ дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ҷойи аввал қарор дорад. Бо вуҷуди ин, то имрӯз танҳо тақрибан 5–6 фоизи ин потенсиал истифода шудааст, ки нишондиҳандаи зарурати ҷалби сармоягузорӣ ва рушди минбаъдаи инфрасохтори энергетикӣ мебошад.

Бо ҷамъбасти таҳлили мухтасари дар боло овардашуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Рушди ҳамкориҳои минтақавӣ дар бахши энергетика, аз ҷумла тавсеаи шабакаҳои интиқоли барқ бо кишварҳои ҳамсоя, ба монанди Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Афғонистон, барои содироти нерӯи барқи изофии мавсими тобистон ва воридоти он дар мавсими зимистон як иқдоми калидӣ дар таъмини амнияти энергетикӣ ва рушди иқтисодӣ маҳсуб мешавад. Ин раванд метавонад ба таҳкими ҳамкориҳои иқтисодӣ ва устувории минтақа мусоидат кунад.
2. Сармоягузорӣ ба навсозии инфрасохтори энергетикӣ, бахусус хати интиқол ва шабакаҳои тақсимотӣ, барои коҳиши талафоти нерӯи барқ ва баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ зарур аст. Ин тадбир ба беҳбуди таъминот ва кам кардани фишори иқтисодӣ мусоидат мекунад.
3. Диверсификатсияи манбаъҳои энергетикӣ, аз ҷумла рушди энергияҳои таҷдидшаванда, ба мисли офтобӣ ва бодӣ, дар шароити ҷуғрофии Тоҷикистон имкониятҳои воқеӣ доранд ва бояд дар сиёсати миллии энергетикӣ ҷойгоҳи бештар пайдо намоянд.
4. Дастгирии бахши хусусӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ дар татбиқи лоиҳаҳои энергетикӣ метавонад ба суръат бахшидани сохтмони объектҳои нави энергетикӣ ва ворид намудани технологияи муосир мусоидат намояд, ки ин, дар навбати худ ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши даромади аҳолӣ мусоиат хоҳад кард.
5. Омӯзиши кадрҳои миллӣ дар бахши энергетика, аз ҷумла муҳандисон, таҳлилгарон ва менеҷерони соҳа, бояд афзалият дошта бошад, то рушди соҳа дарозмуддат ва мустақилона идома ёбад.
6. Аз ҳама муҳим баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ дар мавриди истифодаи самараноки нерӯи барқ ва сарфакорона истифода бурдани захираҳои об ҳам дар сатҳи хонаводагӣ ва ҳам дар корхонаҳо низ метавонад ба беҳтар гардонидани самаранокии умумии соҳаи энергетика ва захираҳои табиӣ таъсири мусбат расонад.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Павлова И. А. Эволютсияи муносибатҳои тиҷоратии Штатҳои Муттаҳида ва Канада дар асри XXI/Сетевое издание Электронный научно-практический журнал «Современные научные исследования и инновации».Манбаи электронӣ//https://web.snauka.ru/issues/2019/04/ 89165 [санаи муроҷиат 12.02.2025]
2. Сравнение США и Канады — исследуем сходства и различия двух крупнейших североамерикан ских стран.Манбаи электронӣ//https:// canada.by/articles/sravnenie-ssha-i-kanady-issleduem-shodstva-i-razlichiya-dvuh-krupnejshih-severoamerikanskih-stran [санаи муроҷиат 03.03.2025].
3. Road Map for Renewed US-Canada Partnership Announced [Манбаи электронӣ]// https://www.rttnews.com/3172449/road-map-for-renewed-us-canada-partnership announced.aspx?refresh =1 (санаи муроҷиат 05.05.2024).[Манбаи электронӣ]. URL: https://connect2canada.com/ roadmap-for-a-renewed-u-s-canada-partnership/combating-covid-19/(санаи муроҷиат 18.02.2025).
4. Roadmap for a Renewed U.S.-Canada Partnership [Манбаи электронӣ]. URL: https://connect2canada.com/ roadmap-for-a-renewed-u-s-canada-partnership/combating-covid-19/(санаи муроҷиат 25.01.2025).
5. The Impact of Trump's Withdrawal from Climate Agreements on Africa/[Манбаи электронӣ]. https://www.msn.com/en-za/news/other/the-impact-of-trump-s-withdrawal-from-climate-agreements-on-africa/ar-AA1AQsEb?ocid=BingNew sSerp /(санаи муроҷиат 25.03.2025).
6. U.S.-Canada Joint Statement on the Extension of the Bilateral Energy Transformation Task Force [Манбаи электронӣ]. URL: /U.S.-Canada Joint Statement on the Extension of the Bilateral Energy Transformation Task Force (санаи муроҷиат 20.01.2025).

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ СТРАТЕГИЧЕСКИХ УРОКОВ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ЭНЕРГЕТИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В США И КАНАДЕ ДЛЯ ТАДЖИКИСТАНА

Статья посвящена теоретическому анализу опыта и стратегических уроков обеспечения энергетической безопасности в Соединённых Штатах Америки и Канаде, а также рассматривает возможности применения данного опыта в условиях Республики Таджикистан. Автор анализирует основные направления энергетической политики двух развитых стран, включая переход к чистой энергии, инвестиции в инфраструктуру, внедрение новых технологий и развитие международного сотрудничества. В статье определены ключевые факторы, влияющие на устойчивое развитие энергетики. На основе сравнительного анализа и изучения национальных энергетических стратегий предложен ряд рекомендаций по укреплению энергетической безопасности Таджикистана, направленных на диверсификацию источников энергии, развитие регионального сотрудничества и повышение *эффективности использования природных ресурсов.*

***Ключевые слова:*** *энергетическая безопасность, США, Канада, Таджикистан, региональное сотрудничество, возобновляемые источники энергии, опыт и уроки, устойчивое развитие.*

## THEORETICAL ANALYSIS OF STRATEGIC LESSONS IN ENSURING ENERGY SECURITY IN THE UNITED STATES AND CANADA FOR TAJIKISTAN

This article presents a theoretical analysis of the experience and strategic lessons of ensuring energy security in the United States and Canada, while exploring the potential for applying this experience to the context of the Republic of Tajikistan. The author examines the main directions of energy policy in these two developed countries, including the transition to

clean energy, investments in infrastructure, the adoption of new technologies, and the development of international cooperation. The article identifies key factors influencing the sustainable development of the energy sector. Based on comparative analysis and the study of national energy strategies, a set of recommendations is proposed to strengthen Tajikistan's energy security, focusing on energy source diversification, the expansion of regional cooperation, and increased efficiency in the use of natural resources.

***Keywords:*** *energy security, USA, Canada, Tajikistan, regional cooperation, renewable energy, experience and lessons, sustainable development.*

**Маълумот оид ба муаллиф:**

Дороншоева Некбахт Шоқосумовна, номзади илмҳои сиёсӣ, мудири Шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омузиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ . Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: 935219683. Почтаи электронӣ: nekbaht2004@mail.ru.

**Сведение об авторе:** Дороншоева Некбахт Шокосумовна, кандидат политических наук, заведующая отделом США и Канады Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ . Адрес: 734025 Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: 935219683. E-mail: nekbaht2004@mail.ru.

**Information about the author:** Doronshorva Nekbakht Shoqosumovna. Candidate of Political Science's, Head of the US and Canadian Department of the Institute for the study of Problems of Asian and European Countries of the NAST. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: 935219683. E-mail: nekbaht2004@mail.ru

# ҶОЙГОҲИ СОЗМОНИ КОНФРОНСИ ИСЛОМӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

**ЗИЁЕВ СУБҲИДДИН НАСРИЕВИЧ-**

номзади илмҳои филология, мудири шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

**ХОЛИДА НИЁЗДУХТ-**

магистранти курси 2-юми Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Дар мақола ҷойгоҳи Созмони Конфронси Исломӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Дар солҳои охир мавқеи Созмони Конфронси Исломӣ бо дохил шудани бештари давлатҳои наву бонуфӯз дар тамоми ҷаҳон ба сафи он торафт меафзояд. Нақши ин созмон дар густариши муносибатҳои байналхалқӣ назаррас буда, дар ин замина дар кишварҳои ҳамаъзо чандин лоиҳаҳоро бо сармоягузории муайян ба роҳ мондааст.*

*Созмони Конфронси Исломӣ ин як созмони байналхалқии байниминтақавӣ буда, ба хотири ҳамкориҳо дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, мубориза бар зидди низоми истиеъморӣ таъсис дода шудааст. Ҳадафи дигари он тавсеаи ҳамкорӣ ва ёрии ҳамдигарӣ байни кишварҳои аъзои он мебошад.*

***<u>Калидвожаҳо:</u>*** *Созмони Конфронси Исломӣ, Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ, Бонки Исломии Рушд,* Созмони *Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Ҷаҳони араб.*

Созмони Конфронси Исломӣ як созмони байналмилалӣ мебошад, ки бо як қатор созмонҳои ҷаҳонӣ ва инчунин бо кишварҳои рушдёфта ва сусттар рушдкарда ҳамкории фаъолона ба роҳ мондааст. Дар доираи ин робитаҳо, ҳамкории бештар дар асоси эътирофи манфиатҳои ҳамдигар ва баробарҳуқуқӣ бо созмонҳои бонуфӯзи байналмилалӣ таҳти таваҷҷуҳ қарор мегирад. Ин намуди ҳамкориҳо дар қарорҳое, ки

дар мулоқотҳои Созмони Конфронси Исломӣ ва Конфронси вазирони корҳои хориҷии аъзои ин созмон, ки ҳар сол як маротиба баргузор мегардад қабул шудаанд, таҷассум ёфтааст, ки онҳоро ҳамчун санадҳои асосӣ барои таҳким ва равнақи ҳамкории мутақобила иҷро менамоянд. Ғайр аз ин, ҳамаи ин қарорҳо ба принсипи «Ҳамкории баробарҳуқуқи Созмони Конфронси Исломӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, бо таҳти эътибор қарор додани мақому дараҷаи ҳар як созмон» асос ёфтааст. Созмони Конфронси Исломӣ ду ҳуҷҷати хеле муҳимро қабул кардааст, ки ба мавзуи «Ҳамкории Созмони Конфронси Исломӣ бо Созмони Милали Муттаҳид» ва «Ҳамкории Созмони Конфронси Исломӣ бо ЭКОСОС» дахл доранд. Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти баланди ин ҳуҷҷатҳо, Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид барои иҷрои қарорҳои Созмони Конфронси Исломӣ оид ба «Ҳамкории Созмони Конфронси Исломӣ бо Созмони Милали Муттаҳид» ҳар сол онҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Ба ҷуз Созмони Милали Муттаҳид, дар чаҳорчӯбаи Созмони Конфронси Исломӣ созишномаҳои марбут ба ҳамкории дутарафа бо як қатор созмонҳои байналмилалии дигар низ амалӣ мешаванд, ки аз ҷумлаи онҳо метавон ба Созмони рушди иқтисодӣ ва ҳамкории иқтисодӣ (ЭКОСОС), Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС), Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ (ТҲИ), Созмони иқтисодӣ, ҳамкорӣ ва рушд (СИҲР), Ширкати байниарабӣ барои кафолати сармоягузорӣ (ШБКС), Ташкилоти байналмилалии авиатсияи шаҳрвандӣ (ТБАШ), Ташкилоти байналмилалии меҳнат (СБМ), Фазои иқтисодии ягона (ФИЯ), Иттиҳоди Аврупо (ИА), Ҷомеаи иқтисодии Аврупо (ҶИА), Агентии байналмилалии кафолатҳои сармоягузорӣ (АБКС), Ассотсиатсияи байналмилалии рушд (АБР), Маркази байналмилалии ҳалли баҳсҳои сармоягузорӣ (МБҲБС), Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх (КБСС), Ташкилоти байналмилалии тандурустӣ (ТБТ), Ташкилоти байналмилалии рушди моликияти хусусӣ (ТБРМХ) ва дигар ташкилотҳоро ишора кард.

Ҳамчунин, Созмони Конфронси Исломӣ бо мақсади иштирок дар раванди қароргириҳо ва равандҳои байналмилалӣ ҳамчун нозир дар фаъолияти Созмони Милали Муттаҳид, Лигаи Давлатҳои Араб (ЛДА), Ташкилоти Ҳамкории Иқтисодӣ (ТҲИ), Ташкилоти Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд ва дигар ташкилотҳои марбут ба иқтисод ва рушди кишварҳо фаъолият менамояд.

Созмони Конфронси Исломӣ барои амалӣ кардани ҳадафҳояш бо созмонҳои байналмилалӣ дар ду шаҳр – Ню-Йорк ва Женева намояндагиҳои доимии худро ба унвони нозир дар назди Созмони Милали Муттаҳид таъсис додааст.

Созмони Конфронси Исломӣ як қатор масъалаҳои глобалӣ ва минтақавиро ба таври дастаҷамъона бо Созмони Миллали Муттаҳид ҳал мекунад. Шурои ҳуқуқи инсон бо бисёр созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои аъзои Созмони Конфронси Исломӣ ҳамкории муфидро ба роҳ мемонад.

Яке аз самтҳои калидии фаъолияти байналмилалии Созмони Конфронси Исломӣ ин аст, ки он тавассути ҳамкориҳои густурда дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои инсон миллатҳои аъзои худро ҳифз менамояд. Мисоли равшани ҳамкорӣ дар ин соҳа қарори «Шурои ҳуқуқҳои инсон»-и Созмони Милали Муттаҳид дар Женева таҳти рақами 16/18 мебошад, ки аз 8 қисм иборат буда, дар соли 2010 қабул гардидааст. Ҳамзамон, воқеаҳое, ки аз соли 2000 инҷониб дар натиҷаи амалиётҳои низомии неруҳои Иёлоти Муттаҳида ва дигар иттифоқчиёни он дар қаламрави Ироқ, Сурия, Афғонистон ва дигар кишварҳо ба амал омаданд, боиси поймолшавии ҳуқуқҳои аҳолии маҳаллӣ гардиданд. Бо ин мақсад, Созмони Конфронси Исломӣ пешниҳоди лоиҳаи иборат аз ҳашт моддаро таҳия намуда, барои баррасӣ пешниҳод кард, ки дар соли 2010 бо иттифоқи оро қабул шуд. Дар идомаи ҳамон сол, қарори «Шуро оид ба ҳуқуқҳои инсон»-и Созмони Миллати Муттаҳид барои гузариши расмиёти дахлдори он ба Ассамблеяи Генералии СММ фиристода шуд.

Вале ин маҳдудиятҳои ҷиддӣ дар даст ёфтани суръати дилхоҳи рушди иқтисодӣ, аз нуқтаи назари кишварҳои аъзои ташкилот, нисбати нақши онҳо баррасӣ намешавад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар солҳои охир саҳми кишварҳои аъзои Созмони Конфронси Исломӣ дар соҳаҳои истеъмоли мол ва савдои мол, ҳамчунин нақши умумии онҳо дар рушди иқтисодӣ, ба таври бесобиқа афзуда шудааст. Ин раванд асосан ба таъсири тағйиротҳои глобалии иқтисодӣ вобаста меравад, ки бо интиқоли марказҳои рушдии иқтисодии асосӣ аз минтақаҳои Ғарб ба Шарқ муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва саҳми кишварҳои аъзои ташкилотро мутақобил мегардонад. Дар 15 соли охир аксари кишварҳои узви Созмони Конфронси Исломӣ дар соҳаи иқтисод пешравиҳои назаррас доштаанд. Дар натиҷа, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар ин кишварҳо тақрибан ду баробар афзуда, ба 7 триллион доллари ИМА расидааст.

Ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилии кишварҳои узви Созмони Конфронси Исломӣ тақрибан 23-24 триллион доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки ин тақрибан 23.1%-и иқтисоди ҷаҳониро дар бар мегирад.

Ҳисобҳо дар ин соҳа гувоҳӣ медиҳанд, ки суръати афзоиши иқтисодиёти мамлакатҳои аъзои Созмони Конфронси Исломӣ мувофиқи маълумотҳо дар соли 2025 нисбат ба соли 2015 тақрибан 3,5 баробар буда, нисбат ба соли 2010-ум 7,4 баробар афзудааст. Муқоисаи суръати афзоиши иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва иқтисодиёти давлатҳои Созмони Конфронси Исломӣ нишон медиҳад, ки нишондиҳандаи Созмони Конфронси Исломӣ ба таври назарас пешсаф аст [7, с.270].

Рушди савдои байнидавлатӣ миёни кишварҳои узви Созмони Конфронси Исломӣ низ равандҳои мусбатро нишон медиҳад. Тибқи маълумот, агар ҳаҷми муомилоти мол дар доираи Созмони Конфронси Исломӣ соли 2005 тақрибан 206 миллиард доллари ИМА-ро ташкил дода бошад, пас соли 2012 он ба 743 миллиард доллар соли 2015 ба 1,9 триллион ва соли 2025 ба 2,55 триллион доллари ИМА расидааст. Ин нишон медиҳад, ки дар тӯли 20 соли охир савдои дохилии кишварҳои Созмони Конфронси Исломӣ бо суръати баланди динамикӣ рушд кардааст. Ҳамин тариқ, дар соли 2025 ҳаҷми муомилоти мол дар доираи Созмони Конфронси Исломӣ нисбат ба соли 2015 3,6 баробар ва нисбат ба соли 2012 кариб 10 баробар афзуд ва суръати миёнаи солонаи афзоиши савдои дохилӣ 83,9 фоизро ташкил дод. Дар раванди рушди динамикии иқтисодиёти кишварҳои узви Созмони Конфронси Исломӣ, нақши муҳимро сохтори молиявии он - Бонки Исломии Рушд иҷро мекунад. Аз нигоҳи дороиҳо ва фаъолияти молиявию қарзӣ, ин бонк яке аз бузургтарин муассисаҳои бонкии ҷаҳон маҳсуб мешавад.

Бонки Исломии Рушд захираҳои пули нақди зиёд дорад, ки барои таъмини устувории молиявии он шароити мусоидро фароҳам меорад. Ҳаҷми сармояи оинномавии бонкҳо барои рушди устувор аҳамияти зиёде дорад. Ба ин тартиб, Бонки Исломии Рушд дар 20 соли охир сармояи оинномавии худро афзоиш дода, то соли 2023 ба 80 миллиард доллари ИМА расондааст. Ин нишондиҳандаҳо Бонки Исломии Рушдро дар арсаи молиявӣ ба як бонки бузургтарини байналмилалӣ табдил медиҳад.

Барои таъкид, муассисони асосии Бонки Исломии Рушд 11 кишварҳои бузурги Созмони Конфронси Исломӣ мебошанд, ки мувофиқи маълумоти байналмилалӣ, аз рӯйи стандартҳо ҳамчун кишварҳои дар ҳоли рушд шомил мешаванд.

Чунон ки аз рақамҳо дида мешавад, саҳмдорони асосии Бонки Исломии Рушд, аз рӯйи ҳаҷми саҳмҳо ба сармояи оинномавии он, ин Шоҳигарии Арабистони Саудӣ - 27,3 фоиз, Давлати Либия - 11,0 фоиз, Ҷумҳурии Исломии Эрон - 9,6 фоиз, Ҷумҳурии Мисри Араб - 9,5 фоиз, Ҷумҳурии Туркия - 8,7 фоиз, Аморати Муттаҳидаи Араб - 7,8 фоиз, давлати Қувайт - 6,9 фоиз ва давлатҳои дигари Созмони Конфронси Исломӣ мебошанд [9].

Вижагиҳои хос ва тафовути асосии Бонки Исломии Рушд аз дигар ташкилотҳои бонкии байналмилалӣ дар он аст, ки Бонки Исломии Рушд принсипи фоиздиҳиро дар қарздиҳӣ ба таври асосӣ рад мекунад, ки ин амал ба муқаррароти шариати исломӣ мувофиқат мекунад.

Ба ин тартиб, кӯмаки Бонки Исломии Рушд дар рушди кишварҳои узви Созмони Конфронси Исломӣ асосан бо лоиҳаҳое алоқаманд аст, ки он маблағгузорӣ мекунад. Ин кӯмакҳо ба фаъолиятҳое, ба монанди таҳияи асосҳои техникӣ-иқтисодӣ, банақшагирии муфассал ва амалиёти лоиҳаҳо вобаста мебошанд. Ҳамзамон, Бонки Исломии Рушд дар шеваҳои дигар, ба монанди муайян кардани сиёсати рушди иқтисодӣ, тартиб додани нақшаҳои илмӣ ва таҳқиқотӣ, ва ғайра низ кӯмак мерасонад. Пасандозҳо аз 0,25 миллион доллари ИМА ва бештар, аз давлатҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, инчунин шахсони алоҳида қабул карда мешаванд, ки муносибатҳои тиҷоратиро мустақиман дастгирӣ мекунанд.

Дар оинннома ва Шартномаи таъсисдиҳандагони Бонки Исломии Рушд, самтҳои асосии фаъолияти он ба таври аниқ ва равшан нишон дода шудаанд. Аз ҷумла, иштироки фаъол дар ҳамкориҳои байналмилалӣ ва нигоҳ доштани робитаҳои зич бо бонкҳои бузург, чун Бонки Аврупоии Рушд (БАР) ва Бонки Ҷаҳонӣ. Аммо, самти афзалиятноки фаъолияти Бонки Исломии Рушд қарздиҳии лоиҳаҳои сармоягузории калону миёна ва хурд дар кишварҳои аъзои он ва аъзои Созмони Конфронси Исломӣ мебошад.

Бонки Исломии Рушд дар баробари ин, кӯмакҳои назаррас ба рушди муносибатҳои тиҷоратии байнидавлатӣ мерасонад, фондҳои махсуси суғуртавиро таъсис медиҳад ва инчунин фондҳои молиявии таъминоти ёрии молиявӣ барои аҳолии минтақаи Шарқи Миёна ва Наздик, ки дар дигар минтақаҳо зиндагӣ мекунанд, таъсис медиҳад. Ин иқдомҳо бо мақсади дастгирии аъзои Созмони Конфронси Исломӣ ва рушди устувор равона шудаанд.

Тавре ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, аз соли 1990 Бонки Исломии Рушд мувофиқи оинннома ва мақсадҳои худ ваколатҳояшро васеъ карда, ҳуқуқи бештар ва имкониятҳои рушдро дар арсаи фаъолият ба даст овард. Барои баланд бардоштани самаранокии фаъолият, Бонки Исломии Рушд сохтор ва ташкилоти худро такмил дода, шумораи аъзои худро васеъ намуд, инчунин бо роҳи таҳкими шуъбаҳо ва таъсиси органҳои нави структурӣ имкониятҳои худро барои рушди минбаъда беҳтар кард. Дар натиҷаи сиёсати самарабахши пешгирифта, ки барои густариш ва рушди БИР равона шудааст, сармояи оинномавии Бонки Исломии Рушд дар тӯли 25 соли охир ба қарибӣ 10 маротиба афзуд ва то соли 2025 ба 70 миллиард доллари ИМА расид.

Нишондиҳандаҳои ниҳоии фаъолияти Бонки Исломии Рушд барои 30 соли охир ин аст, ки дар ин муддат бонк бештар аз 500 лоиҳа ба маблағи то 35 миллиард доллар сармоягузорӣ намудааст. Ин шаҳодат медиҳад, ки Бонки Исломии Рушд яке аз мавқеъҳои пешқадамро дар бозори ҷаҳонии қарз ишғол кардааст [2].

Ғайр аз ин, Бонки Исломии Рушд ба таври ҷиддӣ ба маблағгузории раванди ташаккули кадрҳои баландихтисоси илмӣ машғул аст. Ба ин мақсад, он маблағҳои махсусро барои омодасозии олимон дар соҳаҳои гуногуни илм ихтисос дода, инчунин барои донишҷӯён, докторантура ва аспирантура кӯмакҳои молиявӣ ҷудо мекунад. Бонки Исломии Рушд инчунин фондҳои махсуси ҳавасмандгардонӣ барои дастовардҳои илмӣ ташкил мекунад.

Бонки Исломии Рушд робитаҳои зич бо кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), ки аъзои Созмони Конфронси Исломӣ мебошанд, дорад. Ба ин давлатҳо, ки дар баробари дигарон, Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Озарбойҷон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қирғизистон шомил мешаванд, робитаҳои фаъол нигоҳ дошта мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки, бо вуҷуди он ки Бонки Исломии Рушд дар муддати кӯтоҳ як қатор лоиҳаҳои инноватсионӣ бо маблағгузориҳои бузург амалӣ кардааст, ин нишондиҳандаҳо дар муқоиса бо Бонки Аврупоии Рушд (БАР) ҳанӯз хеле кам мебошанд.

Як мисол барои муқоисаи нишондиҳандаҳо байни Бонки Аврупоии Рушд ва Бонки Исломии Рушд тавассути шумораи лоиҳаҳо ва маблағи умумии қарзҳое, ки барои рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Озарбойҷон дода мешаванд, оварда шудааст. Дар муддати

муайян, Бонки Исломии Рушд дар Ҷумҳурии Озарбойҷон дар маҷмуъ 66 лоиҳаи сармоягузориро маблағгузорӣ намуд, ки 1,13 миллиард доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки рақамҳои дахлдор аз ҷониби БАР 146 лоиҳа ва 1,82 миллиард доллари ИМА мебошанд [7, 270].

Барои Ҷумҳурии Қазоқистон, Бонки Исломии Рушд 53 лоиҳа бо маблағи 938 миллион доллари ИМА ва БАР 170 лоиҳа бо 4,7 миллиард доллари ИМА маблағгузорӣ намуд. Ин нишон медиҳад, ки БАР дар ҳаҷм ва шумораи лоиҳаҳо бо фурӯш ва маблағгузории назаррас пешсаф аст. Ин вазъият шаҳодат медиҳад, ки сарфи назар аз имкониятҳои калони қарздиҳӣ Бонки Исломии Рушд, Ҷумҳурии Озарбойҷон ва дигар мамлакатҳои ИДМ ва дар баробари ин Созмони Конфронси Исломӣ ҳануз нокифоя мебошанд [8, с.150].

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки минбаъд рушд кардани ҳамкориҳои Бонки Исломии Рушд бо кишварҳои аъзои Созмони Конфронси Исломӣ имкониятҳои бузург барои истифодаи захираҳои кредитии онҳо ва дастгирии рушди ҳар як кишвар ва беҳбуди ҳаёти аҳолии кишварҳоро фароҳам хоҳад овард. Фаъолияти Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ дар арсаи байналмилалӣ бо суръат афзоиш ёфта, яке аз намунаҳои он татбиқи лоиҳаҳои сершумор дар соҳаҳои гуногуни ҳамкории иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар кишварҳои тараққиёфта ва кишварҳои бо суръати камтар тараққикунанда дар Осиё ва Африка мебошад.

Дар ҳолати ҳозира, афзоиши босуръати обрӯ ва нуфузи байналмилалии Созмони Конфронси Исломӣ вобаста ба фаъолияти муваффақонаи он дар соҳаи танзими муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ хуб мушоҳида мешавад. Дар ин замина, мавҷудияти як асоси мустаҳкам ва мукаммали ҳуқуқӣ нақши муҳим мебозад, ки ҳамчун воситаи боэътимод барои қабули қарорҳои одилона ва мақсаднок, махсусан дар соҳаи иқтисод, истифода шавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки амиқ кардани ҳамгироии иқтисодӣ ва сиёсии давлатҳо дар доираи Созмони Конфронси Исломӣ, асосан ба комиссияи доимии савдо, иқтисод ва ҳамкорӣ дар назди Созмони Конфронси Исломӣ вобаста аст, ки барои рушди ҳамкорӣ дар соҳаи иқтисодӣ ва сиёсӣ нақши муҳими пешбарро иҷро мекунад.

**Адабиёт:**


1. Давлатов У.Н. Ташкилотҳои байналхалқӣ ва минтаҷави. Комплекси таълимӣ методӣ.- Хуҷанд, ДДҲБСТ, 2019.-165 с.
2. Право международных организаций. Региональные, межрегиональные, субрегиональные межправитель-ственные организации: учебник для бакалавриата и магистратуры / под ред. А. Х. Абашидзе, А. М.-687 с.
3. Рустамзода Завқиддин Рустам. Самтҳои асосии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои сиёсии байналхалқӣ. ДИССЕРТАТСИЯ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.- Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ. Хуҷанд – 2022. 189 с.
4. Суханрони Э. Раҳмон дар Иҷлосияи 37-уми Созмони Конфронси Исломӣ. (https://khovar.tj/ 2010/05/ suhanronii-e-ra-1202-mon-dar-i-1206-losiyai-37-umi-sozmoni-konfronsi-islom-1250/) (Санаи муроҷиат 16.11.2022).
5. Суханрониҳо-Нашрияи расмии Тоҷикистон - «Ҷумҳурият» http://jumhuriyat.tj (Санаи муроҷиат 20.12.2022.)
6. Солнцева. — М.: Издательство Юрайт, 2017. , Стр. 170.
7. Сидорова Е. В.Организация Исламская конференция: потенциал развития и технологии политической деятельности в процессе институционализации нового мирового порядка. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата политических наук. Нижний Новгород 2009. – 36 с.

8. Эргашев З.Р.- Созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ (Маводи ёрирасони таълимӣ Хуҷанд: Ношир. 2018. – 150 с.
9. www.bosfera.ru/bo/islamskiy-bank-razvitiye. (Санаи муроҷиат 10.01.2023).

## ОРГАНИЗАЦИЯ ИСЛАМСКОЙ КОНФЕРЕНЦИИ В МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЯХ

В статье анализируется и обсуждается место Организации Исламская Конференция в международных отношениях. В последние годы позиции Организации Исламская Конференция неуклонно укрепляются за счет присоединения к ней многих новых и влиятельных стран со всего мира. Роль этой организации в расширении международных связей значительна, и в этом контексте она запустила несколько проектов со значительными инвестициями в странах-членах.

Организация Исламская конференция — международная межрегиональная организация, созданная в целях сотрудничества в социальной, экономической и политической сферах, а также борьбы против колониальной системы. Еще одной целью является расширение сотрудничества и взаимопомощи между странами-членами.

***Ключевые слова:*** *Организация Исламская Конференция, Организация Исламского Сотрудничества, Исламский Банк Развития, Организация Объединенных Наций, Содружество Независимых Государств, арабский мир.*

## THE PLACE OF THE ORGANIZATION OF THE ISLAMIC CONFERENCE IN INTERNATIONAL RELATIONS

The article analyzes and discusses the place of the Organization of the Islamic Conference in international relations. In recent years, the position of the Organization of the Islamic Conference has been steadily increasing with the accession of more and more new and influential states around the world. The role of this organization in the development of international relations is significant, and in this context, it has implemented several projects with certain investments in its member countries.

The Organization of the Islamic Conference is an international interregional organization established for the purpose of cooperation in the social, economic and political spheres, and the fight against the colonial system. Another goal is to expand cooperation and mutual assistance among its member states.

***Keywords:*** *Organization of the Islamic Conference, Organization of Islamic Cooperation, Islamic Development Bank, United Nations, Commonwealth of Independent States, Arab World.*

**Маълумот дар барои муаллифон:** Зиёев Субҳиддин Насриевич - н.и.ф. мудири шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. E-mail: rakesh-23@mail.ru. тел: +(992)919810212. Суроға: 734025. ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.
Ниёздухт Холида – магистранти курси 2-юми Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. E-mail: gafurovmullobaraka@gmail.com. тел: +(992) 110007625. Суроға: 734025. ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.

**Сведения об авторах:** Зиёев Субхиддин Насриевич **-** к.ф.н., заведующий отделом Среднего и Ближнего Востока Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ : E-mail: rakesh-23@mail.ru. тел: +(992)919810212. Адрес: 734025. г. Душанбе, пр. Рудаки 33.
Ниёздухт Холида - магистрантка 2 курса Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. Академия городок. E-mail:: gafurovmullobaraka@gmail.com. Тел.: (+992) 110007625.

**About the authors:** Ziyoev S.N. – Candidate of Philological Sciences, head of the Middle and Near East department of the Institute for the Study of Asian and European Countries of the

NAST. E-mail: rakesh-23@mail.ru tel: +(992) 919810212. Address: 734025, Dushanbe, Rudaki Ave. 33.
Niyozdukht Kholida - 2nd year Master's student of the Institute for the Study of Asian and European Problems of the NAST. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Academy Town. E-mail: gafurovmullobaraka@gmail.com. Tel.: (+992) 110007625.

# ТАҲЛИЛИ ҶАНБАҲОИ АСОСИИ НАЗАРИЯВИИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ, РАВАНДҲОИ ҲАМГИРОӢ ВА НИЗОМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**РАҲМОНЗОДА АЗИМҶОН ШЕРАЛӢ-**
ходими пешбари илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ,
номзади илми таърих

*Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои асосии назариявии сиёсати хориҷӣ, равандҳои ҳамгироӣ ва низоми байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Таъкид мегардад, ки дар ҷаҳони тағйирёбанда, нақш ва мақоми сиёсати хориҷии давлат боло меравад, ки диққати махсуси илмиро тақозо менамояд. Ҳар як давлат дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои байналхалқӣ кӯшиш менамояд, ки чунин як сиёсати хориҷиро ба роҳ монад, ки ҳам манфиатҳои давлативу миллӣ ва ҳам манфиатҳои ҷомеаи ҷаҳониро таҷассум намояд.*

*Инчунин, дар натиҷаи зиёд гардидани миқдори сохторҳои гуногунсатҳаи ҳамгироии байнидавлатӣ ва боло рафтани нақш ва мавқеи онҳо дар равандҳои сиёсии ҷаҳони муосир, дар ташаккули манфиатҳои миллӣ давлатҳои муосир манфиатҳои умумии минтақавиро низ ба инобат мегиранд. Ин далел имконият медиҳад, ки оид ба ташаккули манфиатҳои дуранга сухан ронд - аз як тараф манфиатҳои давлат, аз тарафи дигар манфиати сохторҳои ҳамгироии минтақавӣ, ки давлат ба он шомил аст.*

***Калидвожаҳо:*** *Сиёсати хориҷӣ, равандҳои ҳамгироӣ, низоми муносибатҳои байналмилалӣ, ҳамкориҳои минтақавӣ, созмонҳои байналмилалӣ, геосиёсат, манфиатҳои миллӣ, манфиатҳои умумӣ, назария.*

Дар ҷаҳони муосир муносибатҳои дуҷонибаи байни давлатҳо шакли асосии ҳамкорӣ дар раванди татбиқи сиёсати хориҷии давлат боқӣ мондааст. Ташаккул ва амалигардонии сиёсати хориҷӣ, манфиатҳои давлат, афзалиятҳо ва самтҳои асосӣ бо як қатор омилҳо, аз ҷумла: таърихӣ гузашта, мавқеи ҷуғрофӣ ва заминаи геосиёсӣ, ки дар он сиёсати хориҷии давлат амалӣ карда мешавад, муайян мегардад.

Ҳамзамон, дар асри XXI равандҳои ҳамгироӣ ҳамчун падидаи пешбарандаи ҳамкориҳои байнидавлатӣ, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва муносибатҳои байни давлатҳо таъсир мерасонанд, аҳаммияти хоса пайдо кардааст. Равандҳои ҳамгироӣ дар сатҳҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба ташаккули марказҳои нави қудрат дар низоми байналмилалӣ, тағйир додани сохтори он ва муайян кардани хусусияти сиёсати хориҷии давлатҳо мусоидат мекунанд.

Тибқи иттилои энсиклопедияи умумии Бритониё: “Сиёсати хориҷӣ як амал ва муносибатҳои давлат бо давлати дигар мебошад. Татбиқи сиёсати хориҷӣ аз сиёсати дохилии давлат, инчунин сиёсат, нақшаҳо ва мавқеи дигар давлатҳо вобаста ба стратегияи геосиёсии худ таъсир мерасонад. Омилҳои асосии таъсир ба сиёсати хориҷӣ:

- мавқеи ҷуғрофӣ;
- таҳдидҳои дохилӣ;
- таҳдидҳои хориҷӣ.

Инчунин, бо воситаи омилҳои асосии сиёсати хориҷӣ – дипломатия, чунин шаклҳо ҳамчун ҷанг, иттифоқҳо ва тиҷорати байналмилалӣ фарқ мекунанд”[12, 210].

Намояндаи реализми сиёсӣ сиёсатшиносӣ олмонӣ Г. Моргентау, таҳлили хусусияти консептуалии сиёсати хориҷӣ, бо назардошти муносибатҳои худ бо дигар давлатҳо ва шахсони ғайрифаъол таҳқиқ намудааст. Ӯ бар он ақидааст, ки ҳангоми татбиқи сиёсати хориҷӣ, давлат ба амали давлатҳои дигар, бо назардошти татбиқи манфиатҳои миллӣ дар ҳудуди худ ҷавоби муайян медиҳад. Сиёсати хориҷӣ идомаи сиёсати дохилии давлат буда, барои татбиқи манфиатҳои миллӣ масъул аст, ки дар консепсияи сиёсати хориҷӣ инъикос ёфтааст [14,563].

Сиёсати хориҷӣ маҷмӯи қарорҳо дар доираи сиёсат оварда, ба иҷрои ҳадафҳо оварда мерасонад. Инчунин, муносибатҳои сиёсати хориҷӣ омилҳое ҳастанд, ки ба натиҷаҳои сиёсати хориҷӣ ва хусусияти рафтори давлат дар доираи низоми байналмилалӣ мебошанд [21,489].

Муҳаққиқи амрикоӣ Ҷ. Доннеллӣ Мақсадҳои сиёсати хориҷии давлат ва ҷанбаҳои онро аз нуқтаи назари реализми сиёсӣ таҳлил ва мавриди баррасӣ қарор додааст. Муҳаққиқ ба хулоса меояд, ки сиёсати хориҷии давлат аз як давраи таърихӣ ба ҳолати низоми байналмилалӣ вобаста аст. Дар натиҷа, хусусиятҳои сиёсати хориҷии давлат бо низоми муқарраршудаи муносибатҳои байналмилалӣ, ки давлат дар доираи он фаъолияти сиёсати хориҷии худро ба амал мебарорад, зич алоқаманд мебошад. Инчунин, маҷмӯи фаъолияти сиёсати хориҷии иштирокчиёни низоми муносибатҳои байналмилалиро ташкил медиҳад. [11,165].

Омилҳои асосие, ки ба ташаккули сиёсати хориҷии давлатҳо ва низоми муносибатҳои байналмилалӣ таъсир мерасонанд, мавқеи ҷуғрофӣ ва геосиёсӣ мебошанд. Равиши геосиёсие, ки асосгузорони геосиёсат ҷуғрофиёшиноси олмонӣ Ф. Ратсел [17, 173] ва олими англис Х. Маккиндер [15, 431-432] аз нуктаи назари модели давлатмеҳварӣ пешниҳод кардаанд. Ба андешаи муҳаққиқон дар сиёсати хориҷӣ ҷуғрофиёи давлатҳо ба ташаккул ва нерӯи бевоситаи таъсиррасонии сиёсати хориҷӣ хамчун омили бунёдӣ баромад мекунад. Сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои давлатҳо дар доираи низоми муносибатҳои байналмилалӣ дар асоси тағйирёбандаҳои ҷуғрофӣ ташаккул меёбад.

Намояндаи мактаби либералии муносибатҳои байналмилалӣ, олими амрикоӣ Ҷ. Розенау се ҷузъҳои таркибии сиёсати хориҷиро муайян менамояд:

— сиёсати хориҷӣ ҳамчун маҷмӯи самтҳо равишҳо, ғояҳо ва арзишҳоеро дар бар мегирад, ки сиёсати хориҷиро дар асоси таҷрибаи таърихии давлат, афзалиятҳои стратегӣ, шароит ва мавқеи давлат дар сиёсати ҷаҳонӣ ташаккул медиҳад;

— сиёсати хориҷӣ ҳамчун маҷмӯи ӯҳдадориҳо ва нақшаҳои амал, ки дар стратегияҳои сиёсати хориҷӣ, қарорҳо бо назардошти муҳити беруна қабул ва амалӣ карда мешаванд;

— сиёсати хориҷӣ ҳамчун як шакли рафтор ба марҳалаи таҷрибавии он ишора мекунад, ки амалҳои мушаххасеро дар бар мегирад [18,19-21].

Ҳамин тариқ, Ҷ. Розенау сиёсати хориҷиро ҳамчун амалҳои бонуфузи ба нақшагирифташуда ё чораҳои аз ҷониби ҳукуматҳо барои нигоҳ доштани ҷанбаҳои матлуби вазъияти байналмилалӣ ё тағйир додани ҷанбаҳои номатлуби он муайян мекунад. [19, 8].

Намояндагони назарияи фароинтернатсионализм сиёсатшиноси амрикоӣ Р. Мансбах ва муҳаққиқи англис Р. Хопкинс сиёсати хориҷиро хамчун нуктаи ибтидоие тавсиф мекунанд, ки дар он нуфузи пайдошавандаи низоми байналмилалӣ аз сарҳадҳои дохилии давлат убур намуда, сиёсати дохилӣ ба рафтори байналмилалӣ табдил меёбад [13, 134]. Муҳаққиқон Р. Хопкинс ва Р. Мансбах дар асарҳои худ омилҳои ба ташаккули сиёсати хориҷӣ таъсиркунандаро таҳлил намуда, онҳоро ба панҷ гурӯҳ ҷудо мекунанд:

— беруна;

— инфиродӣ;

— нақшавӣ;

— давлатӣ;
— иҷтимоӣ.

Омилҳои беруна иқтидор, имкониятҳо ва ҷойгиршавии стратегии давлат, нисбат ба дигар давлатҳо дар сохтори низоми байналмилалӣ давраи муайянро дар бар мегиранд.

Омилҳои инфиродӣ ба шахсияти сиёсӣ, таҷриба, арзишҳо, услубҳои сиёсӣ ва роҳбарӣ дахл доранд, ки барои роҳбарони давлатҳо ҳалкунанда буда, ба раванди қабули қарорҳо ва сифати ин қарорҳо – натиҷа таъсир мерасонанд.

Омилҳои нақшавӣ ба маҷмӯи меъёрҳои рафтори иҷтимоие мансубанд, ки дар низоми сиёсӣ вазифаҳои якхеларо ишғол мекунанд, татбиқ мешаванд.

Омилҳои давлатӣ ба навъҳои ниҳодҳои давлатӣ, тақсими нуфуз дар байни онҳо, усулҳои интихоб ва ҷалби кадрҳо ба таъсири ҷомеа мансубанд.

Ба омилҳои иҷтимоӣ зуҳуроти иҷтимоии ғайридавлатӣ дохил шуда, фарҳанги сиёсӣ, иқтидори иқтисодӣ, сатҳи саноатикунонӣ, андозаи ҳудудӣ, захираҳои табиӣ, ягонагии иҷтимоӣ ва самтҳои асосии арзишро фаро мегиранд [13, 138-153].

Ҳамин тариқ, сиёсатмадорони дохилӣ бозингарони асосии раванди ташаккули сиёсати хориҷӣ мегарданд. Гузашта аз ин, азбаски сиёсати хориҷӣ ба фаъолияти давлат дар арсаи байналмилалӣ дахл дошта, зери таъсири муҳити муносибатҳои байналмилалӣ қарор мегирад. Инчунин, ба татбқи он мутаносибан иқтидори давлат, ки дар он ташаккул ва амалӣ мегардад, таъсир мерасонад.

Намояндаи мактаби низомию сохтории таҳлили сиёсӣ муҳаққиқи рус М. Хрусталёв “сиёсати хориҷиро ҳамчун навъи мушаххаси фаъолияти иҷтимоии одамон», ки ба таъсири муҳити иҷтимоии хориҷӣ ва дохилӣ дучор шуда, “аз ҷониби одамоне, ки ин шароитро мефаҳманд ва барои тағйир додани онҳо бошуурона саъю кӯшиш мекунанд”, муайян менамояд [7, 9]. Дар сатҳи сиёсию идеологии сохтор кӯшиш дар амал ва стратегияи сиёсати хориҷӣ ҳамчун принсипи асосии сиёсати хориҷӣ ифода ёфта, асоси ибтидоии ташаккули сиёсати хориҷӣ манфиатҳои давлат мебошад [7, 67]. Татбиқи манфиатҳои давлат тавассути амал ва стратегияи сиёсати хориҷӣ аз тамоюлҳо ва ҳолати асосии ҳамгироии низоми муносибатҳои байналмилалӣ, вобаста аст.

Татбиқи вазифаҳои асосии давлат тавассути сиёсати хориҷӣ амалӣ карда мешавад. Дар байни вазифаҳои асосӣ: кафолати истиқлолият, сохибихтиёрӣ ва амнияти ҷамъият, инчунин ба амал баровардани манфиатҳои ҷамъиятӣ алоқаманд мебошанд. Боло рафтани нақши сиёсати хориҷӣ дар лаҳзаи ба амал омадани таҳдидҳо ба вазифаҳои асосии давлат, ки дар татбиқи онҳо сиёсати хориҷӣ нақши муҳим мебозад, зоҳир мегардад. Ҳар вақт сиёсати хориҷӣ бо фароҳам овардани шароити мусоиди беруна ба ҳалли мушкилоти дохилӣ мусоидат мекунад. Мазмуну самти сиёсати хориҷиро ҳокимияти сиёсие ташаккул медиҳад, ки сарвари кишвар буда, нисбати иқтидори давлат, манфиатҳои ҷомеа, қувваҳои беруна ва усулҳои ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ назари худро дорад [4, 7-8].

Намояндагони мактабҳо ва назарияҳои гуногуни муносибатҳои байналмилалӣ аз реализми нав то структурализм нақши давлатро дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ таҳлил намуда, ба чунин хулоса меоянд, ки давлат монополияи пештараи бозингарони асосии сиёсати ҷаҳониро надорад. Давлатҳое, ки сиёсати хориҷии худро пеш мебаранд, бояд бо бозингарони нави муносибатхои байналмилалӣ, аз ҷумла: ташкилотҳои фаромиллӣ, ташкилотҳои байниҳукуматӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва ҳаракатҳои сершумори сиёсию ҷамъиятие, ки ба сиёсати муосири ҷаҳон таъсир мерасонанд, сохторҳои худро мустаҳкам намуда, нақши онҳоро дар равандҳои байналмилалӣ баланд бардоранд. Зуҳуроти хоси ин таҳким дар марҳалаи муосир равандҳои ҳамгироӣ гардиданд, ки ба аксарияти давлатҳо таъсир мерасонанд. Дар ин шароит ба назар гирифтани таъсири сиёсати дохилии давлат ба сиёсати хориҷӣ ва муайянкунии онҳо аҳаммияти камтар пайдо мекунад. Зеро дар байни омилҳои

муайянкунандаи таъсиргузор ба сиёсати хориҷии давлат сарчашмаҳои беруна ва равандҳои байналмилалӣ, бахусус ҳамгироӣ мебошанд.

Дар сатҳи давлатӣ ба тариқи муфассал ва дақиқ сиёсати байналмилалӣ аз нуқтаи назари давлати соҳибистиқлол таҳлил карда мешавад, зеро давлат иштирокчии асосии муносибатҳои байналмилалӣ буда, дорои мухторият ва инконияти интихоби самти фаъолияти хориҷии худ мебошад.

Чунин меҳисобем, ки самаранокии сиёсати хориҷӣ аз бисёр ҷиҳат аз сатҳи таҳлили он вобаста аст. Дар ҳолати таҳлили низоми байналмилалӣ, давлати алоҳида дар алоқамандӣ бо вазъияти байналмилалӣ ва воситаҳои асосии мувофиқи бадастории мақсадҳои пешгирифташударо интихоб менамояд. Аз нуқтаи назари таҳлили сатҳи давлатӣ имконият пайдо мешавад, ки самти фаъолияти хориҷии давлат интихоб карда шавад.

Падидаи сиёсати хориҷиро аз лиҳози тамоюл ва равишҳои гуногун таҳлил намуда, қайд кардан бомаврид аст, ки дар марҳалаи муосир сиёсати хориҷӣ воситаи асосии амалӣ гардондани фаъолияти давлат дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Дар ин замина нақши сиёсати хориҷӣ ва нерӯи мутобиқшавии он дар раванди ҳамгироии давлатҳо ба сохторҳои гуногун шоёни таваҷҷӯҳ аст. Дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ҳамгироӣ пешравии равандҳои муосир дар муносибатҳои байналмилалӣ мебошад. Дар асоси хулосае, ки сиёсати хориҷӣ ҳам фаъолияти давлат дар арсаи байналмилалӣ ва ҳам воситаи татбиқи ин фаъолият дар муносибатҳои байналмилалӣ мебошад, таҳлили падидаи “раванди ҳамгироӣ” мавриди таваҷҷӯҳи махсус аст.

Мафҳуми ҳамгироӣ, аз лотинӣ гирифта шудааст (integratio – барқароршавӣ, пурра кардан, integer – бутун), ба таври умумӣ аз унсурҳои гуногун “таркиб намудани як кулл” маънидод мешавад. Мувофиқи “Фарҳанги дипломатӣ” дар сиёсат ва иқтисод ҳамгироӣ метавонад ҳолати дохилии ҷомеа ва давлатро тавсиф кунад.

Олими амрикоӣ К. Дойч ҳамгироиро ҳамчун “хоҳиши ноил шудан ба ҳисси ҷамъият” дар ҳудуди муайян, инчунин ташкил намудани институтҳо барои таъмини “тағйирёбиҳои осоишта” – и дарозмуддат ба манфиати аҳолии ин ҳудудҳо шарҳ медиҳад. Ҳамгироии як гурӯҳи одамон ё давлатҳо дар асоси хоҳиши таъсиси иттиҳодия ва ташаккули тағйироти осоишта “амнияти ҷамъият” – ро таъмин менамояд. Раванди ҳамгироӣ дар чаҳорчӯбаи ҳамкориҳои иқтисодӣ дар асоси сиёсати ҳамоҳангшудаи иқтисодие, ки давлатҳо пеш мебаранд, таҳлил карда мешавад. Бинобар ин, ҳамкории байнидавлатӣ ба дигар соҳаҳои фаъолияти давлат, аз қабили сиёсӣ ва иҷтимоӣ низ таъсир мерасонад, ки аз доираи ҳамкориҳои иқтисодӣ хеле берун меравад.

Муҳаққиқи рус Л. Линдберг ҳамгироии сиёсиро “раванде тавсиф мекунад, ки дар он давлатҳо ихтиёран аз хоҳиш ва қобилияти пешбурди сиёсати хориҷӣ аз ҳамдигар даст кашида, кӯшиш менамоянд, ки масъалаҳои соҳаҳои хориҷӣ ва асосии сиёсати дохилиро якҷоя ҳал кунанд. Инчунин, раванди қабули қарорҳоро ба мақомоти нави марказӣ вогузор намоянд”.

Ҳамгироии сиёсӣ, ба ақидаи муҳаққиқи олмонӣ Э. Хаас, “раванди додани як қисми ваколатҳои субъектҳои сиёсии давлатҳои миллӣ ба манфиати як маркази боломиллиро, ки салоҳияти зарурии аз ҷониби ҳукуматҳои миллӣ додашуда” – ро дорад.

Олими англис А. Маршалл раванди ҳамгироиро таҳлил намуда, дар консепсияи “ҳамгироии континенталӣ” ҳамаи соҳаҳои муносибатҳоро (иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, ғоявию маънавӣ), ки шахсони алоҳидаи ҷамъияти ҳамгироиро дар чорчӯбаи як фазои ҳудудӣ мепайвандад, таҳқиқ менамояд. Муаллиф ҷомеаи ҳамгироиро ҳамчун “фазои ҳамбастагӣ” муайян кардааст. Ҳамгироӣ тавассути “ҳамбастагӣ” дарк намудани “манфиатҳои умумӣ” – и ҳар як аъзо ё гурӯҳи ҷомеаро ҳамчун манфиати худ ва қобилияти бошуурона қурбон кардани манфиатҳои худро ба “манфиатҳои умумӣ” дар назар дошта, онро ҳамчун манфиати шахсӣ дарк мекунад.

Муҳаққиқи амрикоӣ Б. Балаша ҳамгироии иқтисодиро ҳамчун раванд ва ҳолати корҳо муайян мекунад. Раванди ҳамгироӣ тадбирҳоеро дар бар мегирад, ки ба рафъи поймолкунии воҳидҳои иқтисодии давлатҳои гуногуни миллӣ нигаронида шудаанд ва ҳолати кор дар сурати мавҷуд набудани шаклҳои гуногуни поймолкунии иқтисодиёти миллӣ ифода меёбад. Дар асоси ин муайянкунӣ, ҳамгироии иқтисодӣ метавонад якчанд шакл дошта бошад, ки дараҷаҳои гуногуни ҳамгироиро ифода мекунанд:

Минтақаи савдои озод – шакли аслии ҳамгироии иқтисодӣ мебошад, ки тарифҳои тиҷоратӣ ва маҳдудияти миқдориро байни давлатҳои иштирокчӣ бекор мекунад, вале ҳуқуқи ҳар як давлатро барои танзими тарифҳо нисбат ба давлатҳое, ки ба минтақаи савдои озод дохил намешаванд, нигоҳ медорад;

Иттиҳоди гумрукӣ – шакли ҳамгироие мебошад, ки ҳама гуна шаклҳои "табъиз" – и тиҷоратӣ байни кишварҳои узвро тавассути рафъи монеаҳои гумрукӣ ва тиҷоратӣ истисно мекунад. Дар доираи иттиҳод нисбат ба мамлакатҳои сеюм Тарифи умумии беруна ташкил карда мешавад;

Бозори умумӣ – шакли ҳамгироии иқтисодиест, ки дар доираи он на танҳо маҳдудияти савдо, балки маҳдудиятҳои ҳаракати озоди омилҳои истеҳсолот (меҳнат ва сармоя) низ бартараф карда мешаванд;

Иттиҳоди иқтисодӣ – шакли олии ҳамгироии иқтисодӣ ҷиҳати барҳам додани ҳама гуна шаклҳои "табъиз", пахш намудани маҳдудиятҳои ҳаракати молҳо ва омилҳои истеҳсолӣ, ки дар натиҷаи тафовут дар сиёсати давлат ба вуҷуд омадаанд, муттаҳидсозии сиёсати пулию молӣ ва иҷтимоиро пешбинӣ менамояд.

Иттиҳоди сиёсӣ – шакли мураккабтарини ҳамгироӣ ё "марҳалаи ҳамгироии умумии иқтисодӣ" мебошад, ки давлатҳои ҳамгирандаро дар доираи конфедератсия ё федератсия муттаҳид намуда, давлати ягонаро ташкил медиҳад.

Як қатор унсурҳои муҳимме ҳастанд, ки барои татбиқи раванди ҳамгироӣ зарур ва мусоид мебошанд:

— мавҷуд будани дараҷаи баланди тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, масъалаҳои умумие, ки дар назди субъектҳо истодаанд ва "таъсири намоишӣ" ба динамикаи муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонад;

— ташаккули ҳадафҳои ҳамгироӣ бо истифода аз афзалиятҳои макроиқтисодӣ ва таъмини фазои мусоиди сиёсати хориҷӣ;

— унсури наздикии ҷуғрофии давлатҳои дар ин раванд иштироккунанда;

— мавҷудияти гузаштаи муштараки таърихӣ, ҷомеаи фарҳангӣ, динӣ ва тафаккур;

— сатҳи баланди фарҳанги сиёсӣ ва ҳузури иродаи сиёсӣ дар байни роҳбарияти давлатҳо дар раванди ҳамгироӣ;

— ташаккули институтҳое, ки аллакай дар марҳалаи ибтидоии ҳамгироӣ, ки қисми ваколатҳои худро тадриҷан ба давлатҳои дигар медиҳанд;

— муайян намудани як ё якчанд давлатҳои "аз ҷиҳати иқтисодӣ тавоно" аз тамоми гурӯҳи ҳамгироӣ ҳамчун маркази ташаббус, дар айни замон таъмини таъсиси институтҳо ва меъёрҳое, ки беэътиноӣ кардани манфиатҳои миллии иштирокчиёни аз ҷиҳати иқтисодии камтар қудратманди ҳамгироиро истисно мекунанд.

Дар асоси таърифҳои сершумори ҳамгироӣ, равишҳо ва мафҳумҳои назариявӣ, ҳамгироӣ раванди дарозмуддати наздикшавии якчанд давлатҳо дар асоси наздикии ҷуғрофӣ мебошад, ки ниҳодишавии онҳо аз соҳаи иқтисодӣ оғоз ёфтааст.

Мувофиқи принсипи ҷуғрофӣ се сатҳи ҳамгироӣ ҷудо мешавад:

— сатҳи зерминтақавӣ;

— сатҳи минтақавӣ;

— сатҳи ҷаҳонӣ.

Раванди ҳамгироии зерминтақавӣ ба ҳамкориҳои мутақобилан судманди давлатҳои ҳамсоя дар минтақаҳои муҳимтарин, дар як минтақаи хурди ҷуғрофӣ асос

ёфта, бо хоҳиши муқовимат ба фишорҳои рақобатӣ дар доираи раванди ҷаҳонишавӣ дар сатҳи минтақавӣ асос ёфтааст.

Сатҳи минтақавии ҳамгироӣ, ки ба сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатҳо таъсир мерасонад, намунаи ҳамкорӣ бо мақсади таъмини рушди босамари стратегӣ тавассути ҳамгироӣ, аз як тараф, бо истифода аз бартариҳои раванди умумии ҷаҳонишавӣ, аз ҷониби дигар, якҷоя бартараф намудани таъсири манфии ҷаҳонишавӣ, бо роҳи муттаҳид намудани гурӯҳҳои давлатҳо дар асоси манфиатҳои умумии сиёсӣ ва иқтисодӣ мебошад.

Сатҳи ҷаҳонии ҳамгироӣ дар сатҳи иқтисодӣ зуҳур ёфта, дар доираи фаъолияти институтҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ амалӣ мегардад.

Хусусиятҳои фарқкунандаи ҳамгироии зерминтақавӣ аз ҳамгироии минтақавӣ аз маҳдудиятҳои ҷуғрофӣ, таркиби иштирокчиён ва ҳамкориҳо дар сатҳи зерминтақавӣ иборат мебошад.

Ҳамчун як тамоюли табиӣ рушди муносибатҳои иқтисодию сиёсии муосири байналмилалӣ равандҳои ҳамгироӣ дар сатҳи минтақавӣ дар чаҳорчӯбаи як қитъа дар баробарӣ инкишоф меёбанд. Дар ин шароит фазои рақобатӣ ташаккул ёфта, рақобати геосиёсӣ барои дарёфти ҳуқуқи тавсеаи раванди ҳамгироӣ тавассути ҷалби иштирокчиёни нав, ки барои як гурӯҳи ҳамгироӣ имкони таҳкими амнияти беруна ва барои гурӯҳи дигар, нигоҳ доштани “соҳаи таъсири анъанавӣ” – ро муаррифӣ мекунанд. Равандҳои ҳамгироӣ, ки дар доираи низоми муносибатҳои байналмилалӣ инкишоф меёбанд, тадриҷан дар низоми байналмилалӣ марказҳои нави нерӯиро ташкил медиҳанд.

Ба андешаи муҳаққиқи амрикоӣ М. Каплан, “раванди ҳамгироӣ ин ба як маҷмуъ пайвастани ду ё зиёда қисмҳо мебошад, ки дар дохили он як низоми дигарро фаро мегирад”.

Равандҳои муосири ҳамгироии иқтисодӣ ва сиёсӣ, ки бо муҳити беруна ва хусусиятҳои сохтории он ба вуҷуд омадаанд, бо мафҳуми низоми байналмилалӣ, ки равандҳои ҳамгироӣ дар доираи он инкишоф меёбанд, зич алоқамананд.

Аз нуқтаи назари этимология мафҳуми низом аз “низом” – и юнонӣ – як кулл аз қисмҳо иборат аст: алоқа, маҷмӯи ҷузъҳое, ки бо ҳам дар муносибат ва алоқа буда, яклухтӣ, ягонагии муайянро ташкил медиҳанд.

Мувофиқи энсиклопедияи франсузии Гранд Ларус “низом маҷмӯи унсурҳоест, ки дар як воҳиди ягона амал мекунанд”.

Мафҳуми шабеҳ дар Луғати мухтасарнашудаи Вебстер оварда шудааст, ки тибқи он “низом маҷмӯа ё омезиши ашё ё қисмҳое мебошад, ки як маҷмӯи мураккаб ё ягонаро ташкил медиҳанд”.

Асосгузори равиши низомӣ дар таҳлили муносибатҳои байнидавлатӣ олими амрикоӣ М. Каплан дар асари худ “Низом ва раванд дар сиёсати байналмилалӣ” ғояи моҳияти консептуалии сохтори низоми байналмилалиро, ки қонунҳои мавҷудият ва тағйирёбии низомҳои байналмилалиро муайян мекунад, таъкид менамояд. “Низоми байналмилалӣ дар натиҷаи фаъолияти номутобиқшудаи давлатҳои сохибихтиёр, ки ба амалӣ гардондани манфиатҳои худ кӯшиш мекунанд, ба вучуд меояд”. Дар низоми байналмилалӣ давлатҳои тавонотарин сохтори низомро муайян намуда, ба дигар бозингарони муносибатҳои байналмилалӣ таъсир мерасонанд, нақши махсус мебозанд. Сохтори таносуби қувваҳо унсури муҳимми ҳар як низоми байналмилалӣ буда, бо мавҷудияти марказҳои қувваҳое, ки ба тамоми низоми байналмилалӣ таъсир мерасонанд. Инчунин, меҳварҳои асосиро муайян карда, дар асоси онҳо ҳамкории созмонҳои байналмилалӣ тақвият меёбад.

Назарияи низоми байналмилалии Р. Аррон, ки аз ғояҳои реализми сиёсӣ равона гашта, ба омӯзиши муносибатҳои воҳидҳои алоҳидаи сиёсӣ ва дар гурӯҳҳо нигаронида шудааст. Тибқи ин назария, “низоми байналмилалӣ маҷмӯи воҳидҳои сиёсиест, ки бо ҳам муносибатҳои муқаррариро нигоҳ медоранд”. Муаллиф низоми байналмилалиро ҳамчун “рақобати байни воҳидҳои сиёсӣ” медонад [10,103].

Мувофиқи назарияи К. Волс, сохтори он дар низоми байналмилалӣ нақши ҳалкунанда дорад. К. Волс низоми байналмилалиро ҳамчун "сохторе, ки аз воҳидҳои байнисоҳавӣ ва сохтор аз рӯи хусусияти бо мақсади нигоҳ доштан ва мустаҳкам кардани имконият ё бартарии ташкили унсурҳо асос ёфтааст", муайян менамояд. Давлатҳои миллӣ дар сохтор аз рӯи принсипи "худшиносӣ" амал мекунанд. Сохтори низом бе таъсири мустақили раванди ҳамкорӣ ва рақобат байни онҳо таъсир мерасонад.

Дар ин замина тақсимоти нерӯҳо ҳамчун сатҳи тағйирёбандаи сохтор баррасӣ мешавад, дар ҳоле ки сатҳи тағйирёбандаи давлат аст. Қувваи умумии давлат ба андозаи қаламрав, аҳолӣ, захираҳо, иқтидори иқтисодӣ, қудрати ҳарбӣ ва суботи сиёсӣ вобаста мебошад.

Мантиқи конструктивизм, ки ба табиати иҷтимоии муносибатҳо асос ёфтааст, аз он бармеояд, ки ба манфиатҳо ва шахсияти субъектҳо аз сохтори низом таъсир расонида, дар робита бо равандҳои дохилии таъсири мутақобила вобаста мебошанд.

Олими амрикоӣ Р. Гилпин пайдоиши низомҳои байналмилалӣ ва тағйирёбии хоси давлатро дар доираи "назарияи интихоби оқилона" шарҳ дода, модели тағйироти низомиро дар асоси як қатор фарзияҳое, ки аз "назарияи интихоби оқилона" бармеоянд, таҳлил менамояд. Р. Гилпин се намуди тағйирёбиро шарҳ медиҳад:

— тағйирёбӣ тавассути "таъсири мутақобила", яъне тағйири муносибатҳои байнидавлатиро дар доираи таносуби муайян мебошад;

— тағйирёбии низомӣ ба идоракунии умумии низом, шумораи қудратҳои бузург дар дохили он ва тағйири шахсияти қудрати бартаридошта дар натиҷаи ҷанги дохилинизомӣ, ки бо чолишҳо ва кӯшишҳои тағйир додани тартиби мавҷудаи тақсими қудрат алоқаманд аст;

— тағйирёбии низом – тағйироти бунёдии бозингарон, ки боиси тағйирёбии хусусияти худи низом мегардад.

Дар доираи равиши низомӣ олими рус П. Сиганков "низомҳои байналмилалиро ҳамчун моделҳое, ки дар илми муносибатҳои байналмилалӣ дар ҷустуҷӯи муайянкунандаҳо ва намунаҳое сохта шудаанд, ки рафтори субъектҳои сиёсӣ ва ассотсиатсияҳо шарҳ медиҳад", муайян мекунад.

Муҳаққиқи англис Б. Бузан ва олими автралягӣ Р. Литтл "низомҳои байналмилалиро ҳамчун воҳидҳои мутақобила ё вобаста" муайян мекунанд. Дар доираи низоми байналмилалӣ муаллифон мавҷудияти зернизомҳои байналмилалиро, ки аз рӯи хусусият ва шиддатнокии таъсири мутақобила ва вобастагии байниҳамдигарӣ фарқ мекунанд, таъкид мекунанд. Ду намуди зернизомҳои байналмиллалӣ вуҷуд доранд:

— зернизомҳои "ҳамбастагии ҳудудӣ" ё минтақавӣ (Ассотсиатсияи давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Созмони ягонагии Африқо);

— зернизомҳои «ғайриминтақавӣ» (Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд, Ташкилоти кишварҳои содиркунандаи нафт).

Воҳидҳои низом, ки аз зергурӯҳҳо, ташкилотҳо ва ҷамоатҳои гуногун иборатанд, дорои ҳамбастагии кофӣ мебошанд. Инчунин, қодиранд, ки дар сатҳи давлат, миллат ё ташкилотҳои фаромиллӣ ҳамчун субъект амал кунанд.

Хусусиятҳои хоси низоми ҷаҳонии байналмилалӣ ҷанбаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошанд. Дар навбати худ, низоми умумиҷаҳонии байналмилалӣ аз зернизомҳои дорои хусусияти иҷтимоӣ иборат аст.

Ҳамин тариқ, дар асоси изҳорот, ки муносибатҳои дуҷонибаи байни давлатҳо дар асри XXI ҳамчун шакли муҳимми ҳамкорӣ дар раванди татбиқи сиёсати хориҷӣ боқӣ мондааст. Давлат субъекти асосӣ, вале на ягона дар муносибатҳои байналмилалӣ мебошад. Конфигуратсияи сиёсати хориҷӣ ва татбиқи манфиатҳои миллии давлат дар ҷаҳони муосир аз мавқеъи ҷуғрофӣ, заминаи геосиёсӣ, инчунин тамоюлҳои пешқадами ҳамкорӣ (равандҳои ҳамгироӣ) дар иқтисодиёт ва сиёсати ҷаҳонӣ, ки марказҳои нави

қудрат ва сохтори низоми муосири байналмилалиро муайян мекунанд, вобаста аст. Сиёсати хориҷии аксарияти кишварҳои ҷаҳон бо хоҳиши ҳамгиройӣ кардани низоми иқтисодию сиёсии миллӣ ба низоми байналмилалӣ, таъмини афзалиятҳои рақобатӣ ва иқтидори рушд дар низоми иқтисодии ҷаҳонӣ муайян карда мешаванд.

Дар шароити муосир сиёсати хориҷӣ ҳамчун восита ба мақсадҳои ба миён гузошташуда дар раванди ҳамгирой амал мекунад. Дар навбати худ, раванди ҳамгирой, ки тамоюли авангардии муносибатҳои иқтисодию сиёсии муосири байналмилалӣ мебошад, ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии давлатҳои муттаҳидшаванда таъсир мерасонад.

Вобаста ба дараҷа ва амиқи ҳамгироии давлат, дар доираи муттаҳидшавӣ зарурати истифодаи сиёсати хориҷӣ ҳамчун воситаи татбиқи вазифаҳои давлатӣ, ҳифзи ҳувияти он ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ ба миён меояд. Якпорчагии раванди ҳамгирой, вобастагии афзояндаи мутақобила ва вобастагии байни иштирокчиёни равандҳо, инчунин таъсири муҳити беруна аз нуқтаи назари низомӣ ба мо имкон медиҳад, ки байни мафҳуми "раванди ҳамгирой" ва "низоми байналмилалӣ" дар асоси хусусияти сохтории таъсири мутақобилаи унсурҳои зери таъсири муҳити атроф муайян карда шавад.

Дар заминаи равандҳои ҳамгирой ташаккули низомҳои байналмилалӣ дар сатҳи минтақавӣ ё зернизомҳои марбут ба низоми ҷаҳонии байналмилалӣ ба амал меояд. Хусусиятҳои хоси раванди ҳамгирой ва низоми байналмиллалӣ роҳбарии давлати аз ҷиҳати иқтисодӣ мутараққӣ мебошад, ки нисбат ба дигар давлатҳо нақши низомсозиро бо вазни бартаридоштаи сиёсӣ мебозад.

Дар асоси таҳлили гузаронидашуда метавон гуфт, ки байни мафҳумҳои "сиёсати хориҷӣ", "раванди ҳамгирой" ва "низоми байналмилалӣ" вобастагӣ ва вобастагии ҳамдигарӣ вуҷуд дорад. Сиёсати хориҷӣ воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои раванди ҳамгирой мебошад, ки ҳамчун падидаи авангарди ҳамкориҳои байналмилалӣ ба вазъи муҳити низоми байналмилалӣ дахл дорад.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


1. Гукасов А.В. Современная внешняя политика США в регионе Персидского залива: автореф. дисс. … канд. политич. наук. − Пятигорск, 2013. – С. 16.
2. Панин В.Н. Роль и значение национальных интересов в международной политике государств / В.Н.Панин // Университетские чтения – 2006: материалы науч.-метод. чтений ПГЛУ. Ч. 10, секции 2-3 симпозиума 3. – Пятигорск: ПГЛУ, 2006. – С. 108-113.
3. Поздняков Э.А. Нация. Национализм. Национальные интересы / Э.А.Поздняков – М.: Изд-во Прогресс-культура, 1994. – С. 96.
4. Протасова О.Л., Наумова М.Д. Мировая политика и международные отношения: учебное пособие. Тамбов: ГОУ ВПО ТГТУ, 2011. 80 с.
5. Рахмонзода А.Ш. Трансформации системы международных отношений Республики Таджикистан в условиях глобализации. Монография / А.Ш. Рахмонзода. – Душанбе: «Дониш», 2024. – 222 с.
6. Рахмонзода А.Ш. Международные отношения Республики Таджикистан на современном этапе. Монография / А.Ш. Рахмонзода. – Душанбе: «Дониш», 2022. – 173 с.
7. Хрусталёв М.А. Основы теории внешней политики государства: Учебное пособие. Москва: Наука, 1984. 79 с.
8. Яковенко И.Г. Российское государство: национальные интересы, границы, перспективы / И.Г. Яковенко. – М.: Изд-во Новый хронограф, 2008. – С. 32.
9. Allison G., Zelikow P. Essence of Decision: Explaining the Cuban Missile Crisis / G. Allison, P. Zelikow. – Reading Mass.: Longman, 1999. – P. 41-43.
10. Aron R. Peace and War: A Theory of International Relations / R.Aron. – N.J.: Transaction Publishers, 2003. – P. 230 – 232.

11. Donnelly J. Realism and International Relations. Cambridge: Cambridge University Press, 2000. 192 p.

12. Enciclopedia universală Britannica. Bucureşti: Editura Litera, 2010, Vol. 16. 359 p.

13. Hopkins R., Mansbach R. Structure and process in international politics. New York: Harper and Row, 1973. 498 p.

14. Morgenthau H.J. Politics Among Nations: the Struggle for Power and Peace. 5th ed. New York: Alfred A. Knopf, 1976. 618 p.

15. Machinder H.J. The Geographical Pivot of History. // The Geographical Journal [online]. Apr. 1904, Vol. 23, nr. 4,

16. Morgan P. Deterrence Now / P.Morgan – Cambrige: Cambrige University Press, 2003. – P. 5-8.

17. Ratzel F. Ratzel's «Political Geography». // The Geographical Journal [online]. Feb. 1899, Vol. 13, nr.2, pp. 171-173. http://www.jstor.org/stable/1774358

18. Rosenau J. N. World Politics: An Introduction. New York: Free Press, 1976. 754 p.

19. Rosenau J. N. The Study of World Politics: Theoretical and Methodological Challenges / J.Rosenau – N.Y.: Routledge, 2006. – P. 171-197.

20. Singer, D. The Level-of-Analysis Problem in International Relations / D.Singer // World Politics. – 1961. – №1. – P. 77-92.

21. Smith S., Hadield A., Dunne T. Foreign Policy: Theories, Actors, Cases. Oxford: Oxford University Press, 2012. 543 p.


## АНАЛИЗ ОСНОВНЫХ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ АСПЕКТОВ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ, ИНТЕГРАЦИОННЫХ ПРОЦЕССОВ И МЕЖДУНАРОДНОЙ СИСТЕМЫ


В статье анализируются основные теоретические аспекты внешней политики, интеграционных процессов и международной системы. Подчеркивается, что в меняющемся мире роль и статус внешней политики государства возрастают, что требует особого научного внимания. В условиях глобализации международных отношений каждое государство стремится проводить внешнюю политику, воплощающую как государственные и национальные интересы, так и интересы мирового сообщества.

Также в результате увеличения количества многоуровневых структур межгосударственной интеграции и повышения их роли и места в политических процессах современного мира современные государства при формировании национальных интересов учитывают и общие региональные интересы. Данный факт позволяет говорить о формировании противоречивых интересов – с одной стороны, интересов государства, а с другой – интересов региональных интеграционных структур, членом которых является государство.



***Ключевые слова:*** *Внешняя политика, интеграционные процессы, система международных отношений, региональное сотрудничество, международные организации, геополитика, национальные интересы, общие интересы, теория.*


## ANALYSIS OF THE MAIN THEORETICAL ASPECTS OF FOREIGN POLICY, INTEGRATION PROCESSES AND THE INTERNATIONAL SYSTEM


The article analyzes the main theoretical aspects of foreign policy, integration processes and the international system. It is emphasized that in a changing world, the role and status of state foreign policy are increasing, which requires special scientific attention. In the context of globalization of international relations, each state strives to pursue a foreign policy that embodies both state and national interests, as well as the interests of the world community.

Also, as a result of the increase in the number of multi-level structures of interstate integration and the increase in their role and place in the political processes of the modern world, modern states take into account common regional interests when forming national interests. This fact allows us to talk about the formation of conflicting interests - on the one hand, the

interests of the state, and on the other – the interests of regional integration structures of which the state is a member.

***Keywords:*** *Foreign policy, integration processes, system of international relations, regional cooperation, international organizations, geopolitics, national interests, common interests, theory.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳмонзода Азимҷон Шералӣ** – номзади илми таърих, ходими пешбари илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: 900-18-00-38. E-mail: raxmonzoda92@bk.ru

**Сведение об авторе: Рахмонзода Азимджон Шерали** – кандидат исторических наук, ведущий научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: 900-18-00-38. E-mail: raxmonzoda92@bk.ru

**Information about the author: Rahmonzoda Azimjon Sherali** – Candidate of Historical Sciences, Leading researcher of the institute for the Study of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: 900-18-00-38. E-mail: raxmonzoda92@bk.ru

# НАҚШИ НЕРӮГОҲИ БАРҚИ ОБИИ РОҒУН ДАР ТАШАККУЛИ ДИПЛОМАТИЯИ ЭНЕРГИЯИ САБЗИ ТОҶИКИСТОН

**МАДИМАРОВА ГУЛҲАЁ МАДИМАРОВНА-**
ходими пешбари илмии шуъбаи Аврупои
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ,
номзади илмҳои филология

*Тоҷикистон бо гузариш ба энергияи таҷдидшаванда мавқеи худро ҳамчун як чеҳраи калидӣ дар муборизаи ҷаҳонӣ бо тағйирёбии иқлим ва рушди устувор тақвият мебахшад. Нерӯгоҳи барқи обии Роғун, ки бузургтарин тарҳи инфрасохтории кишвар ба ҳисоб меравад, на танҳо омили муҳими таъмини амнияти энергетикӣ, балки муҳаррики рушди иқтисодӣ ва абзори тавонои дипломатияи энергияи сабз мебошад. Ба ғайр аз аҳамияти иқтисодӣ, НБО-и Роғун ҳамчун василаи муҳими дипломатияи об ва энергетика ҷойгоҳи Тоҷикистонро дар Осиёи Марказӣ мустаҳкам месозад. Иншооти мазкур на танҳо манбаи нерӯи барқи сабз, балки омили муҳими ҳамкории минтақавӣ мебошад, ки ба коҳиши танишҳои вобаста ба захираҳои обӣ ва таҳкими эътимоди тарафайн мусоидат мекунад. Бо назардошти таъсири тағйирёбии иқлим, рушди гидроэнергетика метавонад омили калидии таъмини устувории экологӣ ва коҳиши партовҳои карбон гардад. Тоҷикистон, ки дорои захираҳои ғании обӣ мебошад, бо татбиқи лоиҳаи НБО-и Роғун на танҳо амнияти энергетикии худро таҳким мебахшад, балки дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун ҷонибдори рушди нерӯи барқароршаванда муаррифӣ мешавад. Бо баландтарин сарбанди ҷаҳон, НБО-и Роғун на танҳо тавлиди нерӯи барқ, балки танзими ҷараёни обро таъмин намуда, ба коҳиши хатари хушксолӣ ва офатҳои табиӣ кӯмак мерасонад. Тоҷикистон бо сиёсати фаъолонаи худ дар соҳаи гидроэнергетика ва дипломатияи об метавонад ба як шарики боэътимод дар равандҳои глобалии ҳифзи муҳити зист ва рушди устувор табдил ёбад. Пурра мавриди истифода қарор гирифтани НБО-и Роғун ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки худро ҳамчун пешвои энергияи сабз дар минтақа ва ҷаҳон муаррифӣ намуда, на танҳо ба рушди иқтисодии худ, балки ба таҳкими ҳамкории минтақавӣ ва суботи экологӣ мусоидат намояд.*

***Калидвожаҳо:****НБО-и Роғун, дипломатияи энергияи сабз, амнияти энергетикӣ, рушди устувор, гидроэнергетика, тағйирёбии иқлим, ҳамкории минтақавӣ, энергияи барқароршаванда.*

Дар солҳои охир Тоҷикистон бо талошҳояш барои гузаштан ба энергияи таҷдидшаванда ба пешрафтҳои назаррас ноил шуда, худро ҳамчун як чеҳраи шинохта дар амалиёти глобалии иқлим ва рушди устувор ҷой додааст. Кишвари мо дар ҷаҳон яке аз кишварҳои татбиқкунандаи «иқтисодиёти сабз» маҳсуб ёфта, аз лиҳози истифодаи манбаҳои таҷдидшавандаи энергия дар қатори шаш мамлакати пешсафи сайёра қарор дорад. Зеро 98 дарсади барқ тавассути нерӯгоҳҳои барқи обӣ истеҳсол мешаванд. Дар меҳвари ин таҳаввулоти азим Нерӯгоҳи барқи обии Роғун, як лоиҳаи бузурги инфрасохторӣ мебошад, ки имкон дорад нақши Тоҷикистонро дар бозорҳои минтақавӣ ва байналмилалии энергетикӣ тағйир диҳад. Имрӯз ҷаҳон таваҷҷӯҳи худро ба роҳҳои ҳалли бештар дастрас шудани энергияи сабз равона мекунад, НБО-и Роғун ҳамчун иншооти аср, дар ҳоле ки устувории экологӣ ва баланд бардоштани амнияти энергетикиро таъмин мекунад, мавқеашро устувор менамояд. Бояд гуфт, ки нақши гидроэнергетика дар ташаккули иқлим ва сиёсати байналмилалии энергетикӣ гуногунҷанба буда, ба амнияти энергетикӣ, устувории экологӣ ва рушди иқтисодӣ алоқаманд аст. Гидроэнергетика ҳамчун ҷузъи муҳими рӯзномаи ҷаҳонии энергетикӣ, бахусус, дар минтақаҳои рӯ ба тараққӣ, ки норасоии нерӯи барқ маъмул аст, бештар эътироф карда мешавад. Гузаштан ба гидроэнергетика барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор ва коҳиш додани тағирёбии иқлим зарур аст.

Нерӯгоҳи барқи обии Роғун на танҳо барои таъмини эҳтиёҷоти дохилии Тоҷикистон ба нерӯи барқ муҳим аст, балки ташаббуси стратегии кишварро барои саҳмгузорӣ дар ҳадафҳои глобалии манобеъи барқароршавандаи энергия ва талошҳои коҳиши тағйирёбии иқлим муаррифӣ мекунад. Илова бар ин, он истиқлолияти энергетикии кишварро таҳким бахшида, иқтидори рушди ҳамкориҳои минтақавии энергетикӣ, бахусус дар Осиёи Марказиро бештар ва нуфузи Тоҷикистонро ҳамчун содиркунандаи муҳими нерӯи барқ дар минтақа афзоиш медиҳад.. Сохтмони НБО-и Роғун на танҳо манзараи энергетикии кишварро дигаргун месозад, балки барои эътирофи афзояндаи дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун ҷонибдори энергияи тоза ва устувории иқлим роҳ мекушояд. Гузашта аз ин, Тоҷикистон низ беш аз пеш ҳамчун як чеҳраи фаъол дар ҳаракати ҷаҳонӣ ба сӯи рушди устувор, бахусус дар соҳаи энергетикаи сабз ва амали иқлим баромад мекунад. Бо дарназардошти мушкилоте, ки дар натиҷаи тағирёбии иқлим ба миён меоянд, кишварҳои ҷаҳон ӯҳдадор шудаанд, ки афзоиши карбонро коҳиш диҳад ва ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия гузаранд. Тоҷикистон ҳамчун кишвари сарсабз дар Осиёи Марказӣ дорои иқтидори бузурги тавлиди нерӯи барқи обӣ, манбаи энергияи тоза ва барқароршаванда мебошад, ки дар стратегияи энергетикии сабз нақши муҳим мебозад. Кишвар бо талошҳои глобалӣ барои ҳалли мушкилоти экологӣ, коҳиш додани вобастагӣ аз сӯзишвории истихроҷшаванда ва таҳкими амнияти энергетикӣ дар саросари минтақа муваффақ аст. Бинобар ин, бетардид бояд зикр кард, ки Нерӯгоҳи барқи обии Роғун метавонад ҳамчун дарвозаи муҳими Тоҷикистон барои эътирофи байналмилалӣ дар соҳаи энергияи барқароршаванда ва амалҳои иқлими сабз хизмат мекунад.

Чунон ки пештар ҳам зикраш рафт, НБО Роғун ҳамчун як лоиҳаи муҷаҳҳаз, ки на танҳо эҳтиёҷоти энергетикии дохилиро қонеъ хоҳад кард, балки ҳадафҳои устувории минтақавӣ ва ҷаҳониро низ дастгирӣ мекунад. Он бо иқтидори муқарраршуда 3600 МВт ҳамасола беш аз 17 миллиард кВт/соат нерӯи барқ медиҳад ва вобастагии Тоҷикистонро ба нерӯи воридотӣ ба таври қобили мулоҳиза коҳиш медиҳад ва таъмини устувории ниёзи мардум ба нерӯи барқро пурра таъмин хоҳад кард. Илова ба тавлиди нерӯи барқ, лоиҳа барои ҳалли масъалаҳои дигари муҳим, аз қабили танзими об, мубориза бо обхезӣ ва коҳиш додани хушксолӣ тарҳрезӣ шудааст, ки онро ҳам барои кишвар ва ҳам дар минтақаро мақсаднок месозад. Муҳаққиқ Бойматов А. дар мақолаи худ "НБО-и Роғун ва роҳҳои истифодаи захираҳои обию энергетикии Тоҷикистон" чунин овардааст: "Дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон амнияти энергетикӣ дар сохтори амнияти иқтисодии кишвар мавқеи махсусро ишғол менамояд. Аз ин рӯ, амнияти энергетикӣ бояд ҳамчун таъминоти кофии эҳтиёҷоти аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидор бо захираҳои худӣ ва дигар захираҳои зарурии энергетикӣ, ки шароити мусоидро барои рушди иқтисодиёт ва фаъолияти ҳаётии ҷомеа фароҳам меорад, муайян карда шавад. Дуруст муайян кардани он ба таҳия ва татбиқи сиёсати таъминкунандаи афзоиши истеҳсоли молҳо, баланд шудани сатҳи шуғли аҳолӣ ва даромадҳои он, инчунин ба зиёд шудани имкониятҳои кишвар ва минтақаҳои он дар ҳалли муаммоҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва баланд намудани сатҳи маърифат, бартараф кардани таҳдиди фалокатҳои экологӣ ва ҳоказо мусоидат хоҳад кард”[1, 241].

Хусусиятҳои тарҳи НБО-и Роғун баландтарин сарбанд дар ҷаҳонро дар бар мегирад, ки онро бузургтарин обанбори Осиёи Марказӣ низ гуфтан мумкин аст. Лоиҳа бо идоракунии ҷараёни об ва коҳиш додани таъсири шароити шадиди обу ҳаво, бо ҳадафҳои васеътари экологии Тоҷикистон оид ба эҷоди инфрасохтори устувор ва мутобиқшавандаи энергетикӣ мувофиқат мекунад. Гузашта аз ин, масъалаи мазкур тавассути машваратҳои байналмилалӣ ва баррасиҳои коршиносон бодиққат арзёбӣ шудааст, то ба стандартҳои глобалии бехатарӣ ва муҳит мутобиқат карда, муҳити зистро халалдор накунад ва саъю кӯшиши Тоҷикистонро ба рушди устувори энергетикӣ боз ҳам тақвият бахшад. Дар ҳоле ки агар Роғун пурра мавриди истифода қарор гирад он ба санги асоси дипломатияи энергияи сабзи Тоҷикистон табдил хоҳад ёфт ва кишварро ҳамчун яке аз пешсафҳо дар гузариш ба энергияи тоза дар Осиёи Марказӣ ва берун аз он ҷой медиҳад.

Сохтмони нерӯгоҳи барқи обии Роғун, ки қуллаи инфрасохтори инноватсионии гидроэнергетикӣ маҳсуб мешавад, як сиёсати барҷастаи таҷдиди иқтисоди Тоҷикистон ва гузаштани он ба рушди устувор ва фарогир мебошад. Лоиҳаи мазкур бо иқтидори бузурги худ барои беҳбуд бахшидан ва ба эътидол овардани соҳаи энергетикаи кишвар ва муаррифии Тоҷикистон ҳамчун як тасмимгирандаи муҳим ва боэътимод дар бозорҳои энергетикии Осиёи Марказӣ аҳамияти хоса дорад. Ин иқдоми олиҷаноб ба рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва коҳиши камбизоатӣ дар Тоҷикистон мусоидат намуда, ба шарикии стратегӣ бо кишварҳои ҳамсоя, раванди ҳамгироии минтақавиро густариш бахшида, ба сулҳу субот ва амният дар Осиёи Марказӣ мусоидат мекунад. Масалан дар матлабе таҳти унвони «Лоиҳаи Нерӯгоҳи барқи обии Роғуни Тоҷикистон: манфиатҳои интизорӣ барои кишварҳои ҳамсоя», ки муҳаққиқ Х.С. Каримов ва дигарон (2013) муҳокима мекунад, ки чӣ тавр Нерӯгоҳи барқи обии Роғун (НБО) дар Тоҷикистон метавонад ба кишварҳои ҳамсояаш фоидаи назаррас расонад. Муаллифон бар он назаранд, ки ин тарҳ ба қонеъ кардани ниёзҳои минтақавии энергия, беҳбуди идораи об барои обёрӣ ва густариши ҳамкориҳо миёни Тоҷикистон, Афғонистон, Покистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ кумак хоҳад кард. Онҳо потенсиали афзоиши тавлиди нерӯи барқ ва таъсири мусбат ба суботи минтақа ва рушди иқтисодиро тавассути ташаббусҳо ба монанди лоиҳаи интиқоли нерӯи барқи CASA-1000 таъкид мекунанд [3, 241].

Ҷумҳурии Тоҷикистон, як кишвари кӯҳӣ, ки ба баҳр баромад надорад, дар Осиёи Марказӣ, на танҳо ба далели вазъи геополитикӣ дар маркази қитъаи Осиё, балки ба далели иқтидори бузурги манобеъи табиии Тоҷикистон, ки ба таври кулл истифоданашуда аст, бештар таваҷҷуҳи ҷаҳониро ба худ ҷалб мекунад. Захираҳои бойи гидроэнергетикӣ дипломатияи энергияи сабзи Тоҷикистонро қувват мебахшанд, ки он дар платформаҳои байналмилалӣ тавассути ҳалли самараноки масъалаҳои марбут ба энергетика, об ва амнияти озуқаворӣ ҳадаф қарор додааст. Тоҷикистон ҳамчун кишваре, ки мизбони Намоишгоҳи байналмилалии тахассусии соли 2017 таҳти унвони “Энергияи оянда” буд, таҷрибаи худро дар кашфи роҳҳои инноватсионии системаҳои энергетикии бехатар ва устувор ҷорӣ мекунад. Қадамҳо, лоиҳаҳо ва барномаҳои мушаххаси

Тоҷикистонро дар заминаҳои мухталифи минтақавӣ, аз ҷумла Осиёи Ғарбӣ, Ҷанубӣ ва Шарқӣ, инчунин муносибатҳои ҷаҳонии ҳам дар чаҳорчӯби СММ ва САҲА муаррифӣ мекунад. Муҳаққиқони соҳаи дипломатия таҳияи сиёсатҳои энергетикӣ дар гуфтугӯи сиёсати самти энергияи сабз ва дипломатияи Тоҷикистонро аз паҳлуҳои гуногун, хосатан дар доираи НБО-и Роғун таъкид менамоянд, ва муътақиданд, ки дипломатияи энергияи сабз ба як ҷузъи муттаҳидшудаи рӯзномаи умумии сиёсати хориҷии Тоҷикистон табдил меёбад. Тамоюли кишварҳои ҷаҳон ба сӯи рушди устувор ва марҳалаҳои таърихии гуфтугӯи энергетикии Тоҷикистон дар ин ҷо ва хориҷи кишвар низ инъикос ёфтааст. Тоҷикистон лоиҳаҳоеро фаъолона таҳия менамояд, ки ба амнияти энергетикии минтақа мусоидат мекунанд ва истифодаи устувори захираҳои обро таъмин мекунанд. Об як манбаи калидии Осиёи Марказӣ буда, ба объекти на танҳо иқтисодӣ, балки сиёсӣ низ табдил меёбад. Сохтмони нерӯгоҳҳои бузурги барқи обии Роғун ба ҳалли мушкилоти энергетикии минтақа, инчунин дастгирии неруи тоза нигаронида шудааст, ки махсусан дар шароити тағйирёбии иқлими ҷаҳонӣ муҳим аст.

Илова бар ин, ташаббусҳои Тоҷикистон дар соҳаи об ба рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ бо кишварҳои ҳамсоя мусоидат мекунанд. Захираҳои об, истифода ва идораи онҳо ҳамкории зич ва созишро тақозо мекунад ва Тоҷикистон бо омодагии худ ба муколама ва ҳамкорӣ нақши худро дар дипломатияи байналмилалӣ тақвият медиҳад. Як омили муҳим таҷрибаи Тоҷикистон дар идоракунии захираҳои об аст, ки ба кишвар имкон медиҳад, ки ба ташаббусҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар ин самт таъсир расонад. дар ҳамоишҳо ва созмонҳои байналмилалӣ, ки ба ҳалли мушкилоти норасоии об ва тағирёбии иқлим нигаронида шудаанд, фаъолона иштирок мекунад. Кишвари мо дар конфронсҳо, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳо иштирок мекунад, ки дар онҳо масъалаҳои истифодаи устувори об ва ҳифзи экосистемаҳои обӣ баррасӣ мешаванд. Ин имкон медиҳад, ки Тоҷикистон талошҳо ва дастовардҳои худро дар соҳаи сиёсати об намоиш дода, робитаҳои нави дипломатӣ барқарор намояд.

Ба унвони як давлати мустақил Тоҷикистон энергетикаро барои рушди иқтисоди миллии худ муҳим медонад ва пайваста дипломатияи дуҷониба, минтақавӣ ва бисёрҷонибаи энергияи сабзро пайгирӣ мекунад. То имрӯз кишвар бо чанд кишвари ҳамсоя, ниҳодҳои байналмилалӣ ва сармоягузорон оид ба энергетика созишномаҳо ба имзо расонидааст. Ҳарчанд ин талошҳо пайомадҳои васеъ доранд, пайдоиши манобеъи барқароршавандаи энергия (бахусус гидроэнергетикӣ) дар даҳсолаи охир ба Тоҷикистон имкон дод, ки зери парчами “дипломатияи энергияи сабз” берун аз марзҳои минтақаӣ ва байналмилалӣ тарҳрезӣ кунад. Вақте ки ҷаҳон ба бозорҳои бузурги энергияи тоза наздик мешавад ва огоҳӣ дар бораи зарурати сармоягузории назаррас ба манбаъҳои тоза ва барқароршавандаи энергия меафзояд, чунин пешгӯиҳои энергияи сабз воқеан ҳам барои кишварҳои энергетикӣ, ба мисли Тоҷикистон, бахусус дар робита ба истиқлолияти иқтисодии онҳо, як омили хуб шуда метавонанд. Дипломатияи энергетикии Тоҷикистон тавассути арзёбии масъалаҳои амнияти энергетикии кишвар ва нақшаҳои рушди иқтисодӣ бо таваҷҷӯҳ ба тарҳҳои бузурги гидроэнергетикӣ, сохтори энергияи дохилӣ ва шарикии эҳтимолӣ ба таври васеъ баррасӣ шуда истодааст. Давоми солҳои 2006-2016 ва то имрӯз қариб ҳар сол Президенти Тоҷикистон бо мақсади пешбурди корҳои сохтмонӣ ба Неругоҳи барқи обии «Роғун» сафар намуда, ба масъулин дастуру супориш медиҳанд. Хусусан зимни сафаре, ки охири моҳи сентябри соли 2024 ба ин иншооти бузурги стратегӣ анҷом доданд, ба вазорату идораҳои марбутаи мамлакат барои суръат бахшидани корҳои сохтмонӣ дар ин неругоҳ супоришҳои мушаххас доданд. Аз ҷумла, бо мақсади дар муҳлати муқаррааргардида анҷом додани сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун», таъмин намудани сифати корҳо ва ба истифода супоридани иқтидори навбатии неругоҳ Сарвари давлат ба Шурои нозирони Ҷамъияти саҳомии «Неругоҳи барқи обии «Роғун» супориш доданд, ки барои вусъати иҷрои корҳо дар бунёди неругоҳ

тадбирҳои қатъӣ ва саривақтӣ андешида, дар ҳамбастагӣ бо пудратчиёни лотҳои 2, 3, 4 иҷрои корҳоро вобаста ба баланд бардоштани сарбанд то сатҳи 1110 метр ва ба истифода додани нақби сохтмонии қабати 4-ум дар муҳлатҳои муайянгардида таъмин намоянд. Ҳамзамон Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба сохтмону баистифодадиҳии иқтидори Неругоҳи барқи обии «Роғун» иҷрои ҳатмии корҳоро тибқи ҷадвали тасдиқгардида дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монад. Дар ин раванд ҳамоҳангсозии корҳо барои баланд бардоштани сарбанд дар моҳи августи соли 2026 то сатҳи 1150 метр ва моҳи августи соли 2027 то сатҳи 1175 метр таҳти назорати қатъӣ қарор дода шавад. Нақши сармояи давлатии Тоҷикистон дар бозори гидроэнергетика ва моҳияти ҳуқуқии он дар доираи қонунҳои дохилӣ ва байналмилалӣ низ омӯхта мешавад. Барои анҷом додани ин таҳлил аввал мо бояд муносибатҳо ва ҳамкории Тоҷикистонро бо системаи ҷаҳонии энергетикӣ дар доираи назарияҳои геополитикӣ ва иқтисодӣ шарҳ диҳем. Яке аз муҳаққиқони Чинӣ дар мавриди дипломатияи энергияи сабзи Тоҷикистон ва нақши Нерӯгоҳи барқии обии Роғунро дар ин замина чунин баҳогузорӣ кардааст: «Нерӯгоҳи барқи обии Роғун дар стратегияи Тоҷикистон оид ба истиқлолияти энергетикӣ ва рушди устувор, бо истифода аз имкониятҳо ба мисли Ташаббуси «Як камарбанд ва роҳ» барои баланд бардоштани дастгирии молиявӣ ва беҳтар кардани муҳити тиҷорат ва ба ин васила пешбурди дипломатияи энергияи сабз дар миқёси ҷаҳонӣ мебошад. Тоҷикистон аз рӯи захираҳои эҳтимолии гидроэнергетикӣ дар ҷаҳон пас аз Чин, Русия, ИМА, Бразилия, Заир, Ҳиндустон ва Канада дар ҷои 8-ум қарор дорад. Махсусан, он аз рӯи иқтидори тавлиди нерӯи обӣ дар як километри мураббаъ (36,699,000 кВт/км/сол) ва ба сари аҳолӣ (65,900 кВт/соат/сол) дар ҷаҳон ҷойҳои 1 ва 2-ро ишғол мекунад. Ғайр аз ин, интизор меравад, ки иқтидори гидроэнергетикии Тоҷикистон метавонад амнияти кофии энергетикии Осиёи Марказиро таъмин кунад, ки 527 миллиард кВт/соат (сол) баробар ба се маротиба аз истеъмоли имрӯзаи нерӯи барқ дар Осиёи Марказӣ мебошад. Бинобар ин, рушди босамари гидроэнергетика дар Тоҷикистон на танҳо дар амнияти энергетикии дохилӣ нақши муҳим мебозад, балки ба рушди иқтисодӣ ва тақсимоти энергетикии Осиёи Марказӣ низ таъсир мерасонад»[5, 4]. Оби ширин аз захираҳои асосии Тоҷикистон ба шумор меравад. Тоҷикистон аз захираҳои обӣнисбат ба дигар кишварҳои соҳилӣ хеле камтар истифода мебарад, вале дорои иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ мебошад. Кишвар барои рушди пурраи он стратегияи мураккаберо пайгирӣ мекунад, ки сохтмони сарбанди Роғунро дар бар мегирад ва дар чанд сатҳ ифода шудааст: аз сатҳи шаҳрвандӣ то сатҳи миллӣ, боислоҳоти миллии бахши об ва то сатҳи байналмилалӣ бо ҳамкориҳои дуҷониба ва минтақавӣ ва ташаббусҳои глобалӣ. Тоҷикистон ба яке аз кишварҳои пешрафтаи ҳамкорӣ дар соҳаи об дар сатҳи ҷаҳонӣ табдил ёфта, Созмони Милали Муттаҳидро дар маркази идоракунии ҷаҳонии об қарор додааст. Қудрати нарми Тоҷикистонро дар рӯзномаи об метавон ба чанд сифат тақсим кард: заминаи байналмилалӣ бо идоракунии глобалии об; роҳбарӣ дар зинаҳои болоии давлат ва устувории сохторҳои қудратӣ; таҷриба ва иқтидори дар кишвар сохташуда; дастгирии бисёр кишварҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва институтҳои молиявии байналмилалӣ; инчунин мехмоннавозии анъанавии халқи точик. Тоҷикистон бо ташаббусҳои худ оид ба об ва мизбонии конфронсҳо дар Душанбе ба ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҳузури худ дар мубориза бо тағйирёбии иқлим ва ҳифзи иқлими сабз рушан нишон медиҳад. Ташаббуси охирин то имрӯз боиси эълон шудани Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (2018-2028) аз ҷониби Маҷмаи Умумии СММ гардид. Ҳамаи ин ташаббусҳо бештар ба таъкиди ҳамешагии Пешвои миллат Президенти кишвар рабт доранд, маҳз кӯшишу талошҳои эшон буд, ки бунёди НБО -и Роғун бо суръат ҷараён дорад ва имрӯз ҳамчун як лоиҳаи бузурги нигоҳдории иқлим ва энергияи сабз дар ҷаҳон шинохта шудаст. Бояд гуфт, ки сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» бо сарбанди баландияш 335 метр яке аз калонтарин неругоҳҳои обӣ дар ҷаҳон маҳсуб мешавад. Иқтидори лоиҳавии неругоҳ

ба 3600 МВт баробар буда, аз 6 агрегати 600 МВт иборат мебошад. Неругоҳи барқи обии «Роғун» дар ҳолати пурра ба кор даромадан дар як сол метавонад 17 миллиард кВт-соат неруибарқ истеҳсол намояд. Барқи аз лиҳози экологӣ тозаи неругоҳ эҳтиёҷи ба барқдоштаи аҳолии Тоҷикистонро қонеъ намуда, ба рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ, аз ҷумла бунёди корхонаҳои бузурги саноатӣ, коркарди маъданҳои кӯҳӣ, маҳсулоти кишоварзӣ, аз худ намудани заминҳои бекорхобида ва рушди соҳаи кишоварзӣ, шаҳрсозӣ ва сайёҳӣ, мусоидат намуда, ба ин восита ҳазорҳо ҷойи кор муҳайё мешавад. Бо ин Тоҷикистон ба истиқлоли энергетикӣ, ки яке аз чор ҳадафи стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, мушарраф мегардад. Ин аст, ки имрӯзҳо бо саъю талоши хастагинопазири Пешвои миллат корҳои сохтмонӣ дар ин иншооти бузурги мамлакат- Неругоҳи барқи обии «Роғун» босуръат идома доранд. Ин бозгӯи сиёсати бунёдкоронаи Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Муҳаққиқ Менго Ф. дар таҳқиқоти худ таҳти унвони “Сохтумони сарбанди миллӣ: Масъалаҳои Роғун дар Тоҷикистон” оид ба паҳлуҳои гуногун мушкилот ва пешравии ин иншооти асрро баррасӣ карда, саҳмгузори асосии бунёди онро ба Президенти кишвар марбут медонад. Ӯ аз ҷумла овардаст: Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ ба порлумон қайд кард, ки чӣ гуна об неъмати Худост, ки ҳаёт мебахшад ва дар мавриди нерӯи обӣ нерӯи гаронбаҳое, ки набояд беҳуда сарф шавад. Ба ин тартиб, ӯ ба шаҳрвандони шоистае, ки Ватани худро дӯст медоштанд даъват кард, то дар сохтмони сарбанди Роғун, ки онро “масъалаи ҳаёт ё мамот” унвон кард, ки метавонад истиқлолияти энергетикии Тоҷикистонро таъмин кунад, саҳмгузор бошанд. Чунин муроҷиатҳо дар тамоми шабакаҳои телевизион ва радиои кишвар паҳн мешуд (Мониторинги Би-Би-Си 2008) ва соли 2010 низ ҳамин тавр шуд. Раҳмон дар паёми худ ҳамаҷониба масъалаи миллатдустӣ ва бунёди Роғунро овардааст: Роғун ғояи миллии мост, бори дигар ба ҳамаи шаҳрвандони ин давлати соҳибистиқлол, новобаста аз миллат, забон ва дину мазҳаб таъкид мекунам, ки Роғун майдони воқеии набард барои шаъну шараф, арсаи маъруфи меҳнати фидокорона бароиояндаи беҳтар ва шукуфоии Тоҷикистони соҳибистиқлол аст. Ман ба фарзандони Тоҷикистон, ки дар кишварҳои дигар кору зиндагӣ мекунанд ва ҳамеша дар фикри ободии сарзамини аҷдодӣ ва ободии хонадонашон ҳастанд, муроҷиат мекунам: шумо метавонед дар ин иқдоми умумимиллӣ фаъолона иштирок кунед ва дар рушди сохтмони Роғун — манбаи нуру гармӣ дар хонадонатон иқдом намоед. Роғун рамзи ободиву шукуфоии Тоҷикистони имрӯзу фардо, рушди бесобиқаи саноату кишоварзӣ ва муҳимтар аз ҳама, рамзи гармию нури рӯзмарраи ҳар як шаҳрванди кишварамон аст! Роғун мояи ифтихори миллӣ барои ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон ва рамзи ифтихор аз ҳаёти имрӯзу фардои мост! Маҳз чунин шиорҳо ва сухнҳои таъсиромези Эмомалӣ Раҳмон буданд, ки мардуми тоҷик ба сохтумони Роғун ҳамчун яке аз иншооти бузургтарин дар ҷаҳон боварӣ пайдо карда, ба ташаббуси Президенти кишварашон ҳамдаст шуданд [4, 478].

Ҷон Макро дар мавриди дипломатияи энергияи сабз, ҳифзи муҳити зист, пешоҳанги масъалаҳои оби Тоҷикистон чунин анешаронӣ намудааст: “Тоҷикистон ба яке аз кишварҳои пешрафтаи ҳамкорӣ дар соҳаи об дар сатҳи ҷаҳонӣ табдил ёфта, Созмони Милали Муттаҳидро дар маркази идоракунии ҷаҳонии об қарор додааст. Қудрати нарми Тоҷикистонро дар рӯзномаи об метавон ба чанд сифат тақсим кард: заминаи байналмилалӣ бо идоракунии парокандаи глобалии об; роҳбарӣ дар зинаҳои болоии давлат ва устувории сохторҳои қудратӣ; таҷриба ва иқтидори дар кишвар сохташуда; дастгирии бисёр кишварҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва институтҳои молиявии байналмилалӣ; инчунин мехмоннавозии анъанавии халқи тоҷик. Тоҷикистон бо ташаббусҳои худ оид ба об ва мизбонии конфронсҳо дар Душанбе ба ҷомеаи ҷаҳонӣ худро ҳамчун ташаббускори калидии масъала муаррифӣ кард. Ташаббуси охирин то имрӯз боиси эълон шудани Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор»

(2018-2028) аз ҷониби Маҷмаи Умумии СММ гардид” [3,19]. Тоҷикистон дар муносибатҳои байналмилалӣ, махсусан дар соҳаи идоракунии захираҳои об ва сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Ба шарофати мавқеъи стратегии худ дар Осиёи Марказӣ, ки дар он бузургтарин рӯдхонаҳои минтақа тамаркуз мекунанд, Тоҷикистон дар соҳаи энергетикаи обӣ иқтидори назаррас дорад. Сохтмони неругоҳҳои барқи обии Роғун на танҳо аҳамияти иқтисодӣ, балки сиёсӣ ҳам дошта, мавқеи дипломатии кишварро дар арсаи байналмилалӣ таҳким бахшидааст. Гидроэнергетика асоси иқтисоди “сабз”-и Тоҷикистон буда, ба рушди устувор ва коҳиш додани таъсири иқлим нигаронида шудааст. Баҳогузории аксарияти сиёсатшиносон ва муҳаққиқони муносибатҳои байналмилалӣ ба масъалаи сохтумони НБО-и Роғун хеле мусбат буда, онро марҳилаи дигари ҳамкориҳои Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ медонанд. Нерӯи бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистон ва нақши сарчашмаи обии Амударё ва Арал ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дар рӯзномаи ҷаҳонии об нақши калидӣ бозад ва аҳамияти кишварро дар идоракунии захираҳои об нишон медиҳад. Стратегияи ҳамаҷонибаи об дар кишвар, аз ҷумла сохтмони сарбанди Роғун, тааҳҳудоти онро ба рушди захираҳои об ва тавсеаи гидроэнергетика инъикос мекунад [3, 86]. Ҳамин тариқ, Тоҷикистон бо истифода аз захираҳои об ва таҷрибаи худ дар сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ ба рушди иқтисодии минтақа ва сиёсати ҷаҳонии об фаъолона таъсир мерасонад. Ташаббусҳои устувори об ва энергияи сабзи он на танҳо иқтисодиёти дохилиро таҳким мебахшад, балки ба бунёди муносибатҳои қавии дипломатӣ дар сатҳи байналмилалӣ мусоидат мекунад.

Хулоса Роғун на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои тамоми Осиёи Марказӣ аҳамияти калони иқтисодиву иҷтимоӣ дорад. НБО-и Роғун метавонад бо таъмин кардани манбаъи устувор ва экологӣ тавлиди барқ дар минтақа, кӯмак кунад, ки кишварҳо аз манбаъҳои сӯзишвориҳои ифлоскунанда камтар вобастагӣ дошта бошанд. Дар заминаи тағирёбии иқлим, ин иқдом дар коҳиш додани афзоиши газҳои гулхонаӣ нақши муҳим мебозад. НБО-и Роғун инчунин ба сиёсатҳои байналмилалӣ дар соҳаи энергетикаи сабз ва рушд ёфтани лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ бо мақсади таъмини амнияти энергетикӣ ва тарғиби истифодаи манбаъҳои нав ва тоза саҳми назаррас гузорад. Он бо фароҳам овардани шароити ҳамкориҳои энергетикӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва дигар минтақаҳо, метавонад ҳамчун намунаи хуби ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи энергетикаи сабз ва рушдҳои устувор муаррифӣ шавад.Барои кишварҳои ҳамсоя, ба монанди Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Афғонистон, Покистон ва Туркманистон НБО-и Роғун имконият медиҳад, ки бо Тоҷикистон дар масоили энергетикӣ ҳамкорӣ кунанд. Ин ҳамкорӣ на танҳо манфиатҳои иқтисодӣ барои кишварҳои минтақа ба бор меорад, балки бо кӯмак ба рушди иқтидорҳои тавлиди барқ, амнияти энергетикӣ ва эҷоди ҷойҳои нави кор мусоидат мекунад.Дар маҷмӯъ, НБО-и Роғун на танҳо як иқдом барои Тоҷикистон, балки як амал барои тавсеа ва мустаҳкам кардани робитаҳои энергетикӣ ва экологӣ дар Осиёи Марказӣ ва дигар минтақаҳо мебошад.

## РОЛЬ РОГУНСКОЙ ГЭС В ФОРМИРОВАНИИ ЗЕЛЕНОЙ ЭНЕРГЕТИЧЕСКОЙ ДИПЛОМАТИИ ТАДЖИКИСТАНА

Переход Таджикистана на возобновляемые источники энергии укрепляет его позицию как ключевого игрока в глобальной борьбе с изменением климата и продвижении устойчивого развития. Рогунская гидроэлектростанция, крупнейший инфраструктурный проект страны, является не только важнейшим элементом энергетической безопасности, но и мощным двигателем экономического роста и инструментом дипломатии зеленой энергетики. Помимо экономической значимости, Рогунская ГЭС играет важную роль в водной и энергетической дипломатии, укрепляя позиции Таджикистана в Центральной Азии. Этот объект служит не только источником

чистой электроэнергии, но и важным фактором регионального сотрудничества, способствуя снижению напряженности, связанной с водными ресурсами, и укреплению взаимного доверия. С учетом последствий изменения климата развитие гидроэнергетики становится ключевым элементом обеспечения экологической устойчивости и сокращения выбросов углерода. Обладая значительными водными ресурсами, Таджикистан, реализуя проект Рогунской ГЭС, не только укрепляет свою энергетическую безопасность, но и выступает на международной арене как сторонник развития возобновляемой энергетики. Благодаря самой высокой плотине в мире, Рогунская ГЭС не только вырабатывает электроэнергию, но и регулирует водные потоки, снижая риски засух и природных катастроф. Активная политика Таджикистана в области гидроэнергетики и водной дипломатии позволяет ему стать надежным партнером в глобальных процессах охраны окружающей среды и устойчивого развития. Полный ввод в эксплуатацию Рогунской ГЭС позволит Таджикистану утвердиться в качестве лидера в области зеленой энергетики в регионе и на международном уровне, способствуя экономическому росту, региональному сотрудничеству и экологической стабильности.

***Ключивые слова***: *Рогунская ГЭС, дипломатия зеленой энергетики, энергетическая безопасность, устойчивое развитие, гидроэнергетика, изменение климата*, региональное сотрудничество, возобновляемая энергия.

## THE ROLE OF ROGUN HYDROPOWER PLANT IN THE FORMATION OF TAJIKISTAN'S GREEN ENERGY DIPLOMACY

**Tajikistan's transition to renewable energy strengthens its position as a key player in the global fight against climate change and the promotion of sustainable development. The Rogun Hydropower Plant, the country's largest infrastructure project, is not only a crucial pillar of energy security but also a powerful driver of economic growth and a strategic tool in green energy diplomacy. Beyond its economic importance, Rogun HPP plays a vital role in water and energy diplomacy, reinforcing Tajikistan's standing in Central Asia. This facility serves not only as a source of clean electricity but also as a key factor in regional cooperation, helping to reduce tensions over water resources and fostering mutual trust.Given the impacts of climate change, hydropower development is essential for ensuring environmental sustainability and reducing carbon emissions. With its abundant water resources, Tajikistan, through the implementation of the Rogun HPP project, not only enhances its energy security but also emerges as a strong advocate for renewable energy on the global stage. Featuring the world's tallest dam, Rogun HPP contributes not only to electricity generation but also to water flow regulation, mitigating the risks of droughts and natural disasters. Tajikistan's proactive policies in hydropower and water diplomacy position it as a reliable partner in global environmental protection and sustainable development efforts.The full operation of Rogun HPP will enable Tajikistan to establish itself as a leader in green energy both regionally and globally, fostering economic growth, regional cooperation, and ecological stability.**

***Keywords:****Rogun HPP, green energy diplomacy, energy security, sustainable development, hydropower, climate change, regional cooperation, renewable energy.*

**Адабиёти истифодашуда:**

1. Бойматов А. НБО Роғун ва роҳҳои истифодаи захираҳои обию энергетикии Тоҷикистон// Ахбори донишгоҳи милли Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ. ISSN 2411-1945. С.-53-60
2. Jon Marco Church. Soft Power of Tajikistan on the Water Agenda: Cross-Scale Dynamics. University of Reims Champagne-Ardenne. (Springer, Cham) Jan 2019 - pp 215-228

3. Kh.S. Karimov, M. Abid, Nisar Ahmed, Kh.M. Akhmedov and G.N. Petrov. Rogun Hydropower Plant Project of Tajikistan: Expected Benefits for Neighboring Countries. World Applied Sciences Journal 26 (2): 239-243, 2013 ISSN 1818-4952. P-239-243
4. Menga, F. Building a Nation through Dam: The Case of Rogun in Tajikistan, Nationalities Papers, 43(3):479–494, 2015
5. Zhao Xu.The Integrated Hydropower Sustainability Assessment in Tajikistan: A Case Study of Rogun Hydropower Plant. Hindawi Advances in Civil Engineering Volume 2020, Article ID 8894072, 18 pages
6. Сомонаи расмии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон (https://www.mewr.tj/)

**Маълумот оид ба муаллиф**:
Мадимарова Гулҳаё Мадимаровна,ходими пешбари илмии шуъбаи Аврупоии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ
Суроға 734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
Телефон: 905123535, почтаи электронӣ:gulhayom9@gmail.com

**Сведения об авторе:**
Мадимарова Гулҳаё Мадимаровна,ведущий научный сотрудник отдела Европы Института изучении проблем стран Азии и Европы НАНТ.
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки, 33 Телефон: +992 905123535Электронная почта: gulhayom9@gmail.com

**Information about Author:**
**Madimarova Gulhayo Madimarovna ,Leading Researcher of the European Department of the Institute for the Study of the Problems of Asian and European Countries of tthe NAST.**
**Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33 Phone: +992 905123535; Email: gulhayom9@gmail.com**

## СОЗМОНИ ҲАМКОРИҲОИ ШАНХАЙ - НИҲОДИ ГУСТАРИШИ МУНОСИБОТИ БАЙНИДАВЛАТИИ ЧАНДҶОНИБА ВА ШАРИКИ ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ

**ДАВЛИЁРОВА САФАРГУЛ ТЕШАЕВНА-**
ходими пешбари илмии Шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент

*Дар мақолаи мазкур вазифаҳои асосии Созмони ҳамкориҳои Шанхай, таҳкими сулҳу субот ва амнияти саросарӣ дар фазои кишварҳои аъзои созмон, мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм, экстремизм, киберҷиноят ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, инчунин рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва шарикии энергетикӣ, ҳамкориҳои илмӣ ва фарҳангӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.*

*Ҳамчунин Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 раёсати Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро ба ӯҳда дошта, ташаббускори машваратҳо оид ба таҳияи пешниҳодҳо дар масъалаҳои такмили ИДМ ва беҳтар намудани ҳамкориҳои СҲШ бо аъзоёни нави он, аз он ҷумла Эрон маҳсуб меёбад.*

***Калидвожаҳо:*** *Созмони ҳамкориҳои Шанхай, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, падидаи хатарнок, таҳдидҳо, ҷиноятҳои фаромарзӣ, амният, терроризм, экстремизм, сепаратизм, кибертерроризм, ҳифзи иттилоот, консепсия, мақоми нозир ва ғайраҳо.*

Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) ҳамчун ниҳоди батанзимдароварандаю густаришдиҳандаи муносибатҳои байнидавлатии доимамалкунандаи чандҷониба ва шарики ИДМ доираи васеи масъалаҳои минтақавиро ба рушди иқтисодӣ, фарҳангӣ, амнияти минтақа, мубориза дастҷамъона бар зидди зуҳуроти хатарзою номатлуб, баланд бардоштани сатҳ ва сифати зисти мардумони давлатҳои аъзо, аз ҷумла кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, мусоидат менамояд.

Қобили тазаккур аст, ки айни замон раванди рушди Созмони ҳамкории Шанхай ва такмили заминаи шартномавӣ-ҳуқуқии он идома дорад ва Созмон тибқи вазифаҳои асосии бар дӯш доштааш бо давлатҳои аъзо, аз ҷумла кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ҳамкориҳои муфиди тарафайнро ба роҳ мондааст. Созмони ҳамкории Шанхай яке аз созмонҳои хусусияти ҳамгироидоштаест, ки як қисми фазои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро ба фаро мегирад.

Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил низ, дар навбати худ, дар арсаи байналмилалӣ бо Созмони ҳамкориҳои Шанхай ҳамкории пурсамару муваффақ дошта, ин ду созмон мавқеъҳои худро мунтазам ҳамоҳанг менамоянд.

**Мусаллам аст, ки саҳми Созмони ҳамкориҳои Шанхай дар бахши мубориза ба муқобили таҳдиду хатарҳо ба сулҳу субот, амнияти минтақа ва ҷаҳон мусбат арзёбӣ мегардад.**

Метавон иброз намуд, ки Созмони ҳамкориҳои Шанхай як иттиҳодияи бисёрҷанбаест, ки фаъолияташ ба таъмини амният ва нигоҳдории сулҳу субот дар фазои фарохи АвруОсиё, муқовимат бо чолишҳо ва таҳдидҳои нав, густариши ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, илмӣ, гуманитарӣ, сиёсӣ ва ғайра нигаронида шудааст. Созмони ҳамкориҳои Шанхай созмони байнитамаддуниест, ки имкони бархурди тамаддунҳоро дар минтақаи масъулияти худ хеле кам мекунад. Созмони ҳамкориҳои Шанхай яке аз созмонҳои бонуфузи байналмилалии минтақавие мебошад, ки дар сиёсатрониҳои олами муосир нақш ва таъсири махсус дорад[1].

Ҷаласаи таърихии Созмони ҳамкориҳои Шанхай дар Остона, ки 8-9 июни соли 2017 баргузор шуда буд, марҳалаи наверо дар рушди ин созмон боз кард. Яке аз натиҷаҳои муҳимтарини он ба Ҳиндустон ва Покистон додани мақоми аъзои комилҳуқуқи Созмон буд. Дохил шудани ин ду давлати тавоно ва бонуфузи Осиёи Ҷанубӣ ба Созмони ҳамкориҳои Шанхай иқтидор ва доираи имконоти ин созмонро, аз ҷумла дар самти муборизаи муштарак ба чолишҳои анъанавӣ ва таҳдиду хатарҳои нав, васеътар намуд.

Муқовимати муассир-тавассути кӯшишҳои муштарак - ба таҳдиду хатарҳо ва чолишҳои амниятӣ дар тамоми доираи масъулияти созмони минтақавӣ сурат мегирад.

Эъломияи Остонагии сарони кишварҳои аъзои Созмони ҳамкориҳои Шанхай санади умдаи нишасти раҳбарони кишварҳои аъзо дар Остона гардид. Илова бар мавқеъҳои мувофиқашудаи кишварҳои аъзо оид ба масъалаҳои калидии рӯзномаи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, матни санад иқдомоти минбаъдаи Созмонро дар арсаи муқобилат ба таҳдидҳо ба сулҳу амният инъикос мекунад[1].

Созмони ҳамкориҳои Шанхай талошҳои муштаракро ҷиҳати муқовимат ба чолишҳои умумӣ ва хатару таҳдидҳо ба амният, амиқтар кардани муколама ва ҳамкорӣ ҷиҳати таъмини амнияти ҳамаҷониба, пеш аз ҳама дар мубориза бо терроризм, сепаратизм, ифротгароӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ, қочоқи маводи мухаддир, идома медиҳад.

Метавон иброз намуд, ки вокуниши дастҷамъонаи аъзои Созмони ҳамкориҳои Шанхай ба тавсеаи густурдаи падидаи хатарноктарин, ки фаъолияти ифротгароӣ мебошад, қабули Конвенсияи Созмони ҳамкориҳои Шанхай дар бораи мубориза бо ифротгароӣ дар нишасти Остона буд. Ин санад ба таҳкими заминаи ҳуқуқии байналмиллалӣ ҷиҳати муқовимат ба чолишҳо ва таҳдидҳои нав дар баробари Конвенсияи Шанхай дар бораи мубориза бо терроризм, сепаратизм ва ифротгароӣ,

Конвенсияи Созмони ҳамкориҳои Шанхай алайҳи терроризм ва Барномаи ҳамкории кишварҳои аъзои Созмони ҳамкориҳои Шанхай дар мубориза бо терроризм, сепаратизм ва ифротгароӣ барои солҳои 2016-2018, инчунин ҳуҷҷатҳои дахлдори СММ - Стратегияи глобалии зиддитеррористии СММ ва қатъномаҳои дахлдори Шӯрои Амнияти СММ - мусоидат мекунад.

Конвенсияи Созмони ҳамкориҳои Шанхай дар бораи мубориза бо ифротгароӣ ба таҳкими амният, баланд бардоштани самаранокии ҳамкории мақомоти салоҳиятдор ва такмили қонунгузорӣ дар ин самт равона шудааст. Афзоиши фаъолияти террористӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон зарурати такмил ва таҳияи тарзу усулҳои муборизаи муштарак бо ин хатарро тақозо мекунад. Изҳороти сарони кишварҳои аъзои Созмони ҳамкориҳои Шанхай оид ба мубориза бо терроризми байналмилалӣ, ки дар Остона қабул шуд, як санади муҳимми сиёсӣ буда, арзёбии вазъи корҳо, равишҳои таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар мубориза бо терроризм ва даъвати ҷомеаи ҷаҳониро оид ба муттаҳидшавӣ дар доираи эътилофи васеи зиддитеррористӣ дар мубориза бо терроризми ҷаҳонӣ дар бар мегирад. Дар шароити муосир паҳншавии идеология ва таблиғоти террористӣ, аз ҷумла сафедкунии оммавии терроризм бо мақсади ташвиқ ба содир намудани амалҳои террористӣ хатари хосса дорад. Дар робита ба ин Созмони ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ) тасмим гирифтааст, ки талошҳои муштаракро ҷиҳати муқобилат бо радикализатсияи ҷомеа, ки ба зуҳуроти ифротгароӣ, аз ҷумла терроризм, бахусус дар байни ҷавонон, боис мегардад, инчунин барои пешгирии ифротгароии мазҳабӣ, этникӣ, идеологӣ, сиёсӣ, аз ҷумла дар байни ҷавонон, тақвият бахшад. Дар баробари ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти судӣ дар ин самт ба таҳкими нақши пешбарандаи давлатҳо дар мубориза бо терроризм, сепаратизм ва ифротгароӣ бо ҷалби ихтиёрӣ ва масъулиятшиносонаи нерӯи сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла созмонҳои анъанавии динӣ, таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Қобили зикр аст, ки Созмони ҳамкориҳои Шанхай блоки ҳарбӣ нест, лекин дар доираи масъулияти худ ба хотири муборизаи оштинопазир бо таҳдиди террористӣ таҳия ва таҳкими механизмҳоеро иҷро мекунад, ки ба решакан кардани фаъолияти террористӣ нигаронида шудаанд. Дар робита ба ин Созмони ҳамкориҳои Шанхай амалияи баргузории тамринҳои муштараки зиддитеррористиро, аз ҷумла машқҳои “Рисолати сулҳ”-ро, мунтазам идома хоҳад дод[1].

Пӯшида нест, ки мубориза бо истеҳсолу гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир яке аз самтҳои афзалиятноку муҳимми кори Созмони ҳамкориҳои Шанхай мебошад. Истеҳсоли ғайриқонунии маводи мухаддир ва гардиши ғайриқонунии ин вабои аср ҳамчун яке аз ҷиддитарин таҳдидҳои амниятӣ маҳсуб гардида, зиндагии солиму суботро воқеан халалдор мекунад.

Дарвоқеъ фаъолияти муштараки зидди маводи мухаддири мақомоти салоҳиятдори кишварҳои аъзои Созмони ҳамкориҳои Шанхай натиҷаҳои ҷиддии амалӣ медиҳад. Бо вуҷуди ин, танҳо дар сурати муттаҳидсозии минбаъдаи кӯшишҳои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ алайҳи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир самаранок мубориза бурдан имконпазир мегардад.

Созмони ҳамкориҳои Шанхай ният дорад, ки ҷиҳати рушди устувори иқтисоди минтақавӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди тиҷорат, мусоидат ба фаъолияти сармоягузорӣ, беҳбуди инфрасохтор, бунёди паркҳои саноатӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум чораҳои иловагӣ андешад.

Чуноне ки иттилоъ дорем, Созмони ҳамкории Шанхай ташкилоти байналмилалӣ буда, 15-уми июни соли 2001 дар шаҳри Шанхай таъсис ёфтааст. Дар ибтидо ба ин иттиҳодия Русия, Қазоқистон, Қирғизистон, Чин, Тоҷикистон, Ӯзбекистон шомил буда, дар соли 2017 Ҳиндустон ва Покистон ва дар соли 2023 Эрон аъзои он шуданд. 4-уми июли соли 2024 Ҷумҳурии Беларус расман узви комилҳуқуқи Созмони ҳамкориҳои Шанхай гардид.

Ҳамзамон иштироки фаъоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони ҳамкории Шанхай таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, густариши равобити ҳасана ва дӯстона дар байни давлатҳои аъзою ва нозири созмони мазкур, инчунин таъмини амнияту оромӣ ва рушди устувори иқтисодиро дар минтақа пайгирӣ мекунад. Тоҷикистон ҷонибдори тақвияти беш аз пеши нақши Созмони ҳамкории Шанхай дар рушди тавсеаи робитаҳои иқтисодӣ, татбиқи лоиҳаҳои зербиноӣ, ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва густариши муколамаи байнифарҳангӣ ба нафъи ҳамгироии минтақавӣ аст[2].

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки Созмони ҳамкориҳои Шанхай аз оғози таъсиси худ ҷиҳати роҳандозӣ намудани муносибатҳои одилонаи байналмилалӣ кӯшиш мекунад. Созмони ҳамкории Шанхай дар дарозои фаъолияти чандҷонибаи хеш тавонист дар арсаи сиёсати ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ба як неруи созандаи воқеӣ табдил ёбад. Дар муддати начандон тӯлонии таърихӣ Созмони ҳамкориҳои Шанхай давраи рушду ташаккулро бомуваффақият гузашта, фаъолияти пурсамари хешро сарбаландона идома медиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки терроризм ва ифротгароӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ, аз ҷумла қочоқи маводи мухаддир ва ҷиноятҳои киберӣ, дар фазои Созмони ҳамкориҳои Шанхай ҳамчунон таҳдидҳои воқеӣ боқӣ мемонанд. Мо ҳамчунин бояд барои таъмини амнияти иттилоотӣ ва пешгирии паҳншавии идеологияи харобиовари радикализми динӣ дар минтақаи Созмони ҳамкориҳои Шанхай бештар саъю кӯшиш кунем. Раёсатҳои дахлдори кишварҳои аъзо ва сохтори минтақавии зиддитеррористии Созмони ҳамкориҳои Шанхай бояд дар якҷоягӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд[3].

Ҳамин тариқ, айни замон Созмони ҳамкории Шанхай ба сохтори бонуфузи байналмилалӣ табдил ёфта, дар сиёсати ҷаҳонӣ нақши назаррас дорад. Созмон дар ҳифзи суботу амният дар минтақаи масъулияти худ, рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва густариши муколамаи миёни намояндагони фарҳангу тамаддунҳо саҳми муносиб мегузорад.

Дар асоси гуфтаҳои болозикр метавон хулоса намуд, ки Созмони ҳамкориҳои Шанхай дар доираи салоҳияту масъулияти худ дар таҳкиму пойдории сулҳу субот, амният, муқовимат ба терроризму экстремизм ва дар бартараф намудани дигар таҳдиду хатарҳои замони муосир бетараф нест ва буда ҳам наметавонад.

Умуман, ҷараёни ҳамкории бисёрҷанбаи Созмони ҳамкориҳои Шанхай ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил нишон медиҳад, ки ҷонибҳо ба таъмиқи робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва гуманитарӣ ва таҳкими робитаҳои сиёсӣ манфиатдоранд.

Чуноне ки ба ҳамагон маълум аст, даҳаи охири қарни XX дар хотираи таърих бо таҳдиду хатарҳои гӯшношунид сабт гардидааст. Ин таҳдиду хатарҳо, аз қабили паҳн гардидани яроқи ҳастаӣ, терроризми байналхалқӣ, кибертерроризм, экстремизм, сепаратизм, қочоқи маводи мухаддир, фурӯши ғайриқонунии яроқу аслиҳа, қашшоқӣ, заҳролудшавии обу ҳаво, нарасидани оби тозаи ошомиданӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, ҷиноятҳои фаромиллӣ ва ғайра боиси ташвиши аҳли башар гардида, тамоми бошандагони сайёраро водор сохтанд, ки ҳалли ин масоили глобалиро пайгирӣ намоянд. Ҳамин тариқ, ҳаллу фасли чунин проблемаҳои глобалӣ дар танҳоӣ ғайриимкон буда, дар чунин вазъият ва ҳолат танҳо ваҳдату ҳамгироӣ метавонад садди роҳи ин равандҳои манфию номатлуб гардад.

Дарвоқеъ, яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти Созмони ҳамкориҳои Шанхай мубориза бар зидди тероризму ифротгароӣ ва ҳама гуна зуҳуроти номатлуб мебошад. Дар ин замина аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил зарур шумориданд, ки барои фаъолияти бонизом ва мақсаднок дар ин соҳа “Созмони мубориза бар зидди терроризм” - ро таъсис диҳанд(СМЗТ). Дар доираи фаъолияти худ ин созмон пайваста машқҳои зидди террористӣ мегузаронад. Чунончи, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 17-19 апрели соли 2009 ва 8-14 июни соли 2012 машқҳои низоми тактикӣ гузаронда шуданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз таъсисдиҳандагони асосӣ ва иштирокчии фаъоли ин Созмон

ба ҳисоб рафта, дар солҳои 2006, 2010, 2018, 2019 ва 2021 Ҷумҳурии Тоҷикистон мизбони баргузории ташкилоти Созмони мазкур гардида буд.

Дар мавриде, ки муноқишаҳои геосиёсӣ авҷ мегиранд, ин боиси заифии иқтисод ва косташавии он мегардад. Аз ин лиҳоз Созмони ҳамкориҳои Шанхай, бар тибқи фаъолияти худ, барои пешгирии ин гуна ҳодисаҳои номатлуб, барои рушд ва пешрафти иқтисоди кишварҳои аъзо мусоидат менамояд. Бо дарназардошти вазъи имрӯзаи ҷаҳон, ҳамкориҳои иқтисодию молиявӣ миёни кишварҳои аъзо Созмони ҳамкориҳои Шанхай сол то сол қавитар мегарданд. Маҳз фаъолияти пурсамар ва натиҷабахши Созмон боис ба он шудааст, ки сафи аъзо ва шариконаш рӯ ба афзоиш ниҳодааст.

Дар умум, метавон хулоса намуд, ки ҳамкории Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бо Созмони ҳамкориҳои Шанхай ба таҳкими робитаҳои муфид дар рӯҳияи эътимоди мутақобил, таҳкими дӯстию бародарӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ мусоидат менамояд.

Созмони ҳамкориҳои Шанхай блоки ҳарбӣ (ба мисли НАТО) ё форуми доимоамалкунандаи кушод доир ба масъалаҳои амниятӣ (ба мисли АСЕАН) набуда, мавқеи мутавозинро ишғол менамояд. Созмони ҳамкориҳои Шанхай бо созмонмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз қабили СММ, ИДМ, СААД, ЕврАзЭС ва АСЕАН ҳамкориҳои мутақобиларо ба роҳ мондааст.

Ҳамин тавр, вазифаҳои асосии Созмони ҳамкориҳои Шанхай таҳкими сулҳу субот ва амнияти саросари дар фазои кишварҳои аъзои созмон, мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм, экстремизм, киберҷиноят ва гардиши ғайриқонунии моводи мухаддир, инчунин рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва шарикии энергетикӣ, ҳамкориҳои илмӣ ва фарҳангӣ ба ҳисоб меравaнд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2025 раёсати Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро ба ӯҳда дошта, ташаббускори машваратҳо оид ба таҳияи пешниҳодҳо вобаста ба такмили ИДМ мебошад. Душанбе дар консепсияи раёсат дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил пешниҳоди инноватсионӣ дар бораи беҳбуди ИДМ карда аст. Дар назар аст, ки Тоҷикистон татбиқи ин пешниҳодро пайгирӣ намуда, барои ҳалли ин масъала ба иқдомоти амалӣ гузарад.

Тоҷикистон ба унвони раиси ИДМ ба густариши ҳамкории зичтари кишварҳои муштаракулманофеъ, мутобиқсозии сохторҳо, шаклҳо ва усулҳои кори ИДМ ба воқеияти нав, таҳкими мавқеи байналмилалии ИДМ ва баланд бардоштани обрӯи он дар арсаи байналмилалӣ, инчунин ба навсозӣ дар доираи қарору созишномаҳои ИДМ қабулшуда, таҳкими робитаҳои фарҳангию гуманитарӣ, босамартар кардани мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, намудҳои гуногуни ҷиноятҳои фаромиллӣ ва ҳифзи иттилоот таваҷҷуҳи хосса хоҳад кард[4].

Муқаррароти асосии консепсияи раёсати Тоҷикистон ва нақшаи чорабиниҳо татбиқи он, аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Раиси Шурои сарони давлатҳои давлатҳои ИДМ тасдиқ шудааст.

Ба Созмони ҳамкориҳои Шанхай мақоми нозир дар назди ИДМ дода мешавад[5].

Дар интиҳо якчанд хулоса ва пешниҳодҳоеро, ки ҳангоми баррасӣ ва омӯзишу таҳлили мавзуи тадқиқотӣ ҳосил шуданд, пешкаши хонандагон менамоем:

Зарур аст, ки ба мақсади омӯзиши стратегия ва дурнамои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Созмони ҳамкориҳои Шанхай тадқиқоти сотсиологии васеъ гузаронида шавад;

Зарурати он яқин гашт, ки аз ҷониби тарафҳо гурӯҳи махсуси таҳқиқгарон дар самти омӯзиши табиату вижагиҳои кибертерроризм ва таъсири технологияҳои муосири кибернетикӣ, ба ҷомеа дар доираи Созмони ҳамкориҳои Шанхай таъсис дода шавад.

Қабули конвенсияҳои махсус дар бораи мафҳуми радикализм (тундгароӣ), экстремизм (ифротгароӣ), терроризм, сепаратизм, кибертерроризм амри замон гаштааст.

**Адабиёт:**

1. Алимов Р. Роль Шанхайской организации сотрудничества в противодействии угрозам мира и безопасности. Расширение ШОС-укрепление потенциала Организации. Манбаи электронӣ: https://www.un.org/ru/chronicle/article/21818. [Санаи муроҷиат: 14.12.2024]
2. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Манбаи электронӣ: https://mfa.tj/tg/moscow/view/988/ konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston[Санаи муроҷиат: 26.04.2025]
3. Выступление Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона на заседании Совета глав государств-членов ШОС (4 июля 2024 года, Астана), Электронная версия: https://rus.sectsco.org/20240705/1427556.html[дата обращения: 24.04.2025]
4. Мақомоти Тоҷикистон гуфт, ки зимни раёсаташ дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба кадом масъалаҳои мубрам таваҷҷуҳи хос хоҳад дод. Манбаи электронӣ: https://sputnik.tj/20241220/tojikiston-mashvaratho-taknili-idm-oghoz-khohad-kard-1065597432.html [Санаи муроҷиат: 20.01.2025]
5. Концепция председательства Республики Таджикистан в Содружестве Независимых Государств в 2025 году. Электронная версия: https://iacis.ru/novosti/sekretariat_soveta_mpa_sng_news/kontceptciyu_predsedatelstva_tadzhikistana_v_sodruzhestve_nezavisimih_gosudarstv_predstavili_postpredam_stran_sng [Дата обращения: 02.04.2025]
6. “Эмомалӣ Раҳмон яке аз бунёдгузорони Созмони ҳамкории Шанхай”. Маводи Конфронсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (Душанбе, 29 июни соли 2021), Душанбе- 2021, 175с.
7. Холиқназар Х. Клад Республики Таджикистан в становление и развитие Шанхайской организақии сотрудничества (1996-2014гг.). Душанбе: Ирфон, 2016, 536с.

## ШАНХАЙСКАЯ ОРГАНИЗАЦИЯ СОТРУДНИЧЕСТВА - ИНСТИТУТ РАЗВИТИЯ МНОГОСТОРОННИХ МЕЖГОСУДАРСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ, ПАРТНЕР СОДРУЖЕСТВА НЕЗАВИСИМЫХ ГОСУДАРСТВ

В статье рассматриваются основные задачи Шанхайской организации сотрудничества - укрепление мира, стабильности и глобальной безопасности на пространстве государств-членов организации, борьба с терроризмом, сепаратизмом, экстремизмом, киберпреступностью и незаконным оборотом наркотиков, а также развитие экономического сотрудничества и энергетического партнерства, научного и культурного взаимодействия.

Республика Таджикистан также будет председательствовать в Содружестве Независимых Государств в 2025 году и является инициатором консультаций по разработке предложений по совершенствованию СНГ и улучшению сотрудничества ШОС с ее новыми членами, включая Иран.

***Ключевые слова***: *Шанхайская организация сотрудничества, Содружество Независимых Государств, опасное явление, угрозы, трансграничные преступления, безопасность, терроризм, экстремизм, сепаратизм, кибертерроризм, защита информации, концепция, статус наблюдателя и др.*

## THE SHANGHAI COOPERATION ORGANIZATION IS AN INSTITUTION FOR THE DEVELOPMENT OF MULTILATERAL INTERSTATE RELATIONS, A PARTNER OF THE COMMONWEALTH OF INDEPENDENT STATES

The article examines the main tasks of the Shanghai Cooperation Organization - strengthening peace, stability and global security in the area of the organization's member states, combating terrorism, separatism, extremism, cybercrime and drug trafficking, as well as the development of economic cooperation and energy partnership, scientific and cultural interaction.

The Republic of Tajikistan will also chair the Commonwealth of Independent States in 2025 and is the initiator of consultations on developing proposals to improve the CIS and enhance cooperation between the SCO and its new members, including Iran.

***Keywords:*** *Shanghai Cooperation Organization, Commonwealth of Independent States, dangerous phenomenon, threats, cross-border crimes, security, terrorism, extremism, separatism, cyberterrorism, information security, concept, observer status, etc.*

**Маълумот дар бораи муаллиф**: Давлиёрова Сафаргул Тешаевна - номзади илмҳои фалсафа, дотсент, ходими пешбари илмии Шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: хиёбони Рӯдакӣ 33. Тел.: 985294097, E-mail:dsafargul@mail.ru

**Сведения об авторе:** Давлиёрова Сафаргул Тешаевна - кандидат философских наук, доцент, ведущий научный сотрудник отдела Содружества Независимых Государств Института стран Азии и Европы национальной академии наук. Адрес: проспект Рудаки, 33. Тел.: 985294097, E-mail:dsafargul@mail.ru

**About the author:** Davliyorova Safargul Teshaevna - Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor, Leading Researcher of the Department of the Commonwealth of Independent States of the Institute of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences. Address: Rudaki Avenue, 33. Tel.: 985294097, E-mail: dsafargul@mail.ru

# БАЪЗЕ МАСХСУСИЯТҲОИ МАСЪАЛАИ МУҲОҶИРАТ ДАР ШМА: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО

**НАҶМУДДИНОВ АКБАРШОҲ-**
ходими калони илмии шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Мақола ба муайян ва таҳлили хусусиятҳои ташаккули сиёсати муҳоҷиратии ШМА бахшида шудааст.*

*Муаллиф ба таври мухтасар мушкилоти муҳоҷиратро қайд намуда, баъзе рӯйдодҳо, қонунҳо, тамоюлҳо ва омилҳоеро, ки ба ташаккули сиёсати муосири муҳоҷират дар Штатҳои Муттаҳидаи Амрико таъсир мерасонанд, таҳлил кардааст.*

*Натиҷагирӣ карда мешавад, ки раванди муҳоҷират ҷузъи ҷудонашавандаи муносибатҳои муосири байналмилалӣ буда, динамизм ва аҳамияти мубрамии он дар шароити муосири ҷаҳонӣ таъкид мешавад. Зимнан зикр мегардад, ки раванди муҳоҷиратро ба дараҷае такмил додан лозим аст, ки мутобиқшавии фардӣ ва ҷараёни ҳамгироии муҳоҷирон ва аҳолии маҳаллӣ зуд, муассир сурат гирифта, манфиатҳои ҳама ҷонибҳо ба инобат гирифта шавад.*

***Калидвожаҳо:*** *ИМА, муҳоҷират, муҳоҷирати байналмилалӣ, назарияи муҳоҷират, ҳамгироӣ, раванди ҷаҳонишавӣ, равобити байналмилалӣ.*

Муҳоҷирати аҳолӣ шуруъ аз замонҳои қадим то ба имрӯз дар таърихи башар нақши муҳим дошта, яке аз омилҳои асосӣ дар раванди этногенези халқҳо дар заминаи ҷузъҳои гуногуни этникӣ маҳсуб меёбад. Ҳаракатҳои қавмӣ, ки дар натиҷаи зарурати азхудкунии заминҳои нав, паноҳ бурдан аз таъқиби бегонагон, хоҳиши забт кардани заминҳои дигарон, зарурати васеъ кардани муҳити зист (бо зиёдшавии аҳолии ҳудуди худ) ба вуҷуд меомаданд ва сабаби ҳаракатҳои муҳоҷиратӣ мешуданд.

Маҳз муҳоҷират ҳамчун падида, харитаи муосири этникӣ ва сиёсии ҷаҳонро муайян сохт ва бояд қайд кард, ки ин раванд дар ҳоли рушд қарор дорад.

Дар асрҳои XIX ва XX асоси ангезаи ҳаракати оммавии аҳолиро манфиатҳои иқтисодӣ ташкил мекунанд ва ҷалби муҳоҷирон аслан ба самти кишварҳое равона

шудааст, ки аз нуқтаи назари рушди иқтисодӣ пешсафанд, вале демографияи мураккаб доранд. Аз ин лиҳоз ниёз ба дасти корӣ доранд.

Аксари кишварҳое, ки имрӯз рушдкардаанд, раванди муҳоҷират ба самти онҳо равона шудааст ва ин сабаб шудааст, ки қонунҳои муҳоҷиратӣ ҷорӣ намоянд ва тибқи онҳо дар ин ҷодда амал кунанд. Яке аз чунин мамлакатҳо Штатҳои Муттаҳидаи Америко мебошад, ки мақоми кишвари муҳоҷиринро доро мебошад ва сиёсати махсуси муҳоҷиратӣ дорад. Ин омил дар ташаккули муносибат ба раванди муҷоҷират нақши муҳим мебозад ва ба рушди иқтисодиёт, фарҳанг ва дар умум ба тамоми соҳаҳои ҷомеаи ин кишвар таъсири калон мерасонад.

Ҳамин тариқ, падидаи муҳоҷират дар замони муосир яке аз масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, ки бештари давлатҳои ҷаҳон онро як раванди муқаррарӣ қабул мекунанд ва дар ҷо ба ҷокунии муҳоҷирин мусоидат мекунанд. Аммо баъзе кишварҳо ин омилро барои нигоҳ доштани таъсири худ дар манотиқи гуногун ва ҳамчун абзори фишанг болои онҳо истифода менамоянд.

ИМА дар замони муосир яке аз давлатҳое ба ҳисоб меравад, ки дар ҳалли масъалаи демографӣ ва рушди мамлакат аз муҳоҷирон фаъолона истифода менамояд. Ҳамасола аз рӯи омор ба Америко ним миллион муҳоҷир ворид мешуд, дар соли 2019 ин рақам алакай ба як миллион расид ва пас аз давраи ковид дар соли 2020 ба 400 ҳазор нафар коҳиш ёфт. Муҳоҷират дар соли 2021 (аз октябри 2020 то сентябри 2021) ба таври фавқулода зиёд шуда ба 1,7 миллион баробар шуд ва ҳамин тариқ ин шумора ба 2,5 миллион омада расид.

Дар моҳи январи соли 2024 17% муҳоҷиратро мушкилоти асосии Америко меҳисобиданд ва баъдан ин омор то 11% паст шуд. Фаъолияти Байденро дар ин давра 57% интиқод мекарданд ва 65% фоизи аҳоли бовари доштанд, ки давлат ба самти нодуруст пеш рафта истодааст. Аз фурсати муносиб истифода бурда, Доналд Трамп масъалаи муҳоҷиратро шадидан интиқод намуда, онро дар давраи маъракаҳои пешазинтихоботии худ истифода намуд.

Роҳбарияти кишвари Америко тахминан медонистанд, ки пас аз пандемия мавҷи нави муҳоҷират ба ШМА меафзояд. Дар моҳи декабри соли 2023 Байден қоил шуд, ки раванди танзими муҳоҷират ислоҳот мехоҳад ва дар ин масъала бо намояндагони ҳизби Ҷумҳурихоҳ ҳамраъй шуд. [5, 12]

Баъзе омилҳое, ки ба муносибати ШМА нисбат ба муҳоҷирон таъсир мерасонанд инҳоянд. Барои муҳоҷироне, ки бидуни ҳуҷҷат ва ба таври қонунӣ убури сарҳади ШМА намудаанд, минбаъд барои қонунигардонии ҳузури худ дар Иёлоти Муттаҳида, яъне гирифтани ҳуқуқи истиқомати доимӣ дар ин кишвар, кор кардан ва дар оянда шаҳрвандии Америкоро ба даст овардан, хеле мушкил шудааст. Дар ин маврид ягона роҳ ин пешниҳод кардани далелест, ки шахс аз сабаби «тарс, асосноки таъқиб аз рӯи нажод, дин, миллат, мансубият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ё ақидаи сиёсӣ ба ватанаш баргашта наметавонад».

Омили қонун. Яке аз мушкилоти дарднок ва ниҳоят баҳсбарангез ин муносибат ба муҳоҷироне мебошад, ки дар Штатщои Муттаҳидаи Америко бо вайрон кардани қонунҳои муҳоҷират ё бидуни ҳуҷҷат боқӣ мондаанд.

Аксари онҳо дар кӯдакӣ ба кишвар омадаанд ва барои убури ғайриқонунии сарҳад ҷавобгар нестанд: онҳо дар Америко ба воя расидаанд ва зиндагии дигарро намедонанд (онҳоро маъмулан “орзубин” – dreamers меноманд). Муҳоҷирони дигар бо шаҳрвандон ё сокинони ШМА издивоҷ кардаанд. Бадарғаи онҳо боиси аз ҳам ҷудо шудани оилаҳо мегардад. Шахсе, ки дар Иёлоти Муттаҳида ғайриқонунӣ қарор дорад, метавонад аз ин кишвар ихроҷ карда шавад. Роҷеъ ба ин масъалаҳо қарор аз ҷониби судяи суди муҳоҷират қабул карда мешавад.

Тибқи иттилои Хадамоти тадқиқоти Конгресси ШМА, дар моҳи июни соли 2022, 1,8 миллион муҳоҷир бо ихроҷ шудан аз ШМА дучор омада буданд, ки тақрибан сеяки онҳо қоидаҳои ШМА-ро нақз кардаанд ё ҷиноятҳои дигар содир кардаанд. Ихроҷшавӣ

аз нигоҳи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ як раванди тӯлонӣ ва гаронарзиш аст. Дар давоми даҳ соли охир Департаменти Амнияти Миллии ШМА ҳамасола ба ҳисоби миёна тақрибан 100 000 муҳоҷирро ихроҷ кардааст, ҳарчанд баъзеи онҳо баъдан баргаштаанд. [6, 12]

Дар Штатҳои Муттаҳидаи Амрико ҳузури шумораи зиёди одамон бидуни ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳузури қонунии онҳо дар ин кишвар, як қатор мушкилотро ба вуҷуд меорад. Масалан, аксари ин муҳоҷирон аз муроҷиат ба пулис метарсанд, ки шояд дар миёни онҳо ҷинояткорон пинҳон шаванд.

Дар давоми ду даҳсолаи охир, Конгресс якчанд иловаҳоро ба қоидаҳои мавҷуда, аз ҷумла имкони қонунигардонии Dreamers баррасӣ кард.

Омили иқтисодӣ. Муҳоҷирон аксар вақт ҳамчун таҳдид ба ҷойҳои корие, ки сокинони бумии кишвар доранд, қабул карда мешаванд. Дар давраҳои бӯҳрони иқтисодӣ норозигӣ аз муҳоҷирон бештар мешавад.

Дар соли 1929, Депрессияи Бузург дар Штатҳои Муттаҳидаи Амрико оғоз ёфт, ки ин бӯҳрони шадиди иқтисодии ҷаҳонӣ шуд. Бӯҳрон ногаҳон оғоз шуд ва аз он сабаб боз ҳам шадидтар шуд, ки давлатҳои гуногун кӯшиш карданд, ки танҳо аз он берун раванд ва барои ин онҳо ба протекционизм - кӯшиши беҳуда барои муҳофизати истеҳсолкунандагон ва ҷойҳои корӣ мурофиат карданд.

Дар давраи Депрессияи Бузург, Штатҳои Муттаҳида квотаҳои муҳоҷиратро ба таври назаррас коҳиш дод, кӯшиш кард, ки муҳоҷирони камдаромадро аз вуруд ба кишвар истисно кунад ва бори аввал дар таърих ба ихроҷи оммавии муҳоҷирон рӯй овард. Дар соли 1933 ихроҷи шаҳрвандони Мексика оғоз ёфт (аксарияти онҳо дар кишвар ғайриқонунӣ монданд ва мӯҳлати раводиди кории худро ба охир расониданд) ва ҳатто фарзандони онҳо дар Штатҳои Муттаҳида таваллуд шуданд. Дар маҷмӯъ, беш аз як миллион нафар ба ватанашон баргардонида шуданд, аммо ин боиси паст шудани дараҷаи бекорӣ дар Штатҳои Муттаҳида нагардид.

Дар соли 1952, Штатҳои Муттаҳида бори аввал қонунеро қабул кард, ки барои муҳоҷират ба Штатҳои Муттаҳида барои хориҷиён бо касбҳо ва тахассусҳое, ки барои иқтисоди Амрико заруранд, имтиёзҳои назаррас фароҳам овард. Дар баробари ин, афзалият ба муҳоҷирон аз Аврупо дода шуд.

Баъдан, принсипи "ҷалби беҳтаринҳо" дар якчанд барномаҳои муҳоҷирати ШМА, ки то имрӯз эътибор доранд, истифода мешуданд: масалан, барои олим, варзишгарони барҷаста ё рассоми барҷаста гирифтани иҷозат барои истиқомат дар мамлакат назар ба мутахассиси оддӣ содатар гардид. [2, 34].

Бисёре аз президентҳои ШМА зарурати ҷалби муҳоҷирони баландихтисос ба кишварро эълон карданд.

Тиҷорати амрикоӣ шояд ба кори арзони муҳоҷирон, аз ҷумла муҳоҷирони ғайриқонунӣ дар Штатҳои Муттаҳида манфиатдор бошад. Мисли бисёре аз кишварҳои дигар, Штатҳои Муттаҳида борҳо кӯшиш кардааст, ки аз роҳҳои гуногун ҷалби муҳоҷирони корӣ, ки ҳуқуқи кор ва иқомат дар ин кишварро барои муддати муайян доранд, истифода барад. Барномаҳои шабеҳ бо ҷалби зиёди муҳоҷирон аз Мексикаи ҳамсоя, дар давоми ҳарду ҷанги ҷаҳонӣ, вақте ки ШМА ба буми иқтисодӣ рӯ ба рӯ буд, сурат гирифт, ки сабаби онро натиҷаи равонаи миқёси зиёди маблағҳои буҷетӣ ба барномаҳои истеҳсоли таҷҳизоти низомӣ ва нарасидани кувваи корӣ, чун коргарону дехконон аксарият ба артиш даъват шуда буданд, меҳисобанд.

Дар навбати худ, давраҳои бӯҳрони иқтисодӣ боиси коҳиши вуруди муҳоҷирон гардид, ки онҳо дарк мекарданд, ки дар шароити бӯҳрони иқтисодӣ, бекории зиёд ва фондҳои холии хайрия, онҳо ба эҳтимоли зиёд имкони зиндагӣ дар кишвари хориҷӣ пайдо карда наметавонанд.

Муҳоҷирон ба таври анъанавӣ Штатҳои Муттаҳидаро дар давраи ноороми҈ҳои иқтисодӣ тарк мекунанд: масалан, таназзули бузург, ки соли 2008 оғоз ёфт, ба он оварда расонд, ки шумораи муҳоҷирони ғайриқонунӣ дар Штатҳои Муттаҳида тақрибан 10%

коҳиш ёфт. Дар ҳамин ҳол, теъдоди муҳоҷирони вориди кишвар ба таври қонунӣ ва ба таври қобили мулоҳиза коҳиш ёфт.

Дар ин росто метавон хулоса намуд, ки раванди муҳоҷират дар бисёр кишварҳои абарқудрат метавонад дар баробари манфиат боз баъзе мушкилотҳоро низ ба бор оварад. Ба ақидаи коршиносон муҳоҷирон метавонанд бо худ фарҳангу анъанаҳои навро баранд, ки баъзеи онҳо ба фарҳангу анъанаҳои кишвари иқомат мухолифат мекунанд ва ин боиси нофаҳмиҳо байни шаҳрвандони муқимӣ ва муҳоҷирон шуда метавонад.

Рӯйхати адабиёт


1. Benton M., Batalova J., Davidoff-Gore S., Schmidt T. 2021. *COVID-19 and the State of Global Mobility in 2020.* DC: Migration Policy Institute. 57 p.
2. *Castells M. 1996.* The Rise of the of Network Society. Vol. I: The Information Age: Economy, Society and Culture. *Oxford: Blackwell.*
3. Mabogunje A.L. 1970. Systems Approach to a Theory of Rural-Urban Migration. *Geographical Analysis.* №2. P. 1-18.
4. *Migration, Free Movement and Regional Integration.* 2017. Ed. By S. Nita, A. Pecoud, P. De Lombaerde, K. Neyts and J. Gartland. Paris: UNESCO - UNU-CRIS.
5. *Papademetriou D. 2020.* Managing the Pandemic and Its Aftermath: Economies, Jobs, and International Migration in the Age of COVID-19. *Washington, DC: Migration Policy Institute. 64 p.*
6. *Selee A., Soto A. 2020.* Building a New Regional Migration System: Redefining U.S. Cooperation with Mexico and Central America. *Washington, DC: Migration Policy Institute.*
7. Ивахнюк И.В. 2016. Развитие миграционной теории в условиях глобализации. Часть 2. *Век глобализации.* 1-2(17-18). С. 26-43.
8. Рязанцев С.В., Ткаченко М.Ф. 2010. *Мировой рынок и международная миграция.* Москва: ЗАО «Издательство "Экономика"».


## НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ИММИГРАЦИОННОГО ВОПРОСА В США: ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ


Статья посвящена выявлению и анализу особенностей формирования миграционной политики США.

Автором кратко отмечаются проблемы миграции и анализируются некоторые ключевые события, законы, тенденции и факторы, влияющие на особенностей формирования современной иммиграционной политики Соединенных Штатов Америки.

Делается вывод, что миграционный процесс это неотъемлемая часть современных международных отношений и подчеркивается ее динамичность и актуальность в современном глобальном контексте. Отмечается, что нужно усовершенствовать данный процесс до такого уровня, чтобы интеграция между мигрантами и местным населением происходила быстро, качественно и учитывала интересы всех сторон.



***Ключевые слова:*** *США, миграция, международная миграция, теория миграции, интеграция, процесс глобализации, международные отношения.*


## SOME FEATURES OF THE IMMIGRATION ISSUE IN THE USA: PROBLEMS AND PROSPECTS


The article is devoted to identifying and analyzing the features of the formation of the US migration policy.

The author briefly notes the problems of migration and analyzes some key events, laws, trends and factors influencing the features of the formation of the modern immigration policy of the United States of America.

It is concluded that the migration process is an integral part of modern international relations and emphasizes its dynamism and relevance in the modern global context. It is noted that it is necessary to improve this process to such a level that the integration between migrants

and the local population occurs quickly, efficiently and takes into account the interests of all parties.

***Keywords:*** *USA, migration, international migration, migration theory, integration, globalization process, international relations.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:**
Наҷмиддинов Акбаршоҳ, н.и.ф., дотсент, ходими калони илмии шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Тел.: +992 918506382
**Информация об авторе:**
Наджмиддинов Акбаршо, к.ф.н., доцент, старший научный сотрудник отдела США и Канады Института изучения проблмем стран Азии и Европы НАНТ. Тел.: +992 918506382

**Information about the author:**
Najmiddinov Akbarshoh – Ph.D., Associate Professor, Research Fellow of the Department of the USA and Canada of the Institute for the Study of Asian and European States of the NAST. Tel.: +992 918506382

## ҲАМКОРИҲОИ СИЁСӢ, ИҚТИСОДӢ ВА ФАРҲАНГИИ КИШВАРҲОИ УЗВИ СОЗМОНИ ДАВЛАТҲОИ ТУРКӢ

**САЛИМОВ АКБАР ҲАЛИМОВИЧ-**
ходими калони илмии шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Созмони давлатҳои туркӣ (СДТ), ки дар заминаи муштаракоти таърихӣ ва фарҳангии кишварҳои туркзабон ташаккул ёфтааст, аз замони таъсисёбӣ дар роҳи расидан ба як созмони минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба рушди ҳамкориҳои кишварҳои узви СДТ, хусусан дар бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Дар мақола ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишварҳои туркӣ дар доираи Созмони давлатҳои туркӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст.*

*Раванди босуръати ҳамгироии кишварҳои туркӣ дар бахшҳои сиёсат, иқтисод, фарҳанг ва амният, аз ташаккули қудрати нави рақобатпазир дар сатҳи созмонҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангиву низомии арсаи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар давраи ҷаҳони бисёрқутба шаҳодат медиҳад.*

***Калидвожаҳо:*** *Шӯрои кишварҳои туркзабон, Созишномаи Нахҷувон, Созмони давлатҳои туркӣ, ТУРКСОЙ, ҳамкориҳои сиёсӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ, ҳамкориҳои фарҳангӣ.*

Шурои ҳамкории кишварҳои туркзабон (Шурои кишварҳои туркзабон) дар соли 2009 ҳамчун як созмони байниҳукуматӣ таъсис ёфта, бо гузашти вақт ба арсаи муҳими ҳамкориҳои фаъоли кишварҳои узви он – Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркия, Узбекистон ва ду кишвари нозир - Туркманистон ва Маҷористон табдил ёфт.

Маврид ба зикр аст, ки Созмони давлатҳои туркӣ дар ибтидо ҳамчун Шурои ҳамкориҳои кишварҳои туркзабон дар заминаи Созишномаи Нахҷувон (аз 3 октябри соли 2009) ташаккул ёфта, давлатҳои узви он тибқи Созишномаи мазкур дар масъалаҳои аввалиндараҷаи сиёсати хориҷӣ мавқеи ягонаро бояд ҷонибдорӣ намуда, фаъолияти худро дар мубориза бар зидди терроризм, ҷинояткорӣ ва дигар таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир ҳамоҳанг созанд ва фазои мусоидро барои сармоягузорӣ ва муносибатҳои

тиҷоратӣ фароҳам оварда, рушди ҳамаҷонибаи соҳаи иқтисодро таъмин намоянд. Дар баробари ин, ҳамкориҳои зичро дар самти илму маориф, фарҳангу техникаи муосир густариш диҳанд.

Ҳамкориҳои кишварҳои туркӣ қабл аз таъсиси Шурои кишварҳои турксабон бештар дуҷониба буданд ва асосан дар бахшҳои маорифу фарҳанг сурат гирифта, ҳамкориҳо дар бахшҳои сиёсӣ ва иқтисодиёт бошад аксаран таъсири амалӣ надоштанд. Вале, пас аз таъсис додани Шурои ҳамкориҳои кишварҳои турксабон, ҳамкориҳо на танҳо дар соҳаҳои маорифу фарҳанг, инчунин дар соҳаҳои сиёсат, иқтисодиёт, соҳаҳои мудофиа ва амният низ густурдатар гардиданд. Зеро Шурои ҳамкориҳои кишварҳои турксабон воситае ба шумор рафтааст, ки ба ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи кишварҳои туркӣ ба таври амиқ мусоидат намуд.

Шурои ҳамкориҳои кишварҳои турксабон дар таърихи 12 ноябри соли 2021 дар ҳошияи Саммити VIII сарони кишварҳои турксабон дар шаҳри Истанбул, номи худро ба Созмони давлатҳои туркӣ (СДТ) иваз карда, таваҷҷӯҳи кишварҳои узв ва нозирро ҷиҳати таҳким ва густариш додани ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар бахшҳои сиёсат, иқтисод, фарҳанг ва амният бештар ҷалб намуд. Илова бар ин, Саммити Истанбул барои кишварҳои узви СДТ аз лиҳози қабули консепсияи зери унвони “Дурнамои ҷаҳони турк то давраи соли 2040” муҳим арзёбӣ гардидааст, ки консепсияи мазкур дар ҳоли имрӯз аввалин ҳуҷҷати стратегӣ дар рушди ҳамкориҳои минбаъдаи ҷаҳони турк мавриди татбиқ ва амалисозӣ қарор гирифтааст.

Созмони давлатҳои туркӣ кӯшиш мекунад ба таҳкими сулҳу субот, пешбурди ҳамкориҳои густурда ва ифтитоҳи иқтидори рушди муштараки байни кишварҳои узв муосидат намояд. Созмон, ки дар заминаи рукнҳои таърихӣ, забонӣ, фарҳангӣ, динӣ ва ҳуввияти муштараки кишварҳои тукрзабон ташаккул ёфтааает, худро дар доираи умумиятҳои зикргардида маҳдуд намекунад. Баръакс, ҳадафи он рушду такомули ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи кишварҳои узв дар соҳаҳои сиёсат, иқтисодиёт, илм, маориф, нақлиёт, гумрук, сайёҳӣ ва ғайраҳо ба шумор меравад [14].

Кишварҳои узви Созмони давлатҳои туркӣ барои ба роҳ мондани ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи судманд иқтидори бузургро доранд. Дар ҷаҳони муосир СДТ ҷиҳати таҳкими муносибатҳои байниҳамдигарии кишварҳои узви созмони мазкур, ки муштаракоти бойи таърихӣ ва фарҳангӣ доранд, диққати махсус зоҳир менамояд.

Ҳамкориҳои сиёсии кишварҳои аъзои Созмони давлатҳои туркиро Шурои вазирони корҳои хориҷӣ, Шурои собиқадорон, бахши машваратӣ оид ба масъалаҳои амниятӣ, барномаи таълимии муштарак оид ба дипломатҳои ҷавон, бахши ҳамкориҳои муштарак оид ба таҳқиқоти сиёсати хориҷӣ, ҳайати нозирон дар маъракаҳои интихоботӣ, амалисозии консепсияи “Дурнамои ҷаҳони турк то давраи соли 2040”, бахши машваратии банақшагириҳои сиёсӣ ва идораи намояндагарии СДТ дар Будапешт буда, ташкил медиҳанд [5].

Ҳамкориҳои сиёсӣ соҳаест, ки Созмони давлатҳои туркӣ ба он таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, дар доираи он бо мақсади таъмин намудани ҳамкориҳои зич мунтазам вохӯриву мулоқотҳои сарони кишварҳо, вазирони корҳои хориҷӣ, намояндагони Шурои собиқадорон, барномаву чорабиниҳои таълимии муштараки дипломатҳои ҷавон ва дигар маъракаҳои сиёсӣ дар ин ё он кишвари аъзо ташкил ва баргузор мегарданд. Дар баробари ин, дар раванди саммитҳо аз ҷониби сарони кишварҳои туркӣ ташаббусу иқдомҳои судманди ҳамкориҳо миёни кишварҳои узв ироа гардида, мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дода мешаванд.

Вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви Созмони давлатҳои туркӣ мунтазам дар ҷаласаҳои Шурои вазирони корҳои хориҷӣ ҷамъ меоянд ва масъалаҳои муҳимми сиёсати хориҷӣ, барномаву масъалаҳои афзалиятноки рӯзномаи нишасту ҳамоишҳои сарони давлатҳо, инчунин дурнамои рушди муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи

кишварҳои узви созмонро баррасӣ менамоянд. Ҳамчунин, вазирони корҳои хориҷӣ ҳамасола дар иҷлосияҳои Маҷмаи умумии СММ, ҳамчун анъана барои мулоқотҳои ғайрирасмӣ ҷамъ меоянд [19, 106].

Аз ҷумла, яке аз ҷаласаи ғайрирасмии Шурои вазирони корҳои хориҷии Созмони давлатҳои туркӣ, 22 сентябри соли 2023 дар ҳошияи Иҷлосияи 78-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид дар бинои "Туркия" дар шаҳри Ню-Йорк баргузор гардид. Дар он Ҳакан Фидан-вазири корҳои хориҷии Туркия, Ҷейҳун Байрамов-вазири корҳои хориҷии Озарбойҷон, Мурат Нуртлеу-муовини нахуствазир ва вазири корҳои хориҷии Қазоқистон, Бахтиёр Саидов-вазири корҳои хориҷии Узбекистон, Аида Қасималиева-намояндаи доимии Қирғизистон дар СММ, Петер Сийярто-вазири корхои хориҷӣ ва савдои Маҷористон, Таҳсин Эртуғрулоғлу-вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии туркии Киприси Шимолӣ ва Кубаничбек Омуралиев-котиби генералии Созмони давлатҳои туркӣ ширкат намуданд. Дар ҷаласа масъалаи омодагӣ ба Саммити навбатии Созмони давлатҳои туркӣ дар таърихи 3 ноябри соли 2023 дар Қазоқистон пешбинӣ шуда буд, инчунин пешниҳоди як қатор санад барои имзо ва қабули қарор аз ҷониби Омуралиев Қ. таъкид гардид [12].

Инчунин, кишварҳои узви Созмони давлатҳои туркӣ аз соли 2015 инҷониб ҳамасола машваратҳои амниятӣ доир менамоянд, ки мавзӯи асосии машваратҳои амниятӣ ба таҳкими ҳамкориҳои кишварҳои узв дар самти амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ равона карда шудааст. Масалан, дар рӯзномаи машварати амниятӣ, ки 6 феврали соли 2016 дар Ҷумҳурии Туркия доир гардид, масъалаи равобити кишварҳои узви СДТ бо Афғонистон, ҳамчунин масъалаи пешгирӣ аз ифротгароии хушунатомез ва муқовимат  бо терроризм мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифт. Ғайр аз ин, 29 июни соли 2022 дар Анкара бо иштироки намояндагони кишварҳои туркӣ нахустин нишасти сарони Шурои амнияти миллии кишварҳои узв ва кишварҳои нозири Созмони давлатҳои туркӣ баргузор гардид [19,107].

Барномаи таълимии дипломатҳои ҷавон ба дипломатҳои кишварҳои узви Созмони давлатҳои туркӣ таълими ҳуқуқӣ медиҳад. Барномаи омӯзишии дипломатҳои ҷавон дар доираи барномаи курсҳои дуҳафтаинаи омӯзишӣ дар яке аз кишварҳои узви СДТ ташкил карда шуда, дар таҳкими робитаҳои дипломатии миёни кишварҳои туркӣ ва такомули дониш дар самти барномаи сиёсӣ нақш мебозад. Аз ин лиҳоз, дар доираи чунин барномаи таълимӣ бо мақсади шиносоӣ пайдо намудани дипломатҳои ҷавон бо забонҳои кишварҳои узв, курсҳои забономӯзӣ низ ташкил карда шудааст. Барномаи таълимии дипломатҳои ҷавон мавзӯъҳои зерин, аз ҷумла, таърихи мардуми турктабор, ташкилотҳои байналмилалӣ, роҳу усулҳои бурдани музокирот, робита бо ҷомеа, нақши созмонҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, масъалаҳои амниятӣ, афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ ва ғайраро дар бар гирифтааст. Дар соли 2021 яксаду сию ҳашт дипломат ба барномаи таълими дипломатҳои ҷавон шомил шуданд [19, 107-108].

Бахши ҳамкориҳои сиёсӣ ба таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ки ба манфиатҳои дуҷонибаи кишварҳои узви СДТ нигаронида шудааст, инчунин барои баланд бардоштани ҳамоҳангӣ миёни ниҳодҳои миллӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор, таваҷҷӯҳи махсус зоҳир менамояд. Дар ин замина, ҳадафи он ба таъмини ҳамкориҳо ва ҳамоҳангии муассир байни ниҳодҳои дигари ҳамкориҳои кишварҳои узви Созмони давлатҳои туркӣ (Академияи байналмилалии туркӣ, Бунёди фарҳанг ва мероси туркӣ ва Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои туркӣ) ҷиҳати рушди ҳамкориҳо дар бахшҳои фарҳанг, илм ва парлумон нигаронида шудааст [20, 68].

Ҳамкории иқтисодӣ яке аз авлавиятҳои ҳамкориҳои мутақобилан судманди Созмони давлатҳои туркӣ (СДТ) дар самти ҳамгироии иқтисодӣ ба шумор меравад. Ҳамкории иқтисодӣ яке аз принсипҳои бунёдии СДТ буда, ҳадаф ва вазифаҳои он дар моддаи 2 Созишномаи Нахҷувон баён шудаанд. Ҳадафҳои иқтисодии дар созишнома

дарҷгардидаро, фароҳам овардани шароити мусоид барои тиҷорат ва сармоягузорӣ, соддагардонии расмиёти гумрукӣ ва транзитӣ ҷиҳати мусоидат намудан ба ҳаракати самарабахши молҳо, ҷалби сармоя, хизматрасонӣ ва технологияҳои муосир, содда кардани амалиёти молиявию бонкӣ барои ноил шудан ба рушди ҳамаҷониба ва мутавозини иқтисодӣ, ташкил медиҳад [13]. Зикр кардан ба маврид аст, ки масъалаи ҳамкории иқтисодӣ ҳамеша мавзӯи калидии рӯзномаи ҷаласаву мулоқоти узви кишварҳои СДТ қарор гирифтааст.

Рушди устувор ва шарикии стратегӣ дар заминаи ҳадафҳо ва арзишҳои асосии Созмон муайян карда шуданд. Дар ин замина, Котиботи СДТ барномаҳои омӯзишӣ ва табодули таҷрибаро ташкил дода, мунтазам намояндагони бахши хусусии кишварҳои узви Созмонро тавассути сафарҳо барои сармоягузорон ва соҳибкорон ҷамъ меоварад. Инчунин, Котиботи зикргардида бизнес-форумҳои Шурои машваратӣ ва вохӯриҳои мизи мудавварро дар бахши саноат ҷиҳати рушд додани ҳамкории иктисодии миёни кишварҳои узви Созмони давлатҳои туркӣ амалӣ месозад. Шурӯъ аз раванди ҳамкориҳои кишварҳои узви СДТ зиёда 11 мулоқоти сатҳи вазирон ва 13 ҳамоишҳои гурӯҳҳои корӣ ташкил ва баргузор шудааст, ки ба таҳкими ҳамкориҳои иқтисодӣ муосидат менамояд [15].

Илова бар ин, дар Саммити ғайринавбатии сарони кишварҳои туркӣ 16 марти соли 2023 дар ш. Анкара, Созишнома оиб ба таъсиси “Фонди сармоягузории туркӣ” ба имзо расид [6]. Мақсад аз таъсиси фонди мазкур рушди ҳамгироии иқтисодии кишварҳои узви Созмони давлатҳои туркӣ мебошад.

Мавзӯъҳои асосии самти ҳамкории иқтисодӣ аз пешбурди фаъолият дар ин самт ҷиҳати муваффақ шудан ба гардиши озоди молу маҳсулот, ҷалби сармоя ва сармоягузорӣ, хизматрасониҳо, технологияҳои муосир (рақамӣ) ва одамон миёни кишварҳои узви СДТ, таъмини мубодилаи таҷриба ва истифодаи таҷрибаҳои пешрафта дар рушди сиёсати иқтисоди миллӣ, таҳия ва коркарди барномаҳои молиявӣ ва сармоягузорӣ бо мақсади дастгирии бахши хусусӣ, мусоидат намудан ба раванди рушди иқтисодиёт ва ҷомеа, таҳияи барномаҳои дастгирии аъзоёни диаспора, ки мехоҳанд дар ватани худ ба соҳибкорӣ машғул шаванд ва ғайраҳо иборат аст [20, 69].

Барои таҳлили сатҳи ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳои узви Созмони давлатҳои туркӣ пеш аз ҳама иқтидори иқтисодии Созмон ва дурнамои рушди ҳамкориҳои кишварҳои узвро дар доираи Созмон дар маҷмуъ муайян кардан лозим аст. Маҷмӯи маҳсулоти дохилии (ММД) кишварҳои узви СДТ тахминан 1,5 триллион долларро (дар соли 2022) ташкил дода, дар ҷаҳон мақоми 13-умро ишғол намудааст. Таносуби умумии ММД-и кишварҳои узви СДТ дар ММД-и ҷаҳон тахминан 1,8 фоизро ташкил додааст [11,57]. Дар давоми 10 соли охир давлатҳои туркӣ ҳамкории тиҷоратиро хеле вусъат доданд, ки гардиши умуми молу маҳсулот бо кишварҳои ҷаҳон дар соли 2023 тақрибан ба 1,2 триллион доллар ва гардиши мол миёни кишварҳои узви СДТ ба 42,3 миллиард доллар баробар карда шудааст [16].

Аз ҷумла, президенти Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев дар мусоҳибаи худ ба нашрияи “Ana tili” зикр намудааст, ки дар соли 2024 гардиши молу маҳсулот миёни кишварҳои узви Созмони давлатҳои туркӣ, 45 миллиард доллари амрикоиро ташкил дод. Ба ақидаи президенти Қазоқистон, нишондоди мазкур аз таҳким ва густариши ҳамкориҳои тиҷоратии кишварҳои узви СДТ дар солҳои охир шаҳодат медиҳад [7].

Дар ин замина, Котиби генералии Созмони давлатҳои туркӣ Қубаничбек Омуралиев зимни суханронии худ дар ҳамоиши 12-уми сарони Вазоратҳои савдои кишварҳои узви СДТ, ки 14 сентябри соли 2023 дар Истанбул баргузор гардид, оид ба аҳамияти тиҷорати минтақавӣ тавассути таъсис додани “Фазои ягонаи иқтисодӣ” ва авлавият додан ба тадбирҳои соддагардонии тиҷорат, аз ҷумла таъсиси Кумита оид ба соддагардонии тиҷорат ва имзои “Созишномаи тиҷорати озод барои хизматрасонӣ ва сармоягузорӣ” дар миқёси Созмони давлатҳои туркӣ, таъкид намуд [8].

Дар мавриди таҳлили сохтори савдои СДТ муайян карда шуд, ки бештари маҳсулоти содиротиро дар баробари маҳсулоти дигари истеҳсолшуда, маҳсулоти сузишворӣ, махсусан нафту газ ташкил медиҳад. Яъне, қисме аз кишварҳо бештар ба содироти маҳсулоти сузишворӣ ва қисми дигар ба содироти маҳсулоти саноатӣ машғул мебошанд.

Дар таносуб ба сохтори савдо, ҷуғрофияи муносибатҳои тиҷоратии Созмони давлатҳои туркӣ чандон гуногунранг намебошад. Чунки аксарияти кишварҳои узв СДТ - Қазоқистон, Қирғизистон ва Узбекистон ва кишвари нозир - Туркманистон кишварҳои пасошӯравӣ буда, бо Россия равобити тиҷории хеле рушдёфта доранд ва Россияро яке аз шарикони асосии тиҷоратии худ медонанд. Дар навбати худ, Қазоқистон, Қирғизистон, Узбекистон ва кишвари нозир – Туркманистон, ҳамчунин бо Чин ва дигар кишварҳои ҳамсояи худ равобити хуби тиҷоратиро ба роҳ мондаанд [11, 59]. Қайд кардан ба маврид аст, ки Россия дар навбати худ дар се кишвари узви СДТ- Қазоқистон, Қирғизистон ва Узбекистон нуфузи қавии иқтисодӣ ва сиёсӣ дорад. Илова бар ин, кишварҳои дар боло зикр гардидаи узви СДТ бо кишвари ғайритурки Осиёи Марказӣ-асосан бо Тоҷикистон равобити муштараки судманди сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ ва амниятиро доранд.

Созмони давлатҳои туркӣ кӯшиш менамояд майдони маҷозиро ҷиҳати бартараф кардани монеаҳои ҷисмонӣ, бюрократӣ ва забонӣ, ки ба савдои муштараки корхонаҳои хурд ва миёнаи кишварҳои СДТ халал мерасонанд, таъсис диҳад. Чунин майдон имкон медиҳад, ки муоширати байни корхонаҳои хурду миёна ба таври фаврӣ ва бидуни миёнарав анҷом дода шавад. Созмони кишварҳои туркӣ дар баробари осон кардани иртибот ва мутамарказ кардани иттилооти дахлдор ба афзоиши суръат ва ҳаҷми ҳамкориҳои тиҷорати миёни кишварҳои узв мусоидат хоҳад кард.

Дар бахши “Нақлиёт ва гумрук” соддагардонии расмиёти гумрукӣ ва транзитии давлатҳои узви СДТ ҳангоми убури сарҳад зикр шудааст. Ҳамчунин, дар бахши зикргардида оид ба афзоиши сармоягузорӣ ҷиҳати таъмини пайванди дохилиминтақавӣ бо лоиҳаҳои такмилёфта ва бо ҳам пайвастани инфрасохтори нақлиётӣ дар байни кишварҳои узв; ҳамоҳангсозии сиёсати бахши нақлиёт ва стандартҳои техникии марбут ба ҳамлу нақли бор тавассути Долони байналмилалии ҳамлу нақли Баҳри Хазар (Транскаспий) *(анг. Trans Caspian International Transportation Corridor- TITR)* ба вижаи дигар Долони Миёна (Шарқу Ғарб); татбиқи ҳамкориҳои зич ҷиҳати таъмини иҷрои босамари конвенсияҳои байналмилалӣ дар бахши нақлиёт аз ҷониби кишварҳои узви СДТ ва истифодаи долони Зангезур дар ҷанбаҳои гуногуни иқтисоди байналмилалӣ аз ҷониби кишварҳои узви СДТ таъкид шудааст [20, с. 69].

Кумитаи ҳамоҳангсозӣ оид ба рушди хатсайри байналмилалии нақлиётӣ тавассути баҳри Хазар (Транс-Каспий) – Қазоқистон, Озарбойҷон ва Гурҷистон моҳи декабри соли 2016 тасмим гирифтанд, ки Иттиҳоди байналмилалии “Хатсайри байналмилалии нақлиётии Транс-Каспий”-ро таъсис диҳанд. Хатсайри байналмилалии нақлиётӣ аз Осиёи Ҷанубӣ ва Хитой оғоз шуда тавассути Қазоқистон, баҳри Хазар, Озарбойҷон, Гурҷистон то ба кишварҳои Аврупо мерасад [18].

Мутахассиси самти муносибатҳои байналмилалӣ Айшегюл Кетенҷӣ дар мавриди лоиҳаи долони Зангезур қайд намудааст, ки лоиҳаи долони Зангезур на танҳо бо мақсади пайваст кардани Ҷумҳурии худмухтори Нахҷувон ва манотиқи шарқии Озарбойҷон пешбинӣ шудааст, балки барои таҳким ва рушди робитаҳои тиҷоратӣ, логистикӣ ва сиёсӣ дар ҷаҳони турк мусоидат хоҳад кард [1]. Воқеан, татбиқи лоиҳаи долони Зангезур метавонад марҳалаи муҳими таҳкими робитаҳои байни кишварҳои узви Созмони давлатҳои туркӣ (на танҳо Озарбойҷон ва Туркия) гардида, барои ҳамкориҳои минбаъдаи кишварҳои туркӣ шароити мусоидро дар интиқоли заминии гардиши молу маҳсулот фароҳам оварад ва ҷаҳони туркро дар арсаи байналмилалӣ муттаҳидтар ва нуфуздортар гардонад. Ғайр аз ин, чунин раванд ба СДТ имкони ба даст овардани

мақоми созмони рақобатпазирро дар таносуб ба дигар созмонҳои минтақавию байналмилалии иқтисодӣ шавад.

Илова бар ин, Созмони давлатҳои туркӣ дар самти рақамикунонии расмиёти нақлиётӣ ҷиҳати таъмини ҳамлу нақли муассир ва бемонеаи байни кишварҳои ширкаткунанда муваффақ гаштааст. Лоиҳаи “Digital TIR” яке аз ташаббусҳои калидӣ ба шумор рафта, расмиёти гумрукӣ ва эҷоди як долони сабзро байни Қазоқистон ва Узбекистон дар соли 2022 бо пайвастани Қирғизистон содда мекунад. Туркия ва Узбекистон дар татбиқи лоиҳаи “e-İzin” пешсаф гаштанд. Ба туфайли рақамикунонии равандҳои нақлиёти автомобилӣ лоиҳаи “e-İzin” *(иҷозатномаи электронӣ)* хароҷоти маъмуриро коҳиш дода, гузаргоҳҳои наздисарҳадиро беҳтар менамояд. Инчунин корҳо ҷиҳати татбиқи ворид намудани низоми электронии “e-CMR”*(борхати электронӣ)* барои борхатҳои рақамӣ идома дошта, ҳамлу нақлро дар тамоми минтақа осон хоҳад гардонид [3]. Ҳадаф аз татбиқ ва амалисозии чунин лоиҳаҳо ба талаботи замони муосир ва пешрафти технологияи рақамӣ мутобиқ намудани соҳаи нақлиёт ва мусоидат ба савдои бемамонияти байни кишварҳои Созмони давлатҳои туркӣ маҳсуб ёфтааст.

Созишномаи Нахҷувон, ки дар заминаи ҳамбастагии фарҳангии кишварҳои узви СДТ таъсис ёфтааст, дар он бахши энергетика яке аз ҳадафҳои бунёдӣ дар раванди ташаккули Созмони давлатҳои туркӣ зикр карда шудааст. Энергетика, ки соҳаи зери таваҷҷуҳи ҳамагон муайян карда шудааст, ҳамчун соҳаи муҳимми ҳамкории кишварҳои узви СДТ арзёбӣ гардидааст [13].

Дар муқоиса ба ҳамкории кишварҳои узви СДТ дар бахши нақлиёт рушди ҳамкориҳо дар соҳаи энергетика чандон назаррас намебошад. Ҳол он ки се кишвари узви СДТ тавлидкунандагони умдаи нафту гази ҷаҳонӣ ҳастанд, вале бештари захираҳои сӯзишвории худро ба ду маркази асосии иқтисодӣ ҷаҳонӣ - Аврупо ва Чин содирот мекунанд. Ҳамкориҳои Озарбойҷон ва Туркия дар бахши энергетика дар таносуб ба дигар кишварҳои узви созмон бештар рушд кардаанд. Дар даҳсолаи охир Озарбойҷон яке аз кишварҳои таъминкунандаи асосии гази табиии Туркия ба шумор меравад. Дар соли 2020 содироти гази табиӣ ба Туркия хусусан баъди ба кор даромадани Долони гази Ҷанубӣ зиёд гардид [11, с. 63]. Гази табиӣ дар соли 2021 аз Озарбойҷон ба Туркия ҳудуди 8,5 миллиард метри мукааб, аз ҷумла 5,6 миллиард метри мукааб тавассути TANAP *(анг. Trans-Anatolian Natural Gas Pipeline)* ва 2,8 миллиард метри мукааб тавассути қубури Қафқози Ҷанубӣ (Боку-Тифлис-Эрзурум) интиқол дода шуд [10].

Кишвари дигари Созмони давлатҳои туркӣ Қазоқистон ҳарчанд бо дигар кишварҳои ин созмон ҳамкории энергетикӣ ба роҳ мондааст, дар ҳаҷми кам ҳам бошад ба Қирғизистону Узбекистон нафту газ содир мекунад. Содирот аз Қазоқистон ба Қирғизистон 17% (103 миллион доллар) аз ҳаҷми умумии содироти он ба Қирғизистон дар соли 2020-ро ташкил додааст, дар ҳоле ки дар Узбекистон ҳамагӣ 6% буд. Туркманистон аз захираҳои нафту газ бой буда, маҳсулотро танҳо ба Узбакистон содир менамояд, ки дар соли 2020 ба Узбекистон ба маблағи тақрибан 161 миллион доллар нафти хом ва тозашуда содирот кардааст [11, 63].

Бо вуҷуди рушди ҳамкориҳои кишварҳои СДТ дар соҳаи энергетика, сатҳи он дар муқоиса бо имкониятҳои давлатҳои аъзо, ки аз захираҳои нефту газ бой мебошанд, хеле ночиз аст.

ТУРКСОЙ – Созмони байналмилалии фарҳанги туркӣ, ҳамчун ЮНЕСКО-и ҷаҳони турк дар миёни кишварҳои узви Созмони давлатҳои туркӣ шуҳрат пайдо кардааст. Созмони номбурда дар заминаи муштаракоти забонӣ, таърихӣ ва арзишҳои фарҳангии кишварҳои туркӣ таъсис дода шуда, имрӯз дар амали созии лоиҳаҳои дуҷониба ва бисёрҷонаби ҳамкориҳои фарҳангии кишварҳои узви СДТ нақши калидиро мебозад. Ҳадафҳои асосии он таҳкими пайвандҳои муштараки мероӣ байни халқҳои турк ва ташвиқу тарғиби ин мерос дар саросари ҷаҳон мебошад. Ба ибораи дигар, фаъолияти ТУРКСОЙ-ро метавон ҳамчун роҳандозӣ намудани дипломатияи фарҳангӣ дар ҷаҳони

турк арзёбӣ кард [9]. Созмони байналмилалии фарҳангӣ туркӣ дар рушди ҳамкориҳои фарҳангӣ миёни кишварҳои СДТ саҳми хоса дорад.

Соҳаи санъат аз нуқтаи назари ТУРКСОЙ воситаи муҳими муколама барои кишварҳои узв ва тамоми фарҳангҳо мебошад. ТУРКСОЙ санъатро ҳамчун васила, дар баробари таҳкими равобит ва ҳамкориҳои байни халқҳои туркзабон, инчунин барои муаррифии нотакрор ва ғании фарҳанги туркӣ ба ҷаҳониён, истифода намудааст. ТҮРКСОЙ аз замони таъсис ёфтанаш то ба имрӯз чандин чорабиниҳои фарҳангиро, дар мисоли Рӯзҳои опера, Анҷумани аксбардорон, ҳамоиши рассомон-ҳайкалтарошон, Анҷумани маҷаллаҳои адабии ҷаҳони турк, Озмуни ҳикояҳои Қошғарлӣ Маҳмуд ва дигар чорабиниҳоро оид ба мероси фарҳангии ғайримоддии олами турк баргузор намудааст [17, 100].

Пойтахтҳои фарҳангии кишварҳои ҷаҳони турк ҳамчун таҷассумгари фарҳангҳои миллӣ дар тӯли солҳо чорабиниҳои зиёди фарҳангиро баргузор намуд. Чорабиниҳои фарҳангӣ, дар баробари муаррифии фарҳанг, аз намоишҳои ҳунарӣ то намоишҳои театрӣ ва мусиқии классикӣ, инчунин ба таблиғи шаҳрҳои мизбон ва муаррифию рушди бахши фарҳанги сайёҳӣ дар он макон низ мусоидат менамояд. Бори аввал дар соли 2013 озмуни суруди “Turkvision”, шабеҳи озмуни “Eurovision” дар Эскишеҳири Туркия баргузор гардид [17, 100].

Созмони байналмилалии фарҳанги туркӣ дар чанд лоиҳаҳояш ҳифз, тарғиб ва муаррифии мероси фарҳангӣ ба наслҳои ояндаро ҳадафи худ қарор додааст. Аввалин китобе, ки бо дастгирии ТУРКСОЙ ба чоп расид “Қиссаҳои Манас” ба феҳристи мероси фарҳангии ғайримоддии ЮНЕСКО ворид карда шуд. Минбаъд дар ҳамин раванд аз ҷониби ТУРКСОЙ достонҳои “Деде Коркут”, “Қултегин”, “Урал Ботир” ва “Ҳубан Ариғ” чоп карда шуданд [17, 102].

ТУРКСОЙ бо дар назардошти саҳми хосаи худ дар хазинаи фарҳанги туркӣ ҳар солро ба хотираи ин ё он шахсияти барҷастаи фарҳанги туркӣ эълон мекунад. Аз ҷумла, соли 2010-ро ба муносибати 120 солагии зодрӯзи олим-туркшиноси бошқир-Заки Валиди Тоган (Аҳмет Заки Валидов); соли 2011-ро ба муносибати 125 солагии зодрӯзи шоири тотор – Габдулло Тукай; соли 2012-ро ба муносибати 200 солагии зодрӯзи драманависи озарӣ – Мирзо Фатали Охунзода ва 150 солагии туркшиноси хакас – Николай Катанов; соли 2013-ро ба муносибати 100 солагии мусиқинависи қазоқ – Муқан Тулебоев; соли 2014-ро ба муносибати 290 солагии шоири туркман- Махтумқули Фироқӣ ва ба муносибати ҷашни 150 солагии акини қирғиз Тоқтагул Сатилганов; соли 2015-ро ба муносибати 100 солагии зодрӯзи драманависи турк- Ҳалдун Танер ва 130 солагии достоннависи хакас Семен Кадишев; соли 2016-ро ба муносибати 1000 солагии шоир ва мутафаккири турк-Юсуф Баласагунӣ; соли 2017-ро ба муносибати 300 солагии ходими давлатӣ ва шоири озар-Мулло Панаҳ Воқиф; соли 2018-ро ба муносибати 90 солагии нависандаи қирғиз-Ҷингиз Айтматов, инчунин 100 солагии мусиқинависи озар-Гара Гараев ва 100 солагии шоири қазоқ- Магжон Жумабой; соли 2019-ро ба муносибати 650 солагии шоири озар-Имамеддин Насимӣ ва ба муносибати 125 солагии зодрӯзи достоннависи турк- Ошиқ Вейсал; соли 2020-ро ба муносибати 175 солагии шоир ва мутафаккири қазоқ- Абай Кунанбоев; соли 2022-ро ба муносибати 600 солагии файласуфи турк-Сулаймон Челебӣ, 100 солагии мусиқинависи озар- Фикрат Амиров ва 100 солагии ходими санъати қирғиз- Тохтаболот Абдумомунов эълон намудааст [2].

Бо мақсади ҳифзи мероси фарҳангӣ ва бо дастгирии ТУРКСОЙ, созмони ғайридавлатии Иттиҳоди нависандагони Авруосиё *(тур.Avrasya Yazarlar Birliği),* ки зиёда аз 10 сол дар соҳаи адабиёт фаъолият дорад, дар соли 2008 Озмуни “Ҳикояҳои кутоҳ”-ро бахшида ба ёдбуди Қошғарли Маҳмуд баргузор намуд. Инчунин, бо ташаббусҳои ҷаҳонии кишварҳои узви СДТ дар самти дипломатияи фарҳангӣ пойтахти Қазоқистон шаҳри Остонаро соли 2003 Маркази муколамаи динҳои анъанавӣ, соли 2008 шаҳри Бокуро (Озарбойҷон) маркази бисёрфарҳангӣ, Қирғизистонро Ватани фарҳангҳои ҷаҳонии кӯчманчиён эълон намуданд [17,104-106]. Илова бар ин, дар

Саммити IX Созмони давлатҳои туркӣ, ки 11 ноябри соли 2022 дар шаҳри Самарқанд баргузор гардид, бо ташаббуси Узбекистон ва дастгирии ҳамаҷонибаи кишварҳои узви СДТ шаҳри Самарқанд маркази тамаддуни ҷаҳони турк эълон гардид [4].

Мақсад ва рисолати асосии СДТ мусоидат ба ҳамкории ҳамаҷонибаи кишварҳои узв, таъмини фазои эътимоди мутақобила ва эҷоди баробарии ягона дар муносибатҳои байналмилалӣ ба шумор меравад. Имрӯз муносибатҳои мутақобилаи кишварҳои узви Созмони давлатҳои туркӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайраҳо дар доираи СДТ нақши муҳим дорад. Баргузории мунтазами нишастҳо ва ҳамоишҳои сарони давлатҳои туркӣ, фаъолияти комиссияи муштараки байни парлумонӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, инчунин татбиқи Консепсияи "Дурнамои ҷаҳони турк то давраи соли 2040", ки дар саммити Истанбул соли 2021 қабул карда шуд, ягонагӣ ва ҳамкориҳои зичи кишварҳои Созмони давлатҳои туркиро дар соҳаҳои мухталиф - сиёсат, иқтисод ва иқтисоди рақамӣ, фарҳанг, амният, нақлиёт, гумрук, энергетика ва энергияи сабз, технологияҳои иттилоотӣ, рақамӣ ва коммуникатсионӣ, маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи муҳити зист, рушди соҳаи хоҷагии қишлоқ ва ғайраҳо таъмин намуда, ба ҳамгироии сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва рушди минбаъдаи ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи кишварҳои узви СДТ такони ҷиддӣ медиҳад.

Кишварҳои узви созмони давлатҳои туркӣ дар доираи СДТ кӯшиш доранд, ки дарояндаи наздик фазои муосири имкониятҳои иқтисодиро ҷиҳати таҳкими ҳаракати озоди тиҷорат тавассути фаъолгардонии савдои электронӣ ва рушди рақамикунонӣ, сармоягузорӣ ва дигар хизматрасониҳо ба роҳ монанд.

Дар ин замина таъсис додани долонҳои нави логистикӣ-нақлиётӣ метавонад ба коҳиши хароҷот, афзоиши гардиши молу маҳсулот мусоидат намуда, ба баланд бардоштани самаранокии иқтисоди кишварҳои иштирокчии ин раванд оварда расонад. Гуногунрангии захираҳои бойи истеҳсолӣ ва ашёи хом, аз эҳтиёҷоти байниҳамдигарии кишварҳои туркӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои зичро дар соҳаи иқтисод тақозо намояд.

Кишварҳои узви Созмони давлатҳои туркӣ бо истифода аз имкониятҳои мавҷудаи дипломатияи фарҳангӣ сиёсати устувори худро дар барқарорсозӣ, ҳифз ва тарғибу ташвиқи фарҳанги туркӣ, инчунин бо дастгирии ҳамаҷонибаи дигар созмонҳои туркӣ, аз қабили ТУРКСОЙ ва Бунёди байналмилалии фарҳанг ва мероси туркӣ роҳандозӣ менамояд. Илова бар ин, давлатҳои аъзо кӯшиш менамоянд бо истифода аз муштаракоти таърихӣ, фарҳангӣ, забонӣ ва динӣ ҷиҳати таҳким ва густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар бахшҳои мухталиф ва баланд бардоштани мақоми СДТ дар арсаи ҷаҳонӣ мақсади самаранок амалӣ намудани консепсияи "Дурнамои ҷаҳони турк то давраи соли 2040"- ро доранд.

**АДАБИЁТ:**

1. Зангезурский коридор: роль и значимость. Анкара, 20.12.2022. URL: https://www.aa.com.tr/ru/анализ-новостей/зангезурский-коридор-роль-и-значимость/2768089 Дата обращения: 11.10.2024;
2. К вопросу культурно-гуманитарных взаимосвязей в рамках ОТГ (на примере ТЮРКСОЙ). **Ташкент, Узбекистан. 11.11.2022.** URL: https://www.uzdaily.uz/ru/k-voprosu-kulturno-gumanitarnykh-vzaimosviazei-v-ramkakh-otg-na-primere-tiurksoi/ Дата обращения: 13.10.2024;
3. Организация тюркских государств: 15 лет единства и прогресса. Генсек ОТГ Кубанычбек Омуралиев рассказал о деятельности организации и ее перспективах на будущее.URL: https://www.aa.com.-tr//ru/политика/организация-тюркских-государств-15-лет-единства-и-прогресса/3351490 Дата обращения: 11.10.2024;
4. По итогам IX Саммита Организации тюркских государств подписаны Самаркандская декларация и ряд документов. URL:https://azertag.az/ru/xeber/po_itogam_ix_sammita_organizacii_tyurkskih_gosudarstv_p

odpisany_samarkandskaya_deklaraciya_i_ryad_dokumentov-2371808 . Дата обращения: 14.10.2024;
5. Президент Казахстана: Объем товарооборота между странами ОТГ в 2024 году превысил $45 млрд.URL: https://report.az/ru/v-regione/prezident-kazahstana-obem-tovarooborota-mezhdu-stranami-otg-v-2024-godu-prevysil-45-mlrd/ Дата обращения: 20.01.2025.
6. Сомонаи расмии Созмони давлатҳои туркӣ. Ҳамкориҳои сиёсӣ. https://www.turkicstates.org/en/areas-of-cooperation-detail/1-political-coope-ration . Санаи муроҷиат: 14.01.2025.
7. Тюркский инвестиционный фонд официально начал свою деятельность. URL: https://primeminister.kz/ru/news/tyurkskiy-investitsion-nyy-fond-ofitsialno-nachal-svoyu-deyatelnost-28431/ Дата обращения: 30.01.2025.
8. 12th meeting of Ministers of Economy and Trade of the OTS and "Turkic World Business Forum" convened in Istanbul. URL: https://www.turk-icstates.org/en/haberler/12th-meeting-of-ministers-of-economy-and-trade-of-the-ots-and-turkic-world-business-forum-convened-in-istanbul_3032 Date of the appeal: 12.10.2024;
9. Akıllı E. Turksoy, Turkic Council and Cultural Diplomacy: Transactionalism Revisited. // Bilig, autumn 2019/Number 91.
10. Azerbaijan boosts gas exports to Turkey via TANAP. URL: https://aceconsultants.az/en/news/1073.html .Date of the appeal: 13.10.2024;
11. BAGHIROV O. The Organization of Turkic States' Economic Potential and Cooperation Prospects among its Members. // PERCEPTIONS, Spring-Summer 2022 Volume 27 Number 1, p. 53-73
12. Informal Meeting of the Council of Foreign Ministers of the OTS held in New York. URL: https://www.turkicstates.org/en/haberler/informal-meeting-of-the-council-of-foreign-ministers-of-the-ots-held-in-new-york_3046 . Date of the appeal: 10.10.2024;
13. Nakhichevan Agreement. Article 2. Purposes and tasks. URL: https://turkicstates.org/assets/dokuman/Nahngilizce1.pdf . Date of the appeal: 12.10.2024;
14. Organization of Turkic States. URL: https://www.turkicstates.org/en/-turk-konseyi-hakkinda Date of the appeal: 10.10.2024;
15. Organization of Turkic States. Areas of Cooperation. 2. Economic Cooperation. URL: https://www.turkicstates.org/en/isbirligi-alanlari . Date of the appeal: 10.10.2024;
16. Organization of Turkic States Strengthens Unity and Cooperation Among Turkic Nations. URL: https://astanatimes.com/2024/08/organization-of-turkic-states-strengthens-unity-and-cooperation-among-turkic-nations/ . Date of the appeal: 12.10.2024;
17. PURTAŞ F. Cultural Diplomacy Initiatives of Turkic Republics. // PERCEPTIONS, Spring 2017, Volume XXII, Number 1, p. 100.
18. The Trans-Caspian International Transport Route. URL: https://middlecorridor.com/en/ Date of the appeal: 12.10.2024;
19. ÜNVER D. / The analysis of the Organization of Turkic States from a neofunctionalist pespective. In partial fulfillment of the requirements for the degree of Master of Science in Eurasian Studies, the Graduate School of Social Sciences of Middle East Technical University.2023. s. 106
20. YALDIZ F. The political vision of the Organization of Turkic States: an analysis of the Turkic world vision-2040. // EURASIAN RESEARCH JOURNAL, Vol. 5, No. 2, p. 68, Spring 2023.

## ПОЛИТИЧЕСКОЕ, ЭКОНОМИЧЕСКОЕ И КУЛЬТУРНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВА СТРАН-ЧЛЕНОВ ОРГАНИЗАЦИИ ТЮРКСКИХ ГОСУДАРСТВ

Организация тюркских государств (ОТГ), созданная на основе исторической и культурной общности тюркоязычных стран с момента своего образования, на пути к превращению в региональную и глобальную организацию уделяла особое внимание

развитию сотрудничества между государствами-членами ОТГ, особенно в сферах политики, экономики и культуры.

В статье анализируется политические, экономические и культурние сотрудничества тюркских стран в рамках Организации тюркских государств. Стремительный процесс интеграции тюркских стран в сфере политики, экономики, культуры и безопасности свидетельствует о формировании на региональной и глобальной аренах новой конкурентоспособной силы на уровне международных и региональных организации политического и военного характера эпохи многополярного мира.

***Ключевые слова:*** *Совет тюркоязычных стран, Нахчеванское соглашение, Организация тюркских государств, ТЮРКСОЙ, политические сотрудничества, экономические сотрудничества, культурные сотрудничества.*

**POLITICAL, ECONOMIC AND CULTURAL COOPERATION OF THE STATES MEMBERS OF THE ORGANIZATION OF TURKIC STATES**

The Organization of Turkic States, which had been created on the basis of the historical and cultural community of Turkic speaking countries, since its formation, on the way to becoming a regional and global organization, has focused on the development of cooperation between the OTS member states, particularly in politics, economics and cultural matters.

The article analyzes the political, economic and cultural cooperation of the Turkic countries within the framework of the Organization of Turkic States. Fast integration process of the Turkic countries in the areas of politics, economics, culture and security indicates the formation of a new competitive force at the level of international and regional political and military *organizations in the regional and global platforms in an era of multipolar world.*

***Key words:*** *Council of Turkic Speaking Countries, Nakhichevan Agreement, Organization of Turkic States, TURKSOY, political cooperation, economic cooperation, cultural cooperation.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Салимов Акбар Ҳалимович,ходими калони илмии шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. тел. +992 92-861-40-27, E-mail:** salimov@osiyoavrupo.tj

**Сведение об авторе:**

Салимов Акбар Халимович,старший научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ, адрес: г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел: +992 92-861-40-27; E-mail: salimov@osiyoavrupo.tj

**Information about Author:**

Salimov Akbar Halimovich,senior research fellow of the Institute for Asian and European Studies of NAST, address: Dushanbe, Rudaki avenue, 33. Phone: +992 92-861-40-27; E-mail: salimov@osiyoavrupo.tj

## НАҚШИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ДАР НИЗОМИ ИНТИХОБОТИИ ШМА ВА КАНАДА

**РАСУЛЗОДА АСЛАМ ЗАФАР -**

ходими калони илмии шуъбаи ШМА ва Канадаи

Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Ҳизбҳои сиёсӣ имрӯз ҷузъи таркибии низоми сиёсии ҷомеа буда, дар ҳолати таҳаввулот дар ҷомеа фаъолияти онҳо дар низоми интихоботӣ низ ба дигаргунӣ дучор мешавад. Инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ дар давраи ташаккули ҷомеаи демократӣ дар Канада ва*

*Штатҳои Муттаҳидаи Амрико вусъати тоза пайдо кард, ки дар натиҷаи он ҳизбҳо оммавӣ гардиданд.Дар шароити муосир ҳизбҳои сиёсии Канада ва ШМА дар ташаккули маданияти сиёсию шаҳрвандӣ, аз ҳама муҳим дар баланд бардоштани масъулияти сиёсии шаҳрвандон нақши бориз мебозад.*

*Нақши ҳизбҳои сиёсии Федератсияи Канада ва ШМА дар ҳаёти сиёсӣ ва хусусан дар низоми интихоботӣ муҳим буда, ҳизбҳои сиёсӣ барои ҷалби электорат аз усулу воситаҳои гуногуни сиёсию равонӣ, маркетингию имеҷмейкерӣ исифода намуда, барои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ доимо дар таҳияи барномаву стратегияҳои таъсиррасон ба интихоботкунандагон мебошанд.*

***Калидвожаҳо:*** *ШМА,Канада ҳизбҳои сиёсӣ, низоми интихоботӣ, низоми ҳизбӣ, низоми сиёсӣ, амнияти иттилоотӣ, қудрати сиёсӣ*

Низоми муосири байналмилалӣ алъон дар ҳолати таҳаввулоти ҷиддӣ қарор дорад.Бухронҳои шадиди солҳои охир,ки дар фазои геополитикӣ ва геоиқтисодии ҷаҳон рух доданд, боиси ташаккулебии ҷаҳони сеқутба гардид. Ба ақидаи коршинос масоили сиёсӣ Ҳайдарзода Рустам ин “сеқутби ҷаҳонро ШМА,Чин ва Россия сарварӣ менамоянд”[13,28].

Дар шароити ташаккулёбии низоми сеқутба ё бисёрқутбаи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар қатори унсурҳои дигар ҳизбҳои сиёсӣ ва системаҳои ҳизбӣ мақом ва нақши махсуси худро доранд. Онҳо яке аз шаклҳои фаъоли ташкилотҳои оммавӣ-сиёсӣ ба шумор меравaнд ва ҳимояи манфиатҳои сиёсии гурӯҳҳои муайяни иҷтимоиро ба амал мебароранд. Дар низоми сиёсии ҷомеа ҳизбҳои сиёсӣ тавассути таҳияи идеология ва барномаҳо кӯшиш мекунанд, ки дурнамои фаъолияти худро муайян кунанд ва шаҳрвандонро ба имкони амалҳои алтернативӣ ё гуногун бовар кунонанд. Ҳизбҳои сиёсӣ ифода ва муттаҳид кардани манфиатҳои ҷамъиятиро бояд роҳандозӣ намоянд [1,120]. Гурӯҳҳо ҳам метавонанд манфиатҳоро ифода намоянд, вале танҳо ҳизбҳои сиёсӣ онҳоро дар шакле муттаҳид мекунанд, ки бевосита ба қарорҳои мақомотҳои марказии ҳокимияти давлатӣ таъсир мерасонад [2,355].

Ҳизбҳо сиёсӣ имрӯз ҷузъи таркибии низоми сиёсии ҷомеа буда, дар шароити ташаккулёбии ҷомеа фаъолияти онҳо дар низоми интихоботӣ низ ба дигаргунӣ дучор мешавад. Барои мустаҳкам намудани мавқеи худ дар раванди интихобот ҳизбҳои сиёсиро зарур меояд, ки аз имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ истифода баранд. Инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ дар давраи ташаккули ҷомеаи демократӣ вусъати тоза пайдо кард, ки дар натиҷаи он ҳизбҳо оммавӣ гардиданд. Дар заминаи инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ фаъолияти сиёсии табақаҳои гуногуни иҷтимоии ҷомеа ва ҳаракатҳои оммавию сиёсӣ барои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ дар раванди интихобот афзуда истодааст. Дар шароити муосир ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули маданияти сиёсию шаҳрвандӣ, аз ҳама муҳим дар баланд бардоштани масъулияти сиёсии шаҳрвандон нақши муҳим мебозад. Аммо ҳизбҳои сиёсӣ марҳилаҳои гуногуни рушду инкишофро тай намуда, дар натиҷаи рушди ниҳодҳои демократии ҷомеа то сатҳи субъекти системаи интихоботӣ омада расиданд. Бинобар ин, дар шароити имрӯза рушди ҷомеаи демократиро бидуни фаъолнокии ҳизбҳои сиёсӣ тасаввур намудан ғайриимкон мебошад. Дар баробари ин ҳизбҳои сиёсӣ субъекти муҳимтарини раванди сиёсии ҷомеа низ ба шумор мераванд. Ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди сиёсии ҷомеа вазифаҳои мушаххасро иҷро намуда, дар ташаккули системаи сиёсии ҷомеа ва рақобатнокии интихоботи демократӣ таъсири амиқ мерасонанд.

Ҳизбҳо манофеъ ва талаботи гурӯҳҳои қудрати иҷтимоиро ифода намуда, вазифаи муоширaт, яъне робитаи сохторҳои қудратӣ бо ҷомеаро иҷро намуда, муколамаи устувори онҳоро таъмин намуда, ба наздик шудани мавқеъҳои онҳо мусоидат мекунанд. Мутобиқ кардани низоми ҷамъиятӣ ба шароити доимо тағйирёбандаи фаъолияти он, таъмини мувозинати динамикии гуруҳҳои манфиатҳои ҳизб бо роҳи ба амал баровардани вазифаҳои қабули сиёсӣ ва иҷтимоии сиёсӣ ба амал бароварда мешавад. Бо

интихоби беҳтарин номзадҳо ба мансабҳои роҳбарикунанда, ҳизбҳо дар баланд бардоштани сифати элита саҳм мегузоранд [3,25].

Низоми парламентарӣ ин ҳокимияти ҳизбҳо мебошад. Дар ин низом ҳизбҳои сиёсие, ки соҳиби аксарияти овозҳо дар парламент мебошанд, бояд рақобатпазир бошанд. Ин амали сиёсӣ имкон медиҳад, ки қонунҳои қабулшуда дар парламент дар пояи адолати иҷтимоӣ ва ҷавобгӯ ба меъёрҳои ҷомеаи демократӣ гарданд [4,298].

Омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи масъалаи ташаккул ва инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ ва низоми ҳизбӣ дар илмҳои сиёсии ҷаҳони муосир ба яке аз масъалаҳои муҳиму мубрам табдил ёфтааст. Ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеа мақом ва нақши махсус дошта, ба раванди инкишофи ҳаёти сиёсии ҷомеа таъсири ҳалкунанда мерасонанд ва самаранокии фаъолияти онҳо яке аз шартҳои зарурии ташаккули ҷомеаи демократӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳизби сиёсӣ унсури муҳими низоми сиёсии ба ҳисоб рафта, инчунин самтҳои ҳаракати низоми ҳизбӣ ва ҳизби сиёсиро дар бар мегирад. Самти ҳизби сиёсӣ фатҳи қудрат мебошанд, ки тавассути он барномаҳои иҷтимоии худро ба амал барорад. Самти низоми ҳизбӣ бошад, ин таъмин намудани шароит барои ба амал баровардани интихоботи халқ ба ҳисоб меравад.

Дар таърихи ҳаракатҳои сиёсӣ ҳизбҳои сиёсӣ ва нақши он дар интихобот дар ШМА нақши хоса дорад. Махсусан ҳизби демократии ШМА соли 1828 таъсис ёфт. Он манфиатҳои плантаторони Ҷануб ва қисми доираҳои савдою бонкиро ҳимоя мекард. Дар саромади ҳизби демократӣ Т. Ҷефферсон меистад. Он бештар хосияти либералӣ дошт ва иштироки начандон фаъоли ҳукуматро дар ҳаёти шаҳрванд ҷонибдорӣ менамуд.

Соли 1854 дар ШМА Ҳизби ҷумҳуриявӣ ташаккул ёфт, ки дар таъсиси он А. Линколн саҳми асосӣ дошт. Он асосан манфиатҳои буржуазияи саноатии Шимолро ҳимоя намуда, дахолати ақалли давлатро ба корҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, кам намудани андозҳо ва афзун намудани иқтидори ҳарбиро ҳадафи худ қарор дода буд.

Ба ҳайси парламенти ШМА, ҳамчун рукни асоси ҳокимияти давлатӣ, фаъолияти Конгресс ифода меёбад. Конгресси ШМА аз ду палата иборат аст: Палатаи Намояндагон, ки мустақиман интихоб мешавад ва Сенат, ки аз ду намояндаи мустақиман интихобшуда аз ҳар як штат иборат аст. Палатаи намояндагон 435 курсӣ дорад, ки ба штатҳо аз рӯи шумораи аҳолӣ тақсим карда мешаванд; аъзоёни он ба муҳлати ду сол интихоб карда мешаванд. Сенат аз 100 аъзо иборат аст, ки ду нафар аз ҳар як штат, ба мӯҳлати 6 сол интихоб мешаванд. Дар ибтидо сенаторҳоро аъзои маҷлисҳои қонунгузори штат интихоб мекарданд, аммо аз соли 1913 бо қабули ислоҳи 17-уми Конститутсия, интихоби сенаторҳо мустақим шуд. Онҳо ҳамзамон бо интихобот ба Палатаи Намояндагон гузаронида мешаванд ва 1/3 ҳиссаи сенат дар ҳар ду сол аз нав интихоб карда мешаванд. Ҳавзаи интихоботии сенат тамоми штатҳоро фаро мегирад. Конститутсия (дар баробари иловаҳо) ҳуқуқи овоздиҳиро ба ҳамаи шаҳрвандони ШМА, ки синнашон аз 18 боло аст, кафолат медиҳад. Интихоботи президентӣ таваҷҷӯҳи бештари интихобкунандагонро ба худ ҷалб мекунад. Агар интихоботи конгресс ва губернаторони штатҳо дар як вақт бо интихоботи президентӣ сурат нагирад, пас таваҷҷӯҳ ба онҳо ва мутаносибан иштироки интихобкунандагон ба ҳисоби миёна 14 дарсад коҳиш меёбад.

Дар Штатҳои Муттаҳидаи Амрико низоми мажоритарии интихобот амал мекунад ва дар он номзаде, ки дар як ҳавзаи якмандатӣ аксарияти овозҳоро ба даст меорад, ғолиб дониста мешавад. Ин барои инкишофи ҳукуматҳо шароитҳои зарурӣ муҳайё мекунад. Президент ва ноиби президенти Штатҳои Муттаҳида дар интихобот дар ҳар 4 сол як маротиба интихоб мешаванд. Интихобот ғайримустақим аст: ғолибро Коллегияи интихоботӣ муайян мекунад.

Маблағгузорӣ ва хароҷоти интихобот. Маъракаи интихоботии номзадҳо аз ҳисоби маблағҳои шахсӣ ва ҳизбӣ, хайрияҳои инфиродӣ ва маблағҳои аз тариқи онҳо ҷамъоварда маблағгузорӣ карда мешавад. фондҳои гуногуни дастгирӣ (кумитаҳои

амалиёти сиёсӣ, Кумитаи амалиёти сиёсӣ - PAC, SuperPAC). Тибқи маълумоти созмони ғайритиҷоратии амрикоии Centre for Responsive Politics, хароҷот барои интихоботи президентӣ дар соли 2012 тақрибан 2,6 миллиард доллар ва дар соли 2016 - 2,4 миллиард долларро ташкил додааст. Марказ хароҷоти ҳамаи номзадҳоро дар соли 2020 3,7 миллиард доллар ҳисоб кардааст.

Ҳизбҳои сиёсӣ унсури муҳими низоми сиёсӣ баҳисоб мераванд ва мақсади асоси онҳо ин ба даст даровадани ҳокимият мебошад, чунки тавассути он метавонанд манфиатҳои гурӯҳи аъзоёнро ба амал бароранд.

Дар тӯли мавҷудияти худ, Канада ҳамеша монархияи конститутсионӣ буд. Канада як давлати федералист, ки аз даҳ вилоят ва се қаламрав иборат аст. Низоми парламентии он ба анъанаҳои мустаҳками демократӣ асос ёфтааст.

Дар Канада низоми бисёрҳизбӣ мавҷуд аст, ки дар он бисёр амалияҳои қонунгузорӣ аз қоидаҳо ва қонуниятҳои нонавишта, ки аз ҷониби Парлумони Вестминстери Шоҳигарии Британия Кабир муқаррар шудаанд, бармеоянд.

Мавриди тазаккур аст, ки Канада давлати парламентӣ ба ҳисоб рафта, дар он низоми бисёрҳизбӣ мавҷуд мебошад, Айни замон ҳизби либералии Канада, ки 1 июли соли 1867 таъсис ёфтааст, бо роҳбарии Ҷастин Трюдо дар сари қудрат мебошад.

Ба ҳолати имрӯза дар Канада 5 ҳизби сиёсӣ дар парлумон фаъолият менамояд, аз ҷумла:

1. Ҳизби консервативии Канада;
2. Ҳизби демократияи нави Канада;
3. Ҳизби либералии Канада;
4. Ҳизби сабзи Канада
5. Блоки Квебек.

Низоми ҳизбии Канада марҳилаи дуру дарозро сипарӣ намуда, то ин давра системаҳои гуногуни ҳизби дар Канада барои ҷоннок гардидани фаъолияти парламентарӣ амал намудааст.

Бояд зикр намуд, ки аз нимаи дуюми асри XIX нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар низоми сиёсии Канада беандоза афзуд, ки ин ҳолат хусусиятҳои таърихии ташкили худи федератсия буд. Ҳизбҳои сиёсии Канада қисми таркибии низоми сиёсии мамлакат буда, дар мубориза барои ҳокимияти давлатӣ бо ҳамдигар рақобат карда, аз воситаю усулхои гуногуни осоишта истифода мебаранд.

Яке аз ҳизбҳои сиёсии Канада, ки дар низоми сиёсӣ нақши бориз дошт, ин ҳизби консервативии Канада ба ҳисоб мерафт, ки он аз соли 1867 то соли 1942 бо номҳои гуногун арзи ҳастӣ кардааст.

Соли 1867 хамчун ҳизби сиёсии либералӣ-консервативӣ ташкил карда шуда, дар соли 1873 он ҳамчун ҳизби консервативӣ номида шуд. Дар давраи бӯҳрони Ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ соли 1917 он ба Ҳизби Юнионистӣ табдил дода шуд, ки ба ҷуз аз консерваторҳо, инчунин баъзе либералҳо низ ба он аъзо шуданд, ки дар шароити Ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ ҷорӣ кардани даъватро барои иштироки шаҳрвандони Канада дар Ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ дастгирӣ мекарданд. Соли 1920 ҳизби миллии либералӣ ва консервативӣ номида шуд; Дар он вакт коалитсияи консерваторон ва либералҳо аслан аз ҳам ҷудо шуд ва дар ҳизб асосан одамоне монданд, ки то соли 1917 консерватор буданд. Дар соли 1922 он боз ба Ҳизби либералӣ-консервативӣ ва соли 1938 Ҳизби миллии консервативӣ номида шуд. Дар интихоботи соли 1940 вай бо номи Ҳукумати миллӣ иштирок дошт — дар чунин ҳукумате, ки барои муттаҳид намудани миллат дар шароити ҷанги дуюми ҷаҳон пешбинӣ шуда буд, консерваторон мехостанд, ки намояндагони ҳамаи қувваҳои асосии сиёсии мамлакатро дарбар гиранд, аммо дар ин интихобот шикаст хӯрданд ва дар ин интихобот лоиҳаи онҳо амалӣ нашуд.

Дар соли 1942 ҳизб ба буҳрони доманадор дохил шуд, ки дар натиҷаи он ба ҳизби консервативӣ - прогрессивии Канада ивази ном карда то соли 2003 таҳти ҳамин ном фаъолияти сиёсӣ намудааст.

Консерваторҳо то ибтидои асри бистум дар кишвар мавқеъи афзалиятнокро ишғол мекарданд. Сиёсати онҳо ба ворид шудани капитали Британияи Кабир ва сохтмони босуръати роҳҳои оҳан, ки ба манфиатҳои Канада, ки дар нимаи дуюми асри XIX мувофиқ буд, рост меояд.

Аммо аз солҳои 20-ум ҳизби аксарияти мандатҳо дар парламент ба дасти либералҳо гузашт, зеро либералҳо ба таҳаввулоти иҷтимоӣ ва ҳодисаҳои дар ҷаҳон, ки дар ибтидои асри XX ба вуқуъ пайваст, ҳамаҷониба омода буданд. Бинобар ин либералҳо ин вазъиятро дуруст баҳо дода, интихобкунандагонро ба мадори нуфузи худ ҷалб намуданд [5, 37].

Баръакс, консерваторон ба ҳизби мухолифи доимӣ табдил ёфта, дар давраҳои ноустувории иҷтимоӣ-иқтисодӣ, бинобар беҳтар шудани вазъи мавҷуда аз роҳбарии кишвар дур шуданд [5, с.38]. Дар баробари ин, рақибони асосии либералҳо дар нақшҳои дуюмдараҷа буда, роҳҳои навсозии симои сиёсии худро бошиддат ҷустуҷӯ мекарданд. Таҷрибаи ҳизбҳои сиёсии Аврупои Ғарбиро ба истифода гирифта, онҳо дар солхои 1960—1970 низоми ташкилии худро нав карда, аъзогии доимӣ ҷорӣ карда, барои васеъ намудани базаи мавчудаи иҷтимоии чораҳои таъсирбахш андешиданд. Консерваторҳо кушиш мекарданд, ки интихобкунандагонро ба эътимоднокӣ, саводнокии сиёсӣ ва риояи дақиқи барномаҳои пеш аз интихоботии худ бовар кунонанд.

Ҳануз соли 1983 барномаи муфассали намояндаи ҳизби консервативӣ-прогресивии Канада Брайн Малрунӣ «Ман ба он чӣ асос дорам» нашр шуда буд, ки дар он нуқтаи назари консептуалии сохти давлатию ҳуқуқии федератсияи Канада, тайёр кардани стратегияҳои ҳизби консервативӣ- прогресивии Канада барои интихоботи умумии дар пешистода нашр гардид. Дар ин ҳуҷҷат дар бахши «Мулоқот дар бораи Конститутсия» ӯ мавқеи худро оид ба ҷанбаҳои конститутсионӣ, инчунин оид ба масъалаҳои марбут ба ислоҳоти Сенат ва Суди Олӣ шарҳ дод. Аз ҷумла, Б.Мулрони кайд кард, ки камбудии асосии сиёсати пештараи кабинети либералии П.Трюдо ҳамроҳ нашудани Квебек ба Акти Конститутсияи соли 1982 мебошад. Роҳбари ояндаи Ҳизби консервативӣ- прогресивии Канада Брайн Малрунӣ ба таври возеҳ ишора кард, ки агар консерваторҳо дар интихоботи умумии соли 1984 пирӯз шаванд, ин мушкилот дар оянда вуҷуд нахоҳад дошт [6,26].

Роҳбари ояндаи ҳизби консервативӣ- прогресивии Канада дар баробари тарафдории субот ва ягонагии Канада майл дошт, ки ба Квебек гузашти ҷиддӣ кунад. Ӯ инкишофи минбаъдаи музофотро ба вай додани мақоми "Ҷамъияти худмухтор" - ро дар дохили Канада медид. Ин мавқеъ франсавиҳои Канада истиқбол намуданд, ки дар натиҷа онҳо дар нитихоботи дарпешистода ба Ҳизби консервативӣ- прогресивии Канада овоз доданд [7].

Ҳамаи ин ба Ҳизби консервативӣ- прогресивии Канада имкон дод, ки соли 1984 дар интихоботи парлумонӣ аксарияти овозҳоро ба даст оварда, бо сардории Брайн Малрунӣ ҳукумати навро таъсис диҳанд. Дар натиҷаи интихоботи мазкур Брайн Малрунӣ аз соли 1984 то соли 1993 сарвазири 18 – уми Канада интихоб гардид.

Дар як катор тадқиқотҳои илмӣ нуқтаи назар дар бораи низоми сеҳизбӣ дар сатҳи федералӣ, ки зиёда аз 30 сол (1961—1993) вуҷуд дошт ва нақши фаъолонаи Ҳизби нави демократии Канадаро дар ташаккули сиёсати миллӣ мавҷуд мебошад.

Барбод рафтани ташаббусҳои конститутсионии кабинети консервативии Б.Малрунӣ (созишномаҳои Миклейк ва Шарлоттаун), таназзули тӯлонии иқтисодӣ дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX ба ҷустуҷӯи ногузир ҷиҳати маҳфуз доштнаи Канадаи

ягона мусоидат кард. Вазъияти бавуҷудомадаи мамлакат боиси афзоиши бемисли ташкили ҳизбҳои нави сиёсӣ гардид. Аз ҷумла, Ҳизбиислоҳоти Канада ва блоки Квебек.

Ҳизби ислоҳот дар тирамоҳи соли 1987 дар музофоти Манитобаи Канада таъсис ёфт. Консепсияи идеявию фалсафии ислоҳотчиён, ҷаҳонбинии онҳо дар бораи ояндаи мамлакат ҳам дар нутқҳои пешвои онҳо П.Мэннинг ва ҳам дар маҷмуаи «Канадаи нав» инъикос ёфта буд.

Марҳилаи аввали фаъолияти ҳизби ислоҳот аз интиқоди шадиди созишномаи Миклейк иборат буд, ки он албатта, боиси афзоиши ҷонибдорони ин ҳизб дар байни аҳолии англисзабон гардид. Муносибати манфии сокинони як қатор минтақаҳо ба ташаббуси конститутсионии Б.Мулруниро моҳирона истифода бурда, дар навбати худ бо истифода аз усулҳои популизм ислоҳотчиён тавонистанд ба мақсади худ – ҷалб намудани электорат ба ҳизби ислоҳотчиён бирасанд.

Нуфузи Ҳизби либералии Канада бошад дар байни интихобкунандагон, ки дар интихоботи умумии солҳои 1997 ва 2000 ба даст овардани 41,916 овоз ва 177 курсӣ дар палатаи ҷамоатҳо ба даст овард, инчунин қудрати ҳизби либералиро нишон дод, ки дар даври дуюм аксарияти овозҳоро ба даст оварда, намояндагии худро дар палатаи обшинаҳо аз 155 ба 177 ҷой аз 301 ҷой зиёд кард.

Воқеаҳои муҳим дар ҳаёти дохилии сиёсии Канада дар охири моҳи декабри соли 2003 рух дод,ин муттаҳидшавии Ҳизби Консервативии Прогрессивии Канада ва Эътилофи ислоҳоти консервативии Канада буд. Ҳизби нав Консервативӣ номида шуд. С.Харпер дар моҳи марти соли 2004 роҳбари он интихоб шуд, ки барои таъсиси ҳизби нави миллӣ ва ба воқеияти тағйирёфтаи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ мутобиқ намудани он кори зиёди идеявию ташкилотчигиро анҷом дод.

Дар натиҷа, ҳизби консервативӣ дар интихоботи парлумонии 23 январи соли 2006 пирӯз шуда, 36,3% интихобкунандагон ба тарафдории он овоз доданд, ки ин ба онҳо аз 308 ҷой дар парлумон 124 курсиро дар палатаи ҷамоатҳо фароҳам овард ва инчунин ба онҳо имкон дод, ки ҳукумати ақаллиятро ташкил кунанд. Ҷои оппозитсияи расмиро ҳизби либералӣ ишғол кард, ки вай 30,2 фоизи овозҳо ва 103 ҷойро дар палатаи обшинахо гирифт. Блоки Квебек бо 51 курсии парламент дар ҷои сеюмро касб намуданд.

Дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ки барои пурзур намудани нуфузи худ дар мамлакат мубориза мебаранд, масъалаҳои сиёсати дохилӣ ҷои махсусро ишғол кардааст. Ҳизбҳои сиёсӣ ба ташаккули сиёсати хориҷии Канада дар баробари сёсати дохилӣ аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд.

Дар сиёсати хориҷии Канада якчанд самтхои асосӣ мавҷуданд. Соли 1988 бо Штатҳои Муттаҳидаи Америко созишномаи тиҷорати озод (FTA) баста шуд. Соли 1993 ҳукумати консервативии Б.Малрунӣ Созишномаи тиҷорати озоди Америкои Шимолиро (NAFTA) байни Канада Штатҳои Муттаҳидаи Америко ва Мексика ба имзо расонд.

Дар соҳаи ҳамкории ҳарбии Канада ва ШМА баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон низ як қатор созишномаҳои дутарафа баста шуданд.

Аммо, дар ҳамкории Канадаю Америка як қатор масъалаҳои проблемавӣ ҳам ҳастанд. Масалан, роҳбари консерваторон ва сарвазири собиқи Канада С.Харпер нуқтаи назареро баён кард, ки мувофики он ба Канада лозим набуд, ки ҳуҷуми ШМА ба Ироқро дар соли 2003 дастгирӣ кунад [9,76]. Соли 1976 бо Иттиҳоди иқтисодии Аврупо созишномаи генералӣ оид ба ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ баста шуд [10,164]. Соли 1990 Канада Эъломияи Трансатлантикиро дар бораи ҳамкории иқтисодӣ бо Иттиҳоди Аврупо имзо кард.

Соҳаи сеюми муҳими сиёсати хориҷии Канада муносибатҳои Канада ва Британияи Кабир мебошад. Канада дар ду ҷанги ҷаҳонӣ дар тарафи Британияи Кабир ҷангид. Дар Ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ то 600 ҳазор нафар шаҳрвандони Канада иштирок карданд, ки онҳо ҳам дар ақибгоҳ ва ҳам ҷангҳои шиддатнок иштирок доштанд[11,113].

Кумаки иҷтимоию иқтисодии Канада ба Британияи Кабир низ саривақтӣ буд, ки он дар додани қарз ба Британияи Кабир ба маблағи зиёда аз 3 миллиард доллар, инчунин дар муҳоҷиркунии кӯдакони англис, ки аз минтақаҳои ҷанубу шарқии Британияи Кабир барои пешгирӣ аз зарари ҷанг ба кудакон ба минтақаҳои амни Канада таҳвил шудаанд, ифода ёфтааст [11,138].

Қонунгузории Канада аз соли 1948 сол талаб мекунад, ки номзади интихоботӣ ҳам ҳуқуқи овоздиҳии ғайрифаъол ва ҳам фаъол дошта бошад. Мутобиқи муқаррароти Қонуни интихобот, ки охирон бор соли 2000 кабул шудааст, дар айни замон ҳар як интихобкунандаи синни аз 18-сола боло ҳуқуқ дорад дар интихобот иштирок кунанд.

Дар айни замон, санадҳои меъёрии асосии танзимкунанда раванди интихоботро дар Канада метавон Акти интихобот, ки соли 2000 қабул шудааст, номид.

Дар анҷом ҷоиз ба таъкид аст, ки нақши ҳизбҳои сиёсии Федератсияи Канада ва Штатҳои Муттаҳидаи Амрико дар ҳаётӣ сиёсӣ ва хусусан дар раванди интихобот бориз буда, ҳизбҳои сиёсӣ барои ҷалби электорат аз усулу воситаҳои гуногуни сиёсию равонӣ, маркетингию имеҷмейкерӣ исифода намуда, барои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ доимо дар таҳияи барномаву стратегияҳои таъсиррасон ба интихоботкунандагон мебошанд.

Ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ зарур аст, ки аз таҷрибаи ҳизбҳои сиёсии Канада ва ШМА истифода намуда, барои баланд бардоштани обрӯ ва нуфузи ҳизб аз тамоми роҳу воситаҳои осоишта барои ҷалби интихоботкунандагон дар вақти интихобот истифода намоянд.

**Адабиёти истифодашуда:**

1. **Основы политической науки. Учебное пособие для вузов. Часть 1. – М., Общество “Знание” России, 2009. -С. 25-33.**
2. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар 10 декабри соли 1948 // Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия».Манбаи электронӣ//http://www.adlia.tj [санаи муроҷиат: 05.01.2024]
3. Политические партии Таджикистана в современных условиях. – Худжанд. -2002. - 55 с.
4. **Расулов А. З.** Мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.-2024. --No. 6-1. -С. 298-304.
5. **Данилов С.Ю., Шило В. Е.** Политико- государственный механизм современной Канады: Сравнительно – историческое исследование. М. -1991.-270 с.
6. **Mulroney B**. Where I Stand. Toronto, 1983.
7. **Levesque R.** The memoirs. Toronto, 1986.
8. The Canadian General Election of 1993. Ottawa. -1994. -С. 79-88.
9. **Комкова Е.Г., Барановский К.Ю.** Выборы в Канаде: Правые консерваторы у власти // США-Канада. Экономика, политика, культура. 2006. № 4.
10. **Молочков С.Ф.** Основные направления и особенности внешней политики Канады: Канадо-американские отношения // Канада: взгляд из России. Экономика, политика, культура».-М.: «Анкил», 2002. -С.158-185. ( 288 с.)
11. **Шило В.Е.** Практика канадского федерализма: достижения и протививоречия // «Канада: взгляд из России. Экономика, политика, культура».-М.: «Анкил», 2002. -С.113-138 ( 288 с.)
12. **Данилов С.Ю**. История Канады. -М.: Изд-во «Весь Мир», 2006.-256 с.
13. **Хайдаров Р.Дж.** Многовекторность государств Центральной Азии в условиях трехполярного мира: состояние и перспективы//Центральная Азия как формирующаяся подсистема международных отношений: Монография./Под ред.К.П.Курылева.-М.:Изд-во «Аспект Пресс».-2024.-С.20-28(312с.)

## РОЛЬ ПОЛИТИЧЕСКИХ ПАРТИЙ В ИЗБИРАТЕЛЬНОЙ СИСТЕМЕ США И КАНАДЫ

Политические партии сегодня являются неотъемлемой частью политической системы общества, и в случае изменений в обществе их деятельность в избирательной системе также подлежит изменениям. Развитие политических партий получило импульс в период становления демократических обществ в Канаде и США, в результате чего партии стали популярными. В современных условиях политические партии в Канаде и США играют важную роль в формировании политической и гражданской культуры, а главное, в повышении политической ответственности граждан.

Роль политических партий в Канадской Федерации и США значительна в политической жизни, особенно в избирательной системе. Политические партии используют различные политические, психологические, маркетинговые и имиджевые методы и инструменты для привлечения избирателей и постоянно разрабатывают программы и стратегии для влияния на избирателей с целью получения политической власти.

***Ключивые слова:*** *США,Канада, политические партии, избирательная система, партийная система, политическая система, информационная безапасность, политическая власть*

## THE ROLE OF POLITICAL PARTIES IN THE ELECTORAL SYSTEM OF THE USA AND CANADA

Political parties today are an integral part of the political system of society, and in the event of changes in society, their activities in the electoral system are also subject to change. The development of political parties gained new momentum during the formation of democratic societies in Canada and the United States, as a result of which the parties became popular. In modern conditions, political parties in Canada and the United States play an important role in the formation of political and civic culture, and most importantly, in increasing the political responsibility of citizens.

The role of political parties in the Canadian Federation and the United States in political life, and especially in the electoral system, is obvious. Political parties use various political and psychological, marketing and image-making methods and tools to attract the electorate, and are constantly developing programs and strategies that influence voters in order to gain political power.

***Key words:*** *USA,Canada,* political parties, electoral system, party system, political system, information security, political power

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Расулзода Аслам Зафар, ходими калони илмии шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел: (+992) 918-67-66-06; E mail: Aslam_1993@mail.ru

**Сведения об авторе:** Расулзода Аслам Зафар, старший научный сотрудник отдела США и Канады Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ, Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел: (+992) 918-67-66-06; E mail: Aslam_1993@mail.ru

**Information about the author:** Rasulzoda Aslam Zafar, Senior Fellow, US and Canada Department, Institute for the Study of the promlem of Asian and European States, NAST. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 33. Tel: (+992) 918-67-66-06; E mail: Aslam_1993@mail.ru

***ШАРҚШИНОСӢ***

# СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ РУШДИ КИШВАРҲОИ ХАЛИҶИ ФОРС

**ҲАЙДАРЗОДА РУСТАМ ҶӮРА**
Сарходими илмии Шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ,
доктори илмҳои фалсафа

**МУҲАММАДӢ ФУРУҒ**
магистранти соли 2-юми Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Дар мақола дурнамо ва стратегияҳои миллии рушди давлатҳои Халиҷи Форс мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба ақидаи муаллифон,яке аз омилҳои асосии тараққиёти кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ба роҳ мондани сиёсати дуруст ва стратегияи оқилонаи миллии рушд ба шумор меравад.*

*Муаллифони мақола мутмаин ҳастанд ,ки маҳз тавассусти таҳияи стратегияи дуруст ва дурбинонаи рушд, метавон мушкилоти мавҷудаи дилхоҳ кишварро бартараф намуд ва ояндаи дурахшони онро таъмин намуд.*

*Таҳқиқоти мазкур дар асоси таҳлили муқоисавӣ собит намуд,ки имрӯз давлатҳои ҳавзаи Халиҷи Форс дар натиҷаи татбиқи стратегияи миллии рушд,ба кишварҳои таъсиргузор дар фазои геоиқтисодии ҷаҳон мубаддал гаштанд.*

***Калидвожаҳо**: Халиҷи Форс, стратегияи милли рушд,геополитика, фазои геоиқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, захираҳои нафту газ*

Қаламрави Халиҷи Форс яке аз минтақаҳои геополитикии дорои манобеи нафту газест, ки илова бар дастрасӣ ба уқёнуси Ҳинд, ҳамзамон нуқтаи пайванди чандин минтақаи муҳим, аз қабили шибҳиқораи Ҳинд, Осиёи Марказӣ, Қафқоз ва Иттиҳоди Аврупо мебошад[12]. Аз сӯи дигар, Халиҷи Форс минтақае ҳассосест, ки кӯчактарин таҳаввулот ва тағйирот дар ин минтақа метавонад ба сиёсати ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ таъсиргузор бошад.

Дар ин қарина бояд таъкид намуд, ки Осиёи Марказӣ ,аз ҷумла Тоҷикистон бо кулли кишварҳои Халиҷи Форс ҳамкориҳои мутақобилан судмандро ба роҳ мондааст.Ба ақидаи коршиноси масоили сиёсӣ Ҳайдарзода Р. Ҷ. “ нақшофарони минтақавӣ ба мисли Арабистони Саудӣ ва Эрон барои ҳузур доштан дар Осиёи Марказӣ манфиатдор ҳастанд”[21,23]

Ҳавзаи Халиҷи Форс шомили ҳашт давлати мустақил – Мамлакати Баҳрайн, Ҷумҳурии Ироқ, Ҷумҳурии исломии Эрон, Давати Қатар, Давлати Кувейт, Имороти муттаҳидаи араб, Салтанати Уммон ва Арабистони Саудӣ мебошад. Ин давлатҳоро забон, дин ва таъриху фарҳанги муштарак мепайвандад[14]. Солҳои 1973–1974 дар натиҷаи касби истиқлоли баъзе кишварҳои мазкур аҳаммияти геополитикӣ, геоиқтисодӣ ва геостратегии ин минтақа боло рафт[13]. Кишварҳои Халиҷи Форс ҷиҳати ҳифзи мавқеъ ва нуфузи хеш дар минтақа ва ҷаҳон доимо дар талош мебошанд. Барои амалӣ намудани ин ҳадаф дурнамо ва стратегияи миллии рушди ҳар кишвар нақши асосӣ дорад. Чунки маҳз тавассути стратегияи дуруст метавон сиёсати дохилию хориҷии кишварро баҳри дифои манофеи миллӣ ба роҳ монд. Дар Стратегияи миллии рушди кишварҳои арабӣ ба масоили таъмини амният ва рифоҳи аҳолӣ, пешбурди моделҳои устувори рушди истеҳсоли неъматҳои модӣ, ҳифз ва истифодаи оқилонаи

захираҳои табиӣ баҳри таъмини рушди минбаъдаи иқтисодию иҷтимоӣ, коҳиши сатҳи коррупсия, пешрафти соҳаи маориф, тандурустӣ, сайёҳӣ ва ҳифзи экология диққати ҷиддӣ дода мешавад.

Яке аз кишварҳои пешрафтаи иқтисодии Халиҷи Форс давлати Қатар ба шумор меравад. Қатар аз лиҳози захираи «гази табиӣ» дар ҷаҳон дар ҷойи сеюм ва аз ҳайси рифоҳи аҳолӣ дар ҷойи якум қарор дорад. Даромад аз истихроҷи нафту газ ба 50%-и маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, 85%-и содирот ва 70%-и буҷҷаи давлат баробар аст. Мувофиқи маълумоти ширкати британии «Ernst & Young»-и Институти иқтисоди Оксфорд, Қатар дар шумули давлатҳои босуръат рушдёбанда қарор дорад[15]. Солҳои 2012–2013 Қатар аз ҷиҳати рақобатпазирӣ миёни 144 давлат ҷойи 11-умро касб намуд[15]. «Стратегияи миллии рушди Қатар то соли 2030» дар чор бахш – рушди гуманитарӣ, иҷтимоӣ, иқтисод ва муҳити зист ба ҳалли масоили зерин афзалият медиҳад:

- тақвияти мақому нуфуз дар Шарқи Наздик
- боло бурдани сатҳи иқтисодиёт
- ҷалби сармоягузории хориҷӣ
- модернизатсияи тамоми паҳлӯҳои ҷомеа дар заминаи ҳифзи фарҳанг ва расму оини аҷдодӣ
- тарвиҷи сайёҳӣ
- пешбурди соҳаи маориф ва тандурустӣ
- инкишофи саноати алюмин ва пӯлод
- ҳифзи муҳити зист
- истифодаи неруи сабз

Давлати мутараққии дигари ҳавзаи Халиҷи Форс Арабистони Саудӣ мебошад. Арабистони Саудӣ яке аз кишварҳои муҳим дар минтақа ва ҷомеаи исломӣ ба шумор меравад. Ин кишвар дар ташкилоти OPEC (*Ташкилоти мамлакатҳои содироткунандаи нафт*) ва Лигаи давлатҳои араб мавқеи калидӣ дорад. Ба монанди дигар кишварҳои Халиҷ асоси иқтисоди Арабистони Саудиро нафту газ ташкил медиҳад, вале қисми зиёди даромади буҷҷаи ин кишвар аз ҳисоби хароҷоти зоирони Маккаву Мадина таъмин мешавад (зиёда аз 30 млрд доллари ШМА). Арабистони Саудӣ аз ҳисоби захираи нафт дар ҷаҳон дар ҷойи дуюм ва аз нигоҳи пешрафти иқтисодӣ ба давлатҳои бистгонаи муттароқӣ дохил мешавад. Истихроҷи нафту газ 95%-и маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва 70%-и даромади буҷҷаи давлатро ташкил медиҳад. Новобаста аз он, ки ин ду бахш метавонад муддати тӯлони мувозинати иқтисодии Арабистони Саудиро нигаҳ дорад, вале дар барномаи «Рушди стратегияи миллии рушд то соли 2030» тарвиҷи дигар бахшҳои иқтисодӣ низ дарҷ шудааст. Стратегияи миллии рушди Арабистони Саудӣ ба 3 барномаи асосӣ – «Хазинаи рушди давлатӣ» (Сандуқ ат-танмия ал-ватанӣ), «Дидгоҳи Саудӣ – 2030» (Ар-руъяту-с-саудия – 2030), «Нақшаи омори миллӣ» (Ал-хутта ал-иҳсоия ал-ватания) такя мекунад.

Барномаи «Хазинаи рушди давлатӣ» ҷиҳати ҳалли масоили тақвияти иқтисоди Арабистони Саудӣ (дар заминаи бахши хусусӣ), сармоягузорӣ, таҳким ва дастгирии барномаҳои рушди давлатӣ, аз қабили «Хазинаи Саудӣ барои рушд» (Ас-сандуқ ас-Саудӣ ли-т-танмия), «Хазинаи Саудӣ барои рушди саноат» (Сандуқу-т-танмия ас-синоъия ас-Саудия), «Хазинаи рушди кишоварзӣ» (Сандуқу-т-танмия аз-зироъия), «Хазинаи рушди манобеи инсонӣ» (Сандуқу-т-танмия ал-маворид ал-башария), таъсиси ҷойҳои корӣ ва ғайра таҳия шудааст[16].

Ҳадафҳои асосии барномаи «Дидгоҳи Саудӣ – 2030» ҳифзи тавозуни иқтисод, коҳиши истифодаи газ, ҳифзи экология, афзоиши нерӯи сабз ва беҳдошти саломатии аҳолӣ ба ҳисоб меравад.

Барномаи «Нақшаи омори миллӣ» барои татбиқ намудани ҳадафҳои дарозмуддати Арабистони Саудӣ то соли 2030 равона шудааст. Дар доираи ин барнома бояд якчанд шаҳри калон («Неом»), майдони варзишии сатҳи байналмилалӣ, иншооти бузурги тандурустӣ, маориф, хидматрасонӣ ва ғайра таъсис дода шавад, ки ин амр метавонад барои пешрафти иқтисод, беҳбудии вазъи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ кишвар таъсири муассир гузорад.

Салтанати Уммон низ аз кишварҳои мутараққии Халиҷи Форс аст, ки таҷрибаи рушди босуръати иқтисодию иҷтимоии он мавриди таваҷҷуҳ ва пайравии кишварҳои пешрафта ва дар ҳоли рушд қарор дорад[17]. Дар баробари истихроҷу содироти нафту газ, дигар бахшҳои иқтисод, бахусус сайёҳӣ, моҳидорӣ, истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва ғайра дар ин кишвар хуб инкишоф ёфтааст. Мавриди зикр аст, ки мувофиқи нишондоди «Намои омории неруи ҷаҳонӣ» (Statistical Review of World Energy) захираи нафти Уммон ба 5,4 миллиард барелл мерасад, ки тақрибан то 20–25 соли оянда басанда аст[18]. Азбаски ин нишондод нисбат ба кишварҳои ҳамҷавор ночиз мебошад, дар стратегияи миллии рушди Уммон – «Дидгоҳи Уммон – 2040» ба масъалаи тарвиҷ ва танаввуи иқтисоди миллӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир мешавад. Дар баробари истифодаи самараноку оқилонаи сармояи хориҷӣ, ҳукумати Уммон асосан ба захираҳои табиӣ ва манобеи инсонии худ такя мекунад. Дар ин стратегияи миллӣ ба ҳалли ин масоил таваҷҷуҳ зоҳир мешавад:

- тарвиҷи илму маориф ва технологияи иттилоотӣ
- ҳифзи тандурустӣ
- ҳифзу интишори фарҳанг ва осори бостонӣ
- таннавуи иқтисодӣ
- дастгирии бахши хусусӣ
- таъмини рифоҳ ва беҳдошти ҷомеа
- ҳифзи муҳити зист
- рушди сайёҳӣ
- ҷалби сармоягузорӣ ва ҳамкорӣ бо кишварҳои ҷаҳон

Дар доираи стратегии дарозмуддати Салтанати Уммон то соли 2040 бояд сатҳи рақобатпазирии кишвар (то 76%), омодасозии кадрҳои варзидаи сатҳи байналмилаллӣ (то 83%), рушди бахши хусусӣ (то 40%) ва беҳдошти муҳити зист (то 74) тақвият дода шавад.

Мамлакати Кувайт яке аз кишварҳои тараққикардаи Халиҷи Форс аст, ки аз ҷиҳати захираи нефт (2,7 миллиард баррел) дар созмони OPEC ҷойи 5-умро ишғол мекунад. Як ҳадафи Стратегияи миллии рушди Кувайт – «Нақшаи давлатии рушд» ва барномаи «Дидгоҳи Кувайт – 2040» (Ар-руъя ал-Кувайт – 2040) ё «Кувайти нав» (Кувайти ҷадид) аз он иборат аст, ки бояд Кувайт ба кишвари рақобатпазир дар минтақа ва ҷаҳон табдил ёбад. Барои амалӣ кардани ин ҳадаф ба ҳалли масоили зерин афзалият дода мешавад:

- ҷалби сармояи хориҷӣ
- рушди иқтисод
- баланд бардоштани сифати маҳсулот
- тарвиҷи бахши хусусӣ
- рушди маориф ва тандурустӣ
- инкишофи технология

Кишвари арабии дигар дар Халиҷи Форс, ки авиатсияи қудратманд дорад, мамлакати Баҳрайн ба ҳисоб меравад. Дар барномаи стратегияи миллии рушди Баҳрайн то соли 2030, ба ҳалли фаврии масоили ҳифзу истифодаи дурусти захираҳои табиии кишвар, бунёди иншооти нав, таҷдиди инфрасохтори роҳҳои нақлиёт, таъмини осудаҳолии мардум, омодасозии кадрҳои варзида, тарвиҷи сайёҳӣ, ҳифзи ёдгориҳову

мавзеъҳои бостонӣ, беҳдошти саломатӣ ва ғайра таваҷҷуҳ зоҳир мешавад. Дар баробари барномаи стратегияи миллии рушд чандин лоиҳаву барномаи рушд амал мекунанд, ки тавассути татбиқи муассири онҳо Баҳрайн метавонад ба унвони як кишвари рақобатпазир дар бозори ҷаҳонӣ ва доду ситади минтақа ҷойгоҳи муносиб пайдо намояд.

Имороти муттаҳидаи араб (шомили 7 давлати салтанати муттаҳид – Абузабӣ, Аҷмон, Дубай, Раъсалхайма, Уммулқайвайн, Фуҷайра ва Шориқа) низ аз кишварҳои бонуфузи қаламрави Халиҷи Форс ва ҷаҳон аст[20], бештар чун маркази ташкил ва рушди тиҷорат шуҳрат дорад. Асоси иқтисоди Иморотро истихроҷи нафту газ, савдои беруна ва сайёҳӣ ташкил медиҳад. Барномаи миллии рушди Иморот барои солҳои 2025 – 2030 ҷиҳати таҳкиму тарвиҷи тамоми соҳаҳо, бахусус тандурустӣ, маориф, инфрастохтор, сайёҳӣ, илм, бунёди иншооти ҷадид, муҳити зист ва татбиқи барномаҳои «Дидгоҳи иқтисодии Абузабӣ – 2030-2040», «Дидгоҳи экологии Абузабӣ – 2030», «Стратегияи саноатии Дубай – 2030», «Стратегияи Имороти муттаҳидаи араб барои тарвиҷи зеҳни сунъӣ – 2030», «Ҳадафҳои ҷаҳонӣ» ва ғайра таҳия шудааст.

Ягона кишвари ғайриарабии Халиҷи Форс Ҷумҳурии исломии Эрон ба шумор меравад. Эрон ба унвони як кишвари қудратманду мутараққии минтақа ва ҷаҳон аз нигоҳи захираҳои нафту газ баъд аз Арабистони Саудӣ ва Канада дар ҷойи сеюм қарор дорад. Асоси иқтисоди Эронро истихроҷ ва содироти гази табиӣ ташкил медиҳад. 17,2%-и захираи гази ҷаҳонӣ ба Эрон тааллуқ дорад. Дар барномаи стратегияи миллии рушди Эрон ба масоили амнияти озуқаворӣ, коҳиши таваррум, беҳдошти саломатӣ, рушди иқтисод ва дигар бахшҳо аҳаммияти ҷиддӣ дода мешавад, вале ҳадафи стратегии асосӣ то соли 2028 тасвияи қарзҳои давлатӣ мебошад[19].

Дар заминаи омӯзиш ва шиносоӣ бо стратегияи миллии рушди кишварҳои ҳавзаи Халиҷи Форс, метавон чунин хулоса намуд, ки дар ҳақиқат ин кишварҳо тавонистаанд, ҷиҳати ҳифзи нуфуз ва таҳкими мақоми худ дар минтақа ва ҷаҳон, стратегия ва дурнамои дурустро таҳия намоянд. Чуноне, ки дар раванди бозтоби стратегияи ин кишварҳо мушоҳида намудем, онҳо доимо дар талошанд то ҳамқадами замон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ бошанд. Огоҳӣ аз техникаву технологияи муосир, густариши зеҳни сунъӣ, бунёди иншооти замонавӣ, истифодаи неруи сабз, модернизатсияи ҷомеа ва пешрафт дар дигар бахшҳо натиҷаи стратегия ва сиёсати оқилонаи ин кишварҳо ба ҳисоб меравад.

Инчунин, дар заминаи қиёс ва таҳлили стратегияи миллии рушди кишварҳои ҳавзаи Халиҷи Форс ба чунин натиҷа мерасем, ки стратегияи миллии рушди Салтанати Уммон нисбат ба дигар кишварҳо бартарӣ дорад. Чунки дар нақшаи миллии рушди ин мамлакат ба ташаккул ва рушди яксони тамоми бахшҳо, ба вижа манобеи инсонӣ ва омодасозии кадрҳои варзида таваҷҷуҳи асосӣ равона карда мешавад.

## НАЦИОНАЛЬНАЯ СТРАТЕГИЯ РАЗВИТИЯ СТРАН ПЕРСИДСКОГО ЗАЛИВА

В статье рассматриваются перспективы и стратегии национального развития государств Персидского залива. По мнению авторов, одним из главных факторов развития развитых стран мира является реализация обоснованной политики и рациональной стратегии национального развития.

Авторы статьи убеждены, что именно путем разработки правильной и дальновидной стратегии развития можно преодолеть существующие проблемы любой страны и обеспечить ей светлое будущее.

Данное исследование на основе проведенного сравнительного анализа доказало, что государства Персидского залива в результате реализации национальных стратегий развития сегодня стали влиятельными странами в мировом геоэкономическом пространстве.

***Ключевые слова:*** *Персидский залив, национальная стратегия развития, геополитика, геоэкономическое пространство, международные отношения, нефтегазовые ресурсы.*

**NATIONAL DEVELOPMENT STRATEGY OF THE GULF COUNTRIES**

The article discusses the prospects and national development strategies of the Persian Gulf states. According to the authors, one of the main factors in the development of the developed countries of the world is the implementation of the right policy and a rational national development strategy.

The authors of the article are convinced that it is through the development of a right and far-sighted development strategy that the existing problems of any country can be overcome and its bright future ensured.

This study, based on a comparative analysis, has proven that today the Persian Gulf states, as a result of the implementation of the national development strategy, have become influential countries in the world's geoeconomic space

***Keywords:*** Persian Gulf, national development strategy, geopolitics, geoeconomic space, international relations, oil and gas resources

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда:**

1) Айдрус И. А. Асмятуллин Р. Р. Особенности развития системы высшего образования Королевство Бахрейн // Вестник РУДН. 2016. №3. -С. 5-8.
2) Айдрус И. А., Кокуйцева Т. В. Королевство Бахрейн: большие возможности маленькой страны / под. ред. И. А. Айдрус. Манама: Международная пресса, 2012. -С. 7-9.
3) Александров И. А. Монархии Персидского залива. Этап модернизации. М.: Дело и Сервис, 2000. -С. 542.
4) Арабские страны в мировой экономике: учеб. Пособоие/С.В. Жданов. Моск. Гос. ин-т междунар. Отношений (ун-т) МИД России, каф. Мировой экономики. – М.: МГИМО Университет, 2015. -С. 7-25.
5) Бирюков Е. С. Банковский и финансовый потенциал экономики аравийских монархий Персидского залива: монография. М.: Экономика, 2007. -С. 153.
6) Бирюков Е. С. Роль финансов стран-членов ССАГПЗ в мировой экономике// Вестник университета (Государственный университет управления). 2013. №2. -С. 189–195.
7) Исаев В. А. Нефтяный комплекс арабских стран: сравнительный анализ // Вестник МГИМО Университета. 2010. №5. -С. 281–289.
8) Исаев В. А. Филоник А. О., Сейранян Б. Г. Становление государственности аравийских монархий. М.: Институт востоковедения РАН. -С. 180.
9) Руденько Л.Н. Оман: состояние и перспективы экономики и внешнеэкономических связей//Российский внешнеэкономический вестник 5 – 2021, -С. 36-49.
10) Русакович В. И. Инновационное развитие стран Персидского залива: современное положение / Россия и развивающиеся страны: современные тенденции развития. М.: Экон-Информ, 2013. -С. 3-10.
11) Arab National Development Planning Portal. Манбаи электронӣ // https:andp.unescwa.org/node/2020. [Санаи дархост: 5-12-2024]
12) تاریخ خلیج فارس و کشورهای همجوار. تهران ۱۳۸۴. ص ۶۰۷ (Торихи Халиҷи Форс ва кишварҳои ҳамҷавор. Теҳрон 1384). -С. 607.
13) Е. С. Мелкумян. Регион Персидского залива в мировой политике: история и современность // Вестник Нижегородского университета им. Н. И. Лобачевского, 2015, № 3. -С. 3-9.
14) Ниёзӣ Ё. Б. Арабистони Саудӣ – шарики муҳим дар раванди ҳамкориҳо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон // Садои Мардум. № 16 (3810).

15) Qatar National Vision 2030. Манбаи электронӣ // https://www.gco.gov.qa/en/about-qatar/national-vision2030/ [Санаи дархост: 8-11-2024]
16) Saudi Vision 2030. Манбаи электронӣ // https://www.vision2030.gov.sa/en/ [Санаи дархост: 22-11-2024]
17) Салихова А. М. Особенности стратегия развития Султаната Омана// «XXI аср: фан ва таълим масалалари» илмий электрон журнали. №1, 2022 йил. -С. 5-10.
18) Statistical Review of World Energy. Манбаи электронӣ // https://www.energyinst.org/data/assets/pdffile/0006/1542714/684EIStatReviewV16DIGITAL.pdf [Санаи дархост: 15-11-2024]
19) Introduction to Programme and Policy. Манбаи электронӣ // https://executiveboard.wfp.org/document_download/WFP-0000132607 [Санаи дархост: 30-11-2024]
20) Объединённые Арабские Эмират. Манбаи электронӣ // https://ru.wikipedia.org/wiki/Объединённые_Арабские_Эмираты [Санаи дархост: 10-12-2024]
21) Хайдаров Р. Дж. Многовекторность государств Центральной Азии в условиях трехполярного мира: состояние и перспективы//Центральная Азия как формирующаяся подсистема международных отношений: Монография./Под. Ред. К.П. Курылева. – М.: Изд-во «Аспект Пресс». -2024.-С.20-28 (312с.)

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Ҳайдарзода Рустам Ҷӯра,** доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии Шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омузиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: 937308787. Почтаи электронӣ: rustamhaydarov.tjk@gmail.com

**Муҳаммадӣ Фуруғ** – магистранти соли 2-юми Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, Телефон: 009554327

**Сведения об авторах:**

**Хайдарзода Рустам Джура,** доктор философских наук, главный научный сотрудник Отдела Ближнего и Среднего Востока Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: +992 937308787. Э-почта:: rustamhaydarov.tjk@gmail.com

**Мухаммади Фуруг** – магистрант 2-го года Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистан, адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, р. Шохмансур, Телефон: 009554327

**About the authors:**

**Haidarzoda Rustam Jura**, Doctor of Philosophy, Chief Researcher, Department of Near and Middle East, Institute of the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: +992 93 730 87 87. E-mail: rustamhaydarov.tjk@gmail.com

**Muhammadi Furugh** – Masters student of the 2nd year of the Institute for the Study of Problems of Asian and Europian Countries of the National Academy of Science of Tajikistan. Adress: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Shohmansur distric, Phone: 00 955 43 27.

# ДУРНАМОИ ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО МАМОЛИКИ АРАБ ДАР ҶОДАИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ

**МАҲМАДБЕКЗОДА МОЁНШО ШОДМОН-**
сарходими калони илмии Шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ,
**МАҲМАДУЛЛОЗОДА НУРУЛЛО РАҲМАТУЛЛО-**
номзади илмҳои ҳуқуқ, ходими калони илмии
Институти фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносии АМИТ,

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои вобаста ба дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистон бо мамлакатҳои араб, аз ҷумла Аморати муттаҳидаи араб ва Давлати Қатар дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ баррасӣ шудаанд. Дар мақола муаллифон аҳамити ин ҳамкориҳо, зарурат ва дурнамои онро таҳлил намудаанд. Дар хатми мақола доир ба тақвияти ин ҳамкориҳо хулосаву пешниҳодҳои муфид манзур шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *муҳоҷират, муҳоҷирати меҳнатӣ, бозори меҳнат, шугл, диверсификатсия, қувваҳои корӣ, сиёсат, иқтисод*

**Тавре ки маълум, аст дар ҷаҳони муосир муҳоҷирати меҳнатӣ ба яке аз масъалаҳои глобалӣ табдил ёфтааст. Тибқи маълумот ва пешгӯйи Созмони байналмилалии муҳоҷират теъдоди муҳоҷирон, ки то соли 2010 ҳамагӣ 214 миллион нафарро ташкил медод, дар соли 2050 ба 405 миллион нафар мерасад.[1]**

Дар ибтидои асри XX1 кишварҳои ҷаҳон ба ҷараёни афзоишёбии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони бисёре аз мамлакатҳо дучор гардидаанд ва бо мақсади ба танзим даровардани раванди муҳоҷирати аҳолӣ ва ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии муҳоҷирон, аз ҷониби давлатҳои интиқолдиҳанда ва қабулкунандаи муҳоҷирон, созмонҳо ва ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ, ҷамъиятӣ ва ғайридавлатӣ тадбирҳои амалӣ андешида шуда истодаанд. Новобаста аз ин кушишҳо муҳоҷирати меҳнатӣ ҷанбаҳои зиёде дорад ва ҳалли пурраи масъалаҳои вобаста ба он ҳануз ба даст наомадааст.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии муҳоҷирати меҳнати аҳамияти бештарро касб намуда истодаанд ва ҳангоми таҳияи сиёсати муҳоҷират давлатҳо, созмонҳои байналмилалӣ ба ин омилҳои муҳоҷират таваҷҷуҳи бештар доранд.

Зеро, муҳоҷирати кувваҳои корӣ метавонад воситаи умумии инкишофи маънавии намояндагони умумиятҳои мухталифи миллию этникӣ гардад, ҳар як муҳоҷир намояндаи ин ё он миллат, халқият ва ё гуруҳи этникӣ мебошад. Аз ин хотир, муҳоҷир ифодакунандаи забони як миллати хос, хусусият, худшиносӣ ва маданияту анъанаҳои миллӣ аст ва дар ташаккули маданияти сиёсӣ низ таъсирашро мерасонад.

Аз лиҳози иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бошад муҳоҷирати меҳнатӣ бешак дар рушди иқтисодии давлатҳо саҳми назаррас дорад, аз ин лиҳоз, натиҷаҳои сиёсати давлатии муҳоҷират бе тавсифи амиқи раванди худи муҳоҷирати меҳнатӣ ғайримкон ҳаст.

Бинобар ин, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити афзоиши бемайлони қувваҳои корӣ, ки ҳамасола беш аз 2 фоизро ташкил медиҳад [3], тақвияти танзими давлатии муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани тарзу усулҳои муосири муташаккилона сафарбарнамоии қувваҳои кории барзиёд ба шуғли муваққатӣ ба хориҷа, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо, бардошти манфиатҳои бештари иқтисодӣ аз ин раванд, ва дар баробари ин нигоҳ доштани ҷараёни кунунии бозгашти он, масъалаҳои муҳими ин самт маҳсуб мешаванд.

Зарур аст, ки қувваҳои корӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозори меҳнати байналмиллалӣ мавқеи худро дар байни намояндагони дигар кишварҳо пайдо намояд, рақобатпазирии касбии онҳо баланд бардошта шавад. Дар ин росто, яке аз чораҳои таъхирнопазир раҳой аз бунбасти муҳоҷират ва вобастагии ин раванд ба як ё ду давлати анъанавии қабулкунандаи муҳоҷирон аз Тоҷикистон (Федератсияи Россия) мебошад.

Вобаста ба ин, масъалаи диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа ҳанӯз аз соли 2016 дар Страгияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030[2] (афзалияти 5.5 шуғли пурмаҳсул) пешбинӣ шудааст.

Азбаски аксари давлатҳои мамолики арабӣ низ солҳои охир ба кишварҳои муҳоҷирпазир табдил шуда истодаанд, масъалаи сафарбарсозии қувваҳои корӣ ба ин кишварҳо метавонад яке аз мавзуъҳои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин давлатҳо - ҳамчун кишварҳои эҳтимолии қабули муҳоҷирони меҳнатӣ баррасӣ шаванд.

Бо ин мақсад тайи солҳои охир Ҷумҳурии Тоҷикистон саъю кӯшиш менамояд, ки равобити худро дар самти мазкур бо давлатҳои Амороти Муттаҳидаи Араб ва Қатар тақвияти бештар бахшад. Аз ҷумла, соли 2018 Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Амороти Муттаҳидаи Араб ва соли 2019 Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Қатар дар бораи ҷалби қувваи корӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин кишварҳо ба имзо расонида шуд[4].

Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Амороти Муттаҳидаи Араб дар самти қувваи корӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Араб таҳия гардида, ба рушди робитаҳои тарафайн дар самти қувваи корӣ, мустаҳкам намудани ҳамкорӣ дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ, рушди шарикии идоравӣ, табодули таҷриба дар соҳаи меҳнат ва муҳоҷират мусоидат менамояд.

Дар доираи Ёддошти тафоҳум масъалаҳои ҷалби қувваи корӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Амороти Муттаҳидаи Араб танзим гардида, шарту шароити меҳнатии муҳоҷирони меҳнатӣ дар Амороти Муттаҳидаи Араб тавассути шартномаи меҳнатии инфиродӣ байни коргар ва корфармо муайян карда мешавад. Шартномаи меҳнатӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳар ду Тарафро тибқи Қонуни Амороти Муттаҳидаи Араб оид ба меҳнат, ки аз ҷониби Вазорати захираҳои инсонӣ ва амиротикунонии Амороти Муттаҳидаи Араб тасдиқ гардидааст, бояд ба таври возеҳ нишон диҳад. Инчунин, шарту шароити меҳнат аз он меъёрҳое, ки дар дархости аслӣ дарҷ гардидаанд, набояд фарқ кунанд, ба истиснои он ҳолатҳое, ки ба манфиати коргар астанд.

Тарафҳо ҷиҳати дар амал татбиқ намудани муқаррароти Ёддошти тафоҳум комиссия муштарак таъсис дода, барои ҳалли масъалаҳо дар вақти зарурӣ вохӯриҳоро бо навбат дар ҳудуди давлатҳои якдигар доир менамоянд.

Бояд қайд кард, ки тасдиқи Ёддошти тафоҳуми мазкур дар таҳкими равобити дӯстонаи ҳамкории ҳар ду кишвар ва ба даст овардани манфиатҳои муштарак дар самти истифодаи қувваи корӣ мусоидат менамояд.

Ҷоизи зикр аст, ки тибқи муқаррароти Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Амороти Муттаҳидаи Араб, тадбирҳои зайл, аз қабили:

- ҷалби қувваи корӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати фаъолияти меҳнатӣ дар Амороти Муттаҳидаи Араб дар асоси дархости корфармо;
- таъсиси гурӯҳи кории муштарак аз ҳар ду ҷониби иборат аз 3 нафар барои татбиқи муқаррароти Ёддошт;
- ташкил ва доир намудани вохӯрии Гурӯҳи корӣ соле як маротиба бо мақсади баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои мубрами Ёддошт аз самтҳои фаъолияти муштараки ду кишвар дар ҷодаи муҳоҷирати меҳнатӣ маҳсуб дониста шудаанд.

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар дар самти пазирой ва пешбурди фаъолияти кории муҳоҷирони меҳнатӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба танзими қувваи корӣ дар Давлати Қатар танзим шудааст.

Тавре ки аз таҳлили мазмун ва мӯҳтавои Созишнома бармеояд, татбиқи тадбирҳои зерин дар самти роҳандозӣ намудани раванди муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба Давлати Қатар аз самтҳои асосии амалисозии он маҳсуб дониста мешаванд:

- пешниҳоди дархости корфармоёни Давлати Қатар аз ҷониби Вазорати рушди идорӣ, меҳнат ва умури иҷтимоии Давлати Қатар ҷиҳати бо кор таъмин намудани қувваи кории Тоҷикистон;
- таъмин намудани имконият ва захираҳои мавҷуда баҳри сафарбарии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолияти меҳнатии муваққатӣ дар ҳудуди Давлати Қатар аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати анҷом додани расмиёти гузаштан аз ташхиси тиббӣ, гирифтани шиноснома ва иҷозати парвоз барои интихобшудагон аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таъмини хароҷоти сафар аз ҷониби корфармо;
- таъсиси гурӯҳи муштарак барои иҷрои муқаррароти созишнома;
- баргузории вохӯрии гурӯҳи корӣ соле як маротиба барои ҳаллу фасли масъалаҳои мубрам ва вусъат бахшидани ҳамкориҳо дар ин самт.

Тибқи муқаррароти Созишнома Гурӯҳи кории муштарак таъсис дода шуда, аллакай ҷаласаи нахустини он санаи 2 декабри соли 2020 ба таври маҷозӣ баргузор гардид.

Ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ бошад, аз ҷониби Муассисаи давлатии "Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷа"- и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ сурат мегирад.

Инчунин, ҷониби Қатар омодагии худро ҷиҳати роҳандозӣ намудани ҳамкорӣ дар самти ба омӯзиш фаро гирифтани муҳоҷирони меҳнатӣ изҳор намуданд. Бо ин мақсад, Тарафҳо тасмим доранд, лоиҳаи "Таъсиси Маркази омӯзиши забони англисӣ ва арабӣ барои муҳоҷирон"-ро татбиқ намоянд.

Бояд қайд намуд, ки ҳадаф аз таъсиси Маркази омӯзиши забонҳои англисӣ ва арабӣ, рушди ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Давлати Қатар ташкили омӯзиш ва баланд бардоштани сатҳи забондонии шаҳрвандони Тоҷикистон, шинос шудани онҳо бо фарҳанги Давлати Қатар ва тақвияти сатҳи касбии муҳоҷирони меҳнатӣ - шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ дар ин кишвар, мебошад.

Новобаста аз ин, барои сафарбарсозии қувваҳои корӣ аз Тоҷикистон ба мамолики арабӣ зарур аст, махсусиятҳои ин самти диверсификатсия ба инобат гирифта шуда, тадбирҳои зерини иловагӣ андешида шаванд:

-таъсиси воҳидҳои кории махсус (атташеҳо оид ба муҳоҷират ва ё оид ба меҳнат) дар намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон дар кишварҳои арабии муҳоҷирпазир;
- омузиши мунтазами бозори меҳнати ин давлатҳо, муайянсозии таблати бозори меҳнат ба касбҳо, дараҷаҳои касбӣ, бастани созишномаҳои ҳамкорӣ дар ин самт бо корфармоёни ин давлатҳо;
-ташкили омузиши ҳатмии забонҳои хориҷӣ, бахусус забони англисӣ дар курсҳои кутоҳмуддати касбомузӣ барои қувваҳои кории сафарбаршаванда ба ин давлатҳо;
-таҳияи барномаҳо ва модулҳои таълимӣ барои марказҳои таълими калонсолон ҷиҳати омодасозии қувваҳои корӣ тибқи талаботи корфармоёни мамолики арабӣ;
- ташкили сминарҳои омузишӣ барои кормандони агентҳои хусусии шуғл ва муассисаҳои бокортаъминсозии шаҳрвандон дар хориҷа доир ба махсусиятҳои интиқоли қувваҳои корӣ ба мамолики арабӣ, аз ҷумла талаботи бозори меҳнат, талаботи қонунгузории меҳнат ва муҳоҷират дар ин давлатҳо.

## ПЕРСПЕКТИВЫ СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С АРАБСКИМИ СТРАНАМИ В ОБЛАСТИ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ

В данной статье обсуждаются вопросы, связанные с перспективами сотрудничества Таджикистана с арабскими странами, включая Объединенные Арабские Эмираты и Государство Катар в сфере трудовой миграции. В статье авторы проанализировали важность этого сотрудничества, его необходимость и перспективы. В конце статьи прдлагается полезные выводы и предложения по укреплению этого сотрудничества.

**Ключевые слова:** миграция, трудовая миграция, рынок труда, занятость, диверсификация, рабочая сила, политика, экономика...

## PROSPECTS FOR COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH ARAB COUNTRIES IN THE FIELD OF LABOR MIGRATION

This article discusses issues related to the prospects for cooperation between Tajikistan and Arab countries, including the United Arab Emirates and the State of Qatar in the field of labor migration. In the article, the authors analyzed the importance of this cooperation, its necessity and prospects. The article ends with useful conclusions and suggestions for strengthening this cooperation.

**Key words:** migration, labor migration, labor market, employment, diversification, labor force, politics, economics...

### Адабиёти истифодашуда:

1. Доклад Международной организации по миграции (МОМ). Дастрасӣ: Сомонаи расмии Созмони миллали мутаҳид// https://news.un.org/ru/story/2010/11/1174071.
2. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, D0pdf-1.
3. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2023. Июл. С. 465-500.
4. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Қатар дар бораи ҷалби қувваи корӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 феврали соли 2019 // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. -2019, феврал; Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Амороти Муттаҳидаи Араб дар бораи ҷалби қувваи корӣ аз 16 апрели соли 2018 // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. -2018, апрел.

**Маълумот оид ба муаллифон:**
Маҳмадбекзода Моёншо Шодмон,доктори илмҳои сиёсӣ, сарходими илмии Шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ.
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. тел.: +992907839645, E-mail: sorbon4@ inbox.ru
Махмадуллозода Нурулло Рахматулло,
номзади илмҳои ҳуқуқ, ходими калони илмии Институти фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносии АМИТ.
тел: +992 777079888 - моб. E-mail: nurullo_m@mail.ru
**Сведения об авторах:**
Махмадбекзода Моёншо Шодмон, доктор политических наук, главный научный сотрудник Отдела Юго-Восточной Азии Института изучения проблем Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33

Тел: +992907839645,Электронная почта: sorbon4@inbox.ru.
Махмадуллозода Нурулло Рахматулло, кандидат юридических наук, старший научный сотрудник Института философии, права и политологии НАНТ.телефон: +992 777079888; Электронная почта: nurullo_m@mail.ru

Information about Autors:
**Mahmadbekzoda Moyonsho Shodmon,**
Candidate of Political Sciences, Senior Researcher, Southeast Asian Department at the Institute of studying of the problems of Asian and European countries of the NAST. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. phone: +992907839645, Email: sorbon4@inbox.ru.
**Makmadullozoda Nurullo Rahmatullo,**
Candidate of Legal Sciences, Senior Researcher
Philosophical-legal and political Institute of the NAST
National Academy of Sciences of Tajikistan,
phone: +992 777079888,
Email: nurullo_m@mail.ru

## САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН ВА ЭРОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ

**ҲАЛИМЗОДА ДАЛЕР ОБИД-**
унвонҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

*Дар мақола масоили ҳамкориҳои иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон ва Эрон дар даврони истиқлол, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, паҳлӯҳои гуногуни он дар таълифоти муҳаққиқон инъикос ёфтааст, таҳлил ва баррасӣ гардидаанд. Дар он муаллиф бештар ба масоили ҳамкориҳои иқтисодии ду кишвари бародар, самтҳои афзалиятноки ин ҳамкориҳо, мушорикати Эрон дар амалигардии лоиҳаҳои бузурги зербиноии иқтисодии Тоҷикистон таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардааст.*

*Илова бар ин, дар мақола ҳамкориҳои гуногунҷанбаи иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд.*

***Калидвожаҳо**: муносибатҳои дипломатӣ, истиқлолияти давлатӣ, сиёсати хориҷӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ, ҳамкориҳои фарҳангӣ муносибатҳои дуҷониба, самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ*

Пас аз ташкил ёфтани давлатҳои соҳибистиқлол дар Осиёи Марказӣ раванди воридшавӣ ва тақвияти ҳузури давлатҳои бузурги ҷаҳон ва қудратҳои митақавӣ дар Осиёи Марказӣ оғоз ёфт. Агар дар тамоми асри ХХ ин минтақа таҳти ҳузури густурда ва бесобиқаи Россияи подшоҳӣ ва Иттиҳоди Шуравӣ қарор дошта бошад, пас аз соли 1991 ин минтақа дар маркази таваҷҷуҳи ду давлати бузурги дигар – ИМА ва Чин, қудратҳои минтақавӣ – Туркия, Эрон, Покистон ва Ҳиндустон қарор гирифт.

Дар баробари дигар кишварҳои минтақа Ҷумҳурии Исломии Эрон имкониятҳои бештари рушди муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ихтиёр дошт, зеро таърихи тӯлонии муштарак ва робитаҳои дар гузашта наздики фарҳангӣ заминаи мусоиди рушди муносибатҳоро фароҳам меоваранд. Ҳанӯз дар охири солҳои 80 ва ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта, замоне ки тамоилҳои марказгурез дар дохили низоми шуравӣ сар шуданд, роҳбарияти Эрон дар пайи барқарор кардани робитаҳо бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ гардида буд. Ҳамзамон Эрон аз он нигарон буд, ки раванди мустақил гардидани ҷумҳуриҳои минтақа метавонад сабабгори сар задани бесуботӣ ва низоъ дар марзҳои шимолии он кишвар гардад.

Аз ибтидои барқарор гардидани робитаҳои мустақим миёни Эрон ва давлатҳои тозаистиқлоли минтақа дар соли 1991 ва 1992 масири асосии рушди муносибатҳои дуҷониба густариши робитаҳои фарҳангӣ гардид. Барои Эрон дар марҳилаи аввали рушди равобит рушди робитаҳои тиҷоратӣ ва содироти мол нақши афзалятнок дошт. Воқеият чунин буд, ки дар ибтидои солҳои 90-ум дар баробари Эрон кишварҳои дигари минтақа – Туркия, Покистон ва Ҳиндустон манфиатдори барқарор ва густариши робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо давлатҳои Осиёи Маказӣ буданд ва дар ин замина дар байни онҳо рақобат оғоз гардида буд. Дар чунин вазъияти ҳассос, ба қавли муҳаққиқи эроншиноси рус В. Хуторская, роҳбарияти Эрон дарк намуд, ки фақат такя ба умумияти фарҳангӣ ва дар сиёсати хориҷӣ афзалият додан ба масъалаҳои рушди равобити фарҳангӣ метавонад заминаи наздикшавӣ бо кишварҳои минтақаро ба вуҷуд биёрад. Бесабаб набуд, ки соли 1995 вазири корҳои хориҷии Эрон Алӣ Акбар Вилоятӣ изҳор намуд, ки асоси ғоявии сиёсати хориҷии кишварро дар муносибат бо кишварҳои пасошуравии Осиёи Миёна усули эълон намудаи мутафаккири машҳур Алӣ Шариатӣ «бозгашт ба худ» ташкил медиҳад. Ин маънои онро дошт, ки Эрон кишварҳои минтақаро меросбари фарҳанги умумии дар тӯли қарнҳо дар минтақа ташаккулёфта медонист.

Тамоми фаъолияти сиёсӣ ва дипломатии Эрон дар ду даҳсолаи гузашта дар кишварҳои Осиёи Миёна ба ду соҳаи асосӣ – фарҳанг ва иқтисод равона гардида, натанҳо заминаи рушди муносибатҳои дуҷонибаро бо ҳар як аз кишварҳои минтақа ба вуҷуд овард, балки дар шароити сахти фишорҳои Ғарб ва ҷорӣ намудани таҳримҳои иқтисодӣ бори сангини онҳоро бар иқтисоди миллии кишвар сабуктар намуд.

Болотарин сатҳи ҳамкориҳо байни Эрон ва Тоҷикистон мушоҳида мегардид. Эрон дар раванди музокироти сулҳи Тоҷикистон ба сифати нозир дар ҳама даврҳои он ширкати фаъол дошта, бо мувофиқа бо Россия дар таъмини сулҳу субот дар Тоҷикистон нақши муҳим бозид. Пас аз хотима ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон Эрон дар сохтмони чанд лоиҳаи калони иқтисодӣ – сохтмони нақби Анзоб ва НОБ-и «Сангтуда – 2» саҳм дошта, дар Тоҷикистон бо ширкатҳои зиёди соҳибкорони эронӣ таъсис ёфта аст. Ба тира гардидани робитаҳо байни ду кишвар дар охири соли 2015 нигоҳ накарда, имконияти васеи рушди робитаҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ дар байни ду кишвари дӯсту бародар вуҷуд дорад.

Ҳамкории иқтисодии Тоҷикистон ва Эрон ниҳоят густурда ва фаррох буда, тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодиро фаро гирифтааст. Имрӯз "дар Тоҷикистон беш аз 220 корхонаҳои бародарони эронӣ дар заминаҳои энергетика, ҳамлу нақл, роҳсозӣ, кишоварзӣ, фароварии маҳсулоти кишоварзӣ, истеҳсоли маводи сохтмонӣ ва ғайра фаъолият мекунанд ва қарор аст, ки дар ояндаи наздик чанд ширкати дигар бунёд шаванд" [4, 116].

Ҳаҷми тиҷорати дуҷониба байни Тоҷикистон ва Эрон дар соли 2015 183,4 миллион доллари амрикоиро ташкил кардааст, ки аз ин ҷумла ҳаҷми содирот 60 миллион ва ҳаҷми воридот 123,4 миллион доллар мебошад [4, 116].

Молҳои асосии содироти Тоҷикистон ба Эрон аз пахта ва алюминии хом иборат мебошанд. Молҳои асосии воридотиро масолеҳи сохтмонӣ, маҳсулоти саноати химия ва мошинсозӣ, маводи хӯрокӣ ва маҳсулоти дигар ташкил медиҳанд.

Президенти Эрон Ҳасан Рӯҳонӣ дар ҷараёни сафари расмии худ ба Тоҷикистон дар иртибот бо пурра ба кор даромадани неругоҳи "Сангтӯда-2", изҳор намуд, ки "ба анҷом расидани сохтмони неругоҳи "Сангтӯда-2" на анҷоми кор, балки оғози ҳамкории густурдаи иқтисодии Эрону Тоҷикистон, бавижа дар бахши энерҷӣ, мебошад" [4, 117]. Итминони он аст, ки ин ҳамкориҳои густурдатар барои боз ҳам устувор шудани равобити бародаронаи Тоҷикистону Эрон – чи дар сатҳи давлатӣ ва чи дар заминаи мардумӣ мусоидат хоҳанд кард.

